**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ**
**БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 340+341 (575.3)**
**ТКБ: 67.3+67.91 (2 тоҷик)**
**Ҳ – 51**

**ҲАСАНЗОДА ШАҲНОЗА МУЗАФАР**

# ТАЪСИРИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ИНКИШОФИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

Ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат)

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Нематов Акмал Рауфҷонович

Душанбе - 2025

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисораҳо ........................................................................ 3**
**Муқаддима ............................................................................................ 4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ДОХИЛИДАВЛАТӢ**

1.1. Консепсияи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ........................................................................ 19
1.2. Таъсири мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ: умумият ва хусусият ........................................ 42
1.3. Таъсири мутақобилаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ: таносуб ва фарқият ............................................. 57
1.4. Таъсири мутақобилаи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ........................................................................ 73

**БОБИ 2. МАСОИЛИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Шаклҳои татбиқи (имплементатсияи) ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон .......................................... 89
2.2. Татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ .... 104

**БОБИ 3. ҲОЛАТИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ДОХИЛИДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

3.1. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ........................ 123
3.2. Такмили механизмҳои равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ .................. 136

**Хулоса** ........................................................................................ 156

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** ..................... 162

**Рӯйхати адабиёт (Маъхазҳо)** ...................................................... 166

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** ....................................... 186

**Рӯйхати ихтисораҳо**

АБНА –Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ.

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ.

КМГ ҶТ – Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

СААД – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ.

САҲА – Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо.

СБМ – Созмони байналмилалии меҳнат.

СММ – Созмони Милали Муттаҳид.

СУС – Созмони Умумиҷаҳонии Савдо.

СҲШ – Созмони Ҳамкории Шанхай.

СҲИ – Созмони Ҳамкории Исломӣ.

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон.

ФР – Федератсияи Россия.

ЮНЕСКО – Созмони Милали Муттаҳид оид ба илм ва фарҳанг.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Ҷаҳони мутамаддини муосир тағйир ёфта, ҷомеаи муосир дар баробари он дигаргун мешавад. Бинобар ин, низоми ҳуқуқии давлат бояд ба шароити муосири рушди ҷомеа мувофиқ бошад. Рушди босуръати низоми ҳуқуқии давлат навсозӣ ва такмили тамоми унсурҳо ва институтҳои он, аз ҷумла институти ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро пешбинӣ мекунад. Ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун низоми мустақили ҳуқуқӣ дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа воситаи универсалии ба сатҳи ҷаҳонӣ расонидани низоми танзими ҳуқуқӣ дар давлат буда, таъсири он ба низомҳои ҳуқуқии давлат равшан аст. Дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ низоми ҳуқуқии давлатҳо ба тағйироти амиқ дучор шуданд. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки давлатҳои мутамаддин ба ҳайси аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ баромад намуда, дар қонунҳои асосии худ ба ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории дохилидавлатӣ афзалият медиҳанд.

Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва дар арсаи байналмилалӣ мақому мартабаи худро ишғол намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, дар ташаккули ҳуқуқи байналмилалӣ бо ташаббусҳои байналмилалии худ фаъолона иштирок менамояд. Вобаста ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: «Ҳамкории Тоҷикистон бо ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар

Аврупо ва ниҳодҳои дигар ба фароҳамсозии шароит ва имконот барои тақвияти мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъоли он дар равандҳои глобалӣ ва барномаву заминаҳои мухталиф равона гардидааст» [147].

Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти комилҳуқуқи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Аз ин рӯ, қ. 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд» [1, с. 6]. Ин меъёри конститутсионӣ принсипи нави рушди ҳуқуқи дохилидавлатиро муайян намуда, ба низоми ташаккули қонунгузории кишвар тағйиротҳои ҷиддӣ ворид намуд. Ҳамин тариқ, яке аз аломатҳои узвияти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ин ворид шудани давлатҳо ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва таъмини ҳамкории онҳо бо қонунгузории дохилидавлатӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар замони муосир масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ аз нуқтаи назари таҳкими қонунияти байналмилалӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад. Зеро Эъломияи Ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 2000 дар Саммити Ҳазорсола қабул шуда буд, ҳадафи “афзоиш додани эҳтиром ба волоияти қонун дар сатҳи байналмилалӣ ва дохилӣ”-ро ифода кардааст [5; 6, с. 5].

Дар шароити муосир дар раванди равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ давлат, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои миллӣ такя мекунанд. Ба назари мо, ин аз он сабаб аст, ки институтҳо ва стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар марҳилаи ҳозира қобилияти танзими муносибатҳои нави байнидавлатиро надоранд.Аллакай равшан аст, ки он принсипҳо ва механизмҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ наметавонанд ба муносибатҳои байналмилалии асри XXI таъсир расонанд.

Принсипҳои асосии равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 мустаҳкам карда шудааст. Дар он қайд карда шудааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамуда, дар асоси меъёру принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бо дарназардошти ҳадаф ва манфиатҳои миллӣ амалӣ менамояд» [16; 17, с.35].

Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда мубрамияти мавзуи интихобшуда ва зарурати таҳлили комплексии таъсири ҳуқуқи байналмилалиро ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нави геосиёсии ҷаҳонӣ ва бино ба дастовардҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ нишон медиҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, ки масъалаи марказии назария ва амалияи ҳуқуқӣ аст, ҳамеша таваҷҷуҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб кардааст, ки аҳаммияти таҳқиқоти онро ҳам дар низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам дохилидавлатӣ нишон медиҳад. Аҳаммияти робитаҳои онҳо вақте дучанд меафзояд, ки дар шароити буҳрони ҳуқуқии байналмилалӣ ва низоъҳо таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба муносибатҳои байнидавлатӣ ҳадди ақалл кам мешавад ва сиёсатмадорон, олимон ва дар маҷмуъ ҷомеаи ҷаҳонӣ ба самаранокии ҳуқуқии он дар танзими муносибатҳои байналхалқӣ шубҳа мекунанд. Муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ ба масъалаҳои ҳамгироии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, инчунин соҳа ва институтҳои алоҳидаи он дар асарҳои олимон-ҳуқуқшиносони тоҷик баррасӣ гардидаанд. Баъзе ҷанбаҳои таърихию назариявии равобити мутақобилаи ҳуқуқи

дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ва ҷузъи алоҳидаи онҳо аз ҷониби Ф.Т. Тоҳиров [78, с.6-12], Ш.М. Менглиев [59], А.Р. Нематов [64; 122], Р.Ш. Шарофзода [73], С.А. Раҷабов [68; 69; 30], М.Н. Раҷабов [79; 80; 81; 82; 83; 84], Ф. Сулаймонов [75] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби академик М.А. Маҳмудзода [148], Э.С. Насриддинзода [120], Б.А. Сафарзода [120] ва дигарҳо таҳқиқ гардидаанд, ба масъалаҳои равобити сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ таҳқиқоти И. Камолзода [40], Д.Қ. Назаров [63] бахшида шудааст.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар асарҳои И.П. Блишенко [33], М.Н. Марченко [53; с.54], И.И. Лукашук [46; 47; 48; 49], С.Ю. Марочкин [51], Б.И. Осминин [65], В.М. Сирих [77] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои ҳамгироии ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар рисолаи диссертатсионии Д.Қ. Назаров таҳқиқ гардидааст [145].

Нақши олимони хориҷӣ дар таҳқиқи ҳамгироии ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ хеле назаррас мебошад. Дар ин самт корҳои Г. Бургентал [140], Г. Келзен [103], Ф. Мартенс [52], Г. Трипел [104], А. Фердросс [95], Л. Уалдбер [141] ва дигаронро қайд кардан лозим аст.

Дар таҳқиқи пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалӣ дар таърихи халқи тоҷик, равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон хеле назаррас мебошад [79; 80; 81; 82; 83; 84].

Бо вуҷуди чунин омӯзиши густурдаи ҷузъҳои алоҳидаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, асосҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқии таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистон аз ҷониби олимон-ҳуқуқшиносии тоҷик амалан таҳқиқ нашудааст. Дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон то кунун таҳқиқоти ҳамаҷонибаи масъалаҳои равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ сурат нагирифтааст. Масъалаҳои муайяншудаи таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи амиқи ин масъаларо аз ҷониби намояндагони ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам намояндагони илми назарияи давлат ва ҳуқуқ талаб мекунанд. Ба андешаи мо диссертатсияи мазкур ин холигиро дар омӯзиши асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳамин соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон бартараф хоҳад кард.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи барномаи панҷсолаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 дар мавзуи “Масъалаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ - ин гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-ҳуқуқии таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда ҳалли вазифаҳои зеринро зарур донистем:

– таҳқиқи консепсияҳои муосири равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ;

– гузаронидани таҳлили назариявӣ ва муайян намудани ҳолатҳои умумӣ ва хусусиятҳои хос дар сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ;

– баррасии таъсири мутақобилаи принсипҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ;

– баррасии низоми субъектони ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, ҳаммонандӣ ва тафовути онҳо;

– муайян намудани сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба рушди низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳқиқи дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории дохилидавлатӣ;

– гузаронидани таҳлили назариявии таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳқиқи механизмҳо ва самтҳои равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ба сифати объекти диссертатсионӣ фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектони ҳокимияти давлатие, ки ба ҳайси субъектони муносибатҳои байналмилалӣ ва дар эҷоди меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иштирок менамоянд, дар назар дошта шудааст.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот он муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи масъалаҳои муосири назарияи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2018-2021-ро дар бар мегирад. Доираи таърихии таҳқиқоти даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони муосир низ баррасӣ карда мешавад ва он солҳои 1991-2024-ро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии олимон-ҳуқуқшиносони тоҷик ва хориҷӣ ташкил доданд. Ҳамзамон, муаллиф на танҳо аз таҳқиқотҳо оид ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, балки аз сарчашмаҳои соҳавӣ низ ба таври васеъ истифода бурдааст, ки дар онҳо аз ин ё он ҷиҳат масъалаҳои таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар баррасӣ шудаанд, ё муқаррароти марбут ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар гирифтаанд. Дар диссертатсия асарҳои олимон-ҳуқуқшиносон И.П.Блишенко, М.Н. Марченко, Р.А. Мюллерсон, А.Р. Нематов, А.С. Пиголкина, С.В. Поленина, С.А. Раҷабов, Г.Трипел, Г.И. Тункин, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** маҷмуи методҳои илмӣ, аз қабили диалектикӣ, низомнок, сохторӣ-функсионалӣ ва ғайра ташкил медиҳанд, ки имкон доданд қонунияти асосии равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва дарк карда шуда, сохтор ва роҳҳои такмил додани он муқаррар карда шаванд. Усули диалектикии таҳқиқот ҳамчун усули асосии дарки объективии воқеият имкон дод қонуниятҳои рушди институти мазкурро дар шароити бунёди давлати демократӣ ва

ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон, муосиркунонии низоми ҳуқуқии давлат муайян карда шаванд. Усули низомнок имкон дод сарчашмаҳо, субъектҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатие, ки аз унсурҳои ба ҳам алоқаманди дар маҷмуъ низоми яճкпорчаро ташкилдиҳанда иборат аст, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷузъу унсурҳои алоҳидаи он ва робитаҳои мутақобила бо ҳамдигар ба таври муфассал таҳқиқ карда шаванд. Бо кумаки методи сохторию функсионалӣ механизм ва шаклҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ муайян карда шуданд. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои таҳлил, синтез, мушоҳида ва ғайра низ истифода шуданд, ки ҷиҳати омӯзиши роҳҳои равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалиро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муайян мекунанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаҳои маълумотро қонунугузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ва ба имзо расидаанд, маълумотҳои сотсиологӣ ва оморӣ, инчунин маводҳое дар бар гирифтаанд, ки дар онҳо таҷрибаҳои шуравӣ, пасошуравӣ, хориҷӣ ва Тоҷикистон оид ба масъалаи равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқотро фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти соҳавии ҳокимияти иҷроия ва дигарҳо ташкил доданд. Заминаи эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро инчунин дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки дар илми ҳуқуқии миллии ҷумҳурӣ аввалинмаротиба ин мавзӯъ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар он масъалаҳои назариявии таъсири мутақобилаи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, ҳамкории

мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, муносибати байни субъектони онҳо, инчунин таъсири мутақобилаи принсипҳои назарияи ҳуқуқ ва ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ба сиёсати байналмилалии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз дар муносибатҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, ҷиҳати такмили роҳу механизмҳои ҳамкории ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳодҳои мушаххас пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои навгонии зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси консепсияи омехтаи равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ (яъне, консепсияи монистӣ ва дуалистӣ) асос ёфтааст. Дар таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар аломатҳои хам консепсияи монистӣ ва ҳам дуалистиро дидан мумкин аст. Ҳама унсурҳои ҳарду консепсияҳо дар дебоча ва мазмуни моддаҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунандаи кишвар мушоҳида кардан мумкин аст.

2. Сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ нисбатан низоми мустақил мебошанд ва мутаносибан барои танзими муносибатҳои дохилидавлатию байналмилалӣ равона гардидаанд, яъне фазои танзими онҳо гуногун мебошанд. Ҳамзамон, таъсири мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ба ҳамдигар равшан ба назар мерасад. Пеш аз ҳама дар рафти рушди низоми қонунгузории дохилидавлатӣ таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ назаррас мебошад. Эълон намудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи конститутсионӣ

ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон на танҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, балки ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ баромад кунанд. Аз ин рӯ, дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва низоми давлатию ҳуқуқии кишвар ворид намудани меъёрҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо ба принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ танҳо бо роҳи трансформатсияи онҳо ба низоми қонунгузорӣ бояд амалӣ карда шаванд. Маҳз қонунгузории дохилидавлатӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини таъмини риояи уҳдадориҳои байналмилалии худ аз ҷониби давлат метавонад баромад кунад.

3. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқии дохилидавлатиро субъекти ягона – давлат муттаҳид менамояд. Давлат ҳамчун субъекти пайвасткунанда ва муттаҳидкунандаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ зуҳур намуда, шарики бевоситаи муносибатҳои ҳам дохилидавлатӣ ва ҳам байнидавлатӣ мегардад. Дар навбати худ, ҳуқуқи байналмилалӣ маҳз тавассути давлат ба низоми ҳуқуқӣ таъсир расонида, ба ҳамин тариқ самтҳо ва мушаххасоти асосии рушди онҳоро муайян мекунад.

4. Робитаи мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳияи аввалин санадҳои давлатию ташкилии Тоҷикистони соҳибихтиёр принсипҳо ва арзишҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ гузошта шуд. Чунин санадҳои ва ҳуҷҷатҳои асосгузорӣ ба монанди Эъломияи соҳибихтиёрии давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайвандгари байни низоми ҳуқуқи миллӣ ва принсипҳои

умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намуданд. Ҳамзамон, дар таҷрибаи ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири принсипҳои дохилидавлатӣ бо роҳи эътироф намудани принсипҳои умумии ҳуқуқ чун сарчашмаи асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ба назар мерасад.

5. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқии кишвар дар асоси принсипи эътирофи арзишҳои ҳуқуқи умумибашарӣ ва арҷгузорӣ ба манфиатҳои умумимиллӣ бояд амалӣ гардад. Ин на танҳо ба рушди низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба баланд бардоштани обрӯ ва нуфузи байналмилалии чумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

6. Раванди татбиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мавҷуда, ки ба назарияи дуализм дар доираи тартиботи ҳуқуқии дохилӣ асос ёфтааст, метавонад якранг бошад ва дар партави ду мафҳуми асосӣ, яъне трансформатсия ва инкорпоратсия баррасӣ мешавад. Маънои онҳо наздик аст ва воқеан рад кардани таъсири бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ба таври мутлақ дар низоми ҳуқуқии дохилӣ шарҳ медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои трансформатсия ва инкорпоратсия бештар истифода мегардад. Аммо чунин мешуморем, ки истинод ҳамчун шакли татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ кам истифода мешавад. Барои татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад, ки истинод ҳангоми бастани шартномаҳои байналмилалӣ самараноктар истифода шавад.

7. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилии Тоҷикистон бисёрҷанба буда, доираи васеи масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар рафти татбиқи ҳуқуқ ба миён меоянд. Якум, муқаррароти санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистоне дар

фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун асоси ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Дуюм, муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ бо дарназардошти муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои ҳуқуқии дахлдор, ки тартиби татбиқи онҳоро дар муносибатҳои дохилидавлатӣ танзим мекунанд, татбиқ карда мешавад. Сеюм, агар дар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ норасоиҳо мавҷуд бошанд, ин норасоиҳо бо меъёрхои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва баръакс пурра кардан мумкин аст.

8. Ҳуқуқи байналмилалӣ ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ бевосита таъсир расонида, самт ва динамикаи рушди онро муайян мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар рушди низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ, инчунин дар ҳалли мушкилоти глобалии башарият нодида гирифт. Ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ҳамеша нақши асосиро мебозад ва ба қонунгузории миллии он давлатҳое, ки худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ҳамеша таъсир мерасонад. Аммо дар шароити муосир, дар пасманзари муқовимати геополитикии байни давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ принсипҳо ва равишҳои нав ба шаклу механизмҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ зарур аст. Ин бояд ба принсипҳои ба назар гирифтани манфиатҳои миллӣ асос ёбад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он муайян мегардад, ки дар он таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки дар бораи механизмҳо ва самтҳои равобити байни онҳо, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввуроти томро медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот уфуқҳои навро барои омӯзиши чунин падидаи ҳуқуқӣ,

ба мисли консепсияҳои мавҷудаи равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, субъекти онҳо, сарчашмаҳо ва принсипҳо кашф намояд ва аз ҷиҳати амалӣ бошад, хулосаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди минбаъдаи он мусоидат карда, фаъолияти татбиқи ҳуқуқи байналмилалиро дар ҳудуди Тоҷикистон дар шароити бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ беҳтар кунанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз асоснок кардани пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ аз ҷониби муаллиф оид ба такмили равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иборат мебошад. Муқаррарот ва хулосаҳои диссертатсияро пеш аз ҳама, дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), мақомоти судӣ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди амалигардонии ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ аз ҷониби онҳо, ки метавонанд ба такмили шаклу методҳои фаъолияти онҳо мусоидат намоянд, дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ, курсҳои махсус ва дигар фанҳои соҳавии ҳуқуқи байналмилалӣ, дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ зимни таҳияи масоили таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** аз он иборат аст, ки назария дар асоси муқаррарот ва хулосаҳои ҷиддии илмӣ, ки дар адабиёти илмӣ васеъ паҳн шудаанд, асоснок карда шудааст. Идеяи илмӣ ба натиҷаҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихию ҳуқуқӣ, далелҳои боэътимоди таърихӣ, таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон, ба дастовардҳои назарраси илмие, ки дар адабиёти илмӣ ва ҷомеаи илмӣ паҳн ва эътироф шудаанд, асос ёфтааст. Ба эътимоднокии таҳқиқот истифодаи асарҳои илмии олимони ҳуқуқшиноси тоҷик ва хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии кишвар ва санадҳои

байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, мусоидат мекунад. Дар баробари ин, муаллиф на танҳо аз таҳқиқоти назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, балки аз сарчашмаҳои соҳавӣ, ки ин ё он ҷиҳати масъалаҳои марбут ба мавзуи рисоларо фаро гирифтаанд, васеъ истифода кардааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни рисолаи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси омӯзиши доираи васеи маводи илмӣ ва эмпирикӣ, бо таҳлили назарияҳо ва муносибатҳои мавҷуда ба равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, пешниҳодҳои мушаххасро оид ба таҳияи механизму воситаҳо ва қоидаҳои равобити онҳо ва қоидаҳои ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мамлакат ироа кардааст. Диссертант дар ҷамъоварии бевоситаи маводи бойгонӣ шахсан иштирок карда, заминаи қонунгузориро амиқ омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқотро дар интишорот ва гузоришҳои худ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди таъйиду тасдиқ қарор додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия карда шуда, дар ҷаласаи он мавриди муҳокима қарор гирифта, барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Муқаррароти асосии таҳлилӣ-амалии он дар маърузаҳои диссертант: Конфронси байналмилалии «Нақши Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди давлатдории миллӣ» (ш. Душанбе, 11 ноябри соли 2022), Конфронси

ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ» (ш. Душанбе, 14 июни соли 2022), мизи мудаввари коршиносон дар мавзуи “Таҳлили коршиносии масъалаи хушунат нисбати занон дар Тоҷикистон” (ш. Душанбе, 24 ноябри соли 2020) баён гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 6 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои ба феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD-аз рӯйи ихтисос бояд чоп карда шаванд, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, ки ҳашт параграфро дар бар мегиранд, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 187 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ДОХИЛИДАВЛАТӢ

## 1.1. Консепсияи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ

То ҳоло инсоният воситаи муосири танзими муносибатҳои иҷтимоиро ба мисли ҳуқуқ пайдо накардааст. Маҳз меъёри ҳуқуқ дар замони муосир ҳам дар арсаи байналмилалӣ ва ҳам дар арсаи дохилидавлатӣ ҳамчун воситаи асосии иҷтимоӣ-меъёрӣ буда, нисбат ба дигар меъёрҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ қобилияти ба таври пурра ва самаранок танзим намудани муносибатҳои муосири ҷамъиятӣ ва байнидавлатиро дорад. Дар шароити кунунӣ ҳуқуқ торафт бештар ҳамчун низоми шаклҳои ба ҳам алоқаманд ва вобастаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ амал мекунад. Аммо ақидаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки ҳуқуқ дар замони муосир аз се сатҳ иборат аст. Олими ҳуқуқшинос Д.М. Азмӣ қайд мекунад, ки «ҳуқуқ бояд ба се қисми асосии бисёрсатҳа тақсим шавад. Қисми аввал ҳуқуқи бунёдии низоми ҳуқуқӣ дар сатҳи байналмилалӣ, қисми дуюм ҳуқуқи асосии низомҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи миллӣ мебошад. Қисми сеюм ҳуқуқи умумӣ аст, яъне ҳам ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ хос аст» [106, с.199].

Мо чунин мавқеъро дастгирӣ мекунем, ки ҳуқуқ дар марҳилаи кунунӣ аз ду сатҳи ҳуқуқӣ - дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иборат мебошад ва замони муосир онҳо бо равобити зич доранд дар самти рушди низоми ҳуқуқии кишварҳо. Аз ин рӯ, ҳақ дар тарафи А.В. Мурунова мебошад, вақте ӯ қайд мекунад, ки «таъсири мутақобилаи низомҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, махсусан дар шароите, ки

ҷаҳонишавӣ сарҳади байни фаъолияти дохилӣ ва беруниро аз байн мебарад, хусусияти объективӣ дорад» [119, с.186]. Дар марҳилаи ҳозира равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ аҳамияти калон ва зарурати назариявиву амалӣ дорад. Зеро мавҷудияти ҳамоҳангии онҳо муҳимтарин омили ҳамзистии мусбати онҳост ва таъмини амнияту сулҳ дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Хусусияти объективии таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ вазифаи омӯзиши асосҳои консептуалии онҳоро мегузорад. Ин ҳам аҳамияти илмию методологӣ ва ҳам аҳамияти амалӣ дорад. Зеро рушди босамари низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва таъмини соҳибихтиёрии давлат ба дуруст интихоб кардани асосҳои консептуали равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ вобаста аст. Муқаррароти қисми 3, м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду лаҳзаи ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро мекушояд. Аввалан, ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ эътироф карда мешавад. Сониян, ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ бевосита таъсир мерасонад. Дар баробари ин, вақте ки дар диссертатсия дар бораи таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии як кишвар сухан меронем, бояд онро ҳамчун тамоми унсурҳои он, яъне қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ дарк кунем ва мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Маҳз дар ин чаҳорчӯба таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта мешавад.

Консепсияи назариявии таъсири мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таърихи нисбатан кутоҳ дошта бошад ҳам, робитаи меъёрҳои ин низомҳои ҳуқуқ хусусияти хоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалиро дар давоми таърихи чандинасраи онҳо ташкил медод. Масъалан, халқи тоҷик таърихи бою ғании рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва равобити он бо ҳуқуқи дохилидавлатиро дорад.

Муаррифӣ намудани таърих ва анъанаҳои ҳуқуқии миллати тоҷик, алалхусус пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ яке аз масъалаҳои мубраме ба ҳисоб меравад, ки имрӯз аз ҷониби олимони ватанӣ кӯшиш барои ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор додани он шуруъ гардидааст ва саҳми шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ин ҷода солҳои охир назаррас мебошад [79, с.4].

Давлат ва ҳуқуқ падидаҳои иҷтимоию таърихӣ мебошанд. Онҳо дар як вақт ба вуҷуд омада, дар ҷараёни рушди мазмуну шакли худро тағйир медиҳанд, то ин ки ҳар як навъи таърихии ҷамъият ба навъи давлат ва ҳуқуқи худ мувофиқ бошанд. Шароити объективии рушди давлатҳо зарурати муқаррар намудани муносибатҳои сиёсӣ, иктисодӣ ва мадании байни онҳоро ба миён меорад. Дар баробари ин дар асри гузашта ҷангҳои ҷаҳонӣ, ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ масъалаи зарурати танзими муносибатҳои байни давлату халқҳо ва баъдан рушди худи ҳуқуқро ба миён гузоштааст. Натиҷаи ин ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани низоми мушаххаси ҳуқуқ, яъне ҳуқуқи байналмилалӣ гардид, ки барои танзими муносибатҳои гуногуни байни давлатҳо ва халқҳо пешбинӣ шудааст. Аммо баробари он дар тули ҳазорсолаҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ дар дохили давлат бо ҳуқуқ ба танзим даровaрда мешуд, ки ин билохира низоми ҳуқуқи дохилидавлатиро ба вуҷуд овард. Бо ба вуҷуд омадани ду низоми ҳуқуқ, аввал низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ, баъдан низоми ҳуқуқи байналмилалӣ масъалаи равобити мутақобилаи байни онҳоро ба миён овард. Зеро онҳо низоми алоҳидаи ҳуқуқ бошанд ҳам, бисёр институтҳои умумии ҳуқуқӣ ба монанди субъект, сарчашма ва принсип онҳоро муттаҳид мекунад ва ҳамзамон онҳо дар

назди худ мақсади ягона гузоштаанд, ки ин барқарор намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар муносибаҳои ҷамъиятӣ чи дар дохили як давлат ва чи байни давлатҳо мебошад.

Ҳамин тавр, ба вуҷуд омадани низоми нави ҳуқуқ дар арсаи байналмилалӣ, яъне ҳуқуқи байналмилалӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи равобити онро бо ҳуқуқи дохилидавлатӣ ворид намуд, ки дар охир назария ва равишҳои зиёди илмиро оид ба масъалаи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқ дохилидавлатӣ ба миён овард. И.П. Блишенко масъалаи таҳқиқшавандаро ба се қисмат ҷудо мекунад: «1) таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлаитӣ ҳамчун низомҳои мустақили ҳуқуқ; 2) ҳамкории меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҳамчун низоми ягона; 3) масъалаи таъсири бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қаламрави давлат ва таъсири меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар соҳаи муносибатҳои танзимшавандаи ҳуқуқи байналмилалӣ» [33, с. 23]. Чуноне олимони тоҷик қайд мекунанд, «дар назарияи ҳуқуқ равандҳои муайяне (позитивизм ва нормативизми пурмуҳобот, европеосентризм, этатизм) ҳукмрон буданд, ки намегузоштанд ба таври кофӣ равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалиро ба таври васеъ кушода диҳанд» [80, с.4]. Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи байналмилалии муосир вақтҳои охир ҷиҳати муаррифӣ намудани паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ҳамчун ду низоми ҳуқуқии ба ҳам алоқаманди аз ҳам тафовутдошта истифода мешаванд.

Паҳлуҳои баҳсии муносибат, равобит ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ҳамчун назария ва консепсияҳои илмӣ танҳо дар нимаи дуюми асри XX баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва таъсиси Созмони Милали Муттаҳид шакл гирифтанд. Ин асосан бо он шарҳ дода мешавад, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои байни давлатҳоро то

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба танзим медаровард ва асосан дар охири асри XIX ва оғози асри XX аз низоми ҳуқуқии минтақавӣ ба низоми ягонаи ҳуқуқии байналмилалӣ гузашт ва ин раванд асосан дар минтақаҳои Аврупо ва Амрико ба назар мерасид, муносибатҳои байналмилаиро пурра ба танзим даровարда натавонист. Аз ин рӯ, зарурати таъсиси низоми нави ҳуқуқи байналмилалие, ки муносибатҳои байни давлатҳоро баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба танзим медарорад ва ақалан даҳсолаҳо сулҳу амнияти ҷаҳонро кафолат медиҳад, ба миён омад.

Тавре маълум аст, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои танзими муносибатҳои байналмилалӣ хизмат мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ бошанд, муносибатҳои гуногуни дохилидавлатӣ, яъне он муносибатҳои ҷамиятиро, ки дар худуди ин ё он давлати муайян ба вуҷуд меоянд, ба танзим медарорад. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҳамчун низомҳои мустақили ҳуқуқӣ муаррифӣ гаштаанд, ки дорои предмет, субъект, принсип, сарчашма ва дигар институт ва элементҳои ҳуқуқии худ мебошанд. Ҳарчанд ин низомҳои ҳуқуқӣ аз ҳамдигар мустақил бошанд ҳам, аммо онҳо бо ҳам дар равобит ва алоқамандии зич қарор доранд ва ба ҳамдигар таъсири бевоситаро бо мақсади рушди ҳамдигар мерасонанд.

Аммо пайдоиши низоми нави ҳуқуқ, яъне ҳуқуқи байналмилалӣ, масъалаи муносибати онро бо қонунгузории дохилидавлатӣ ба илми ҳуқуқшиносӣ ворид кард, ки боиси пайдоиши бисёр назарияҳо ва равишҳои илмӣ оид ба ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ гардид.

Масъалаи таносуб ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба ҳамдигар ҳам дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳам дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. То ҳол олимоне, ки масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ба як

хулосаи аниқ оид ба таносуб ва таъсири мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ наомадаанд. Ёдовар шудан лозим аст, ки саволи мазкур диққати олимонро ҳануз аз замонҳои давраи Эҳё ба худ ҷалб менамуд. Яке аз аввалинҳо шуда ба масъалаи мазкур олими олмонӣ Г.Трипел рӯй оварда, китоберо бо номи «Ҳуқуқи халқиятҳо ва ҳуқуқи замин» ба нашр расонидааст [104].

Оид ба масъалаи таносуб ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар илми ҳуқуқшиносии муосир ду назария ё консепсияи илмии асосӣ мавҷуд аст, ки моҳияти ҳуқуқии муносибат ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро ошкор мекунанд: дуалистӣ ва монистӣ. Соли 1962 ҳуқуқшинос Н.Минасян қайд карда буд, ки «масъалаи муносибатҳои ин ду шохаи ҳуқуқ мавзуи баҳсу мунозираҳои тезутунд дар илми ҳукуқшиносӣ буд ва мемонад, ин баҳсҳо ҳамон қадар сол боз вуҷуд доранд, ки худи илми ҳуқуқи байналмилалӣ вуҷуд дорад» [60, с.134]. Аммо бояд қайд кард, ки аввалин таълимоти марбут ба муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, ки дар асри XVIII паҳн шудааст, назарияи инкорпоратсия (incorporatio – лотинӣ “ҳамроҳ кардан”) буд, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони барҷастаи бритониёӣ Мэнсфилд ва Блэкстоун ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт. Мувофиқи ин назария меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ як қисми ҳуқуқи кишварро ташкил медоданд ва аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи миллӣ бевосита татбиқ гардида, бо воситаҳои ҳифзи миллӣ ва маҷбуркунӣ таъмин карда мешуданд. Чунонки И.Броунли қайд мекунад: «Ин консепсия, сарфи назар аз пайдоиши қадимии худ, то имрӯз дар робита бо ҳуқуқи анъанавии байналмилалӣ дар иёлоти Иттиҳоди Британия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико татбиқ карда мешавад» [101, с.43-48].

Ҳамин тавр, дар нимаи аввали асри XX дар таълимоти ҳуқуқӣ ду нуқтаи асосӣ оид ба масъалаи таъсири мутақобила, ё ин ки таносуби

ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ташаккул ёфта, имрӯз аз ҷониби ҳуқуқшиносон пазируфта шудааст: ***дуалистӣ ва монистӣ***.

Якчанд самти монизмро фарқ кардан мумкин аст. Аввалини онҳо ба ақидаҳои Г.Гегел асос ёфта, ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун як шохаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ муайян мекунанд. Аммо як қатор муҳаққиқон (намояндагони фалсафаи ҳуқуқ, олимон-ҳуқуқшиносон ва ғ.) ин равишро дастгирӣ накарда, танқид менамоянд. Зеро ба ақидаи онҳо «ин назарияи монистӣ истифодаи бемаҳдуди қувваи мусаллаҳро қонунӣ мегардонад ва дахлнопазирии манфиатҳои як давлати мушаххасро, ҳатто новобаста ба шартномаҳои қаблан басташуда заиф мегардонад, инчунин меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқ ва ахлоқро пешбинӣ менамояд, поймол мегардонад» [36, с.15].

Дар амалияи ҳуқуқии давлатӣ равиши монистӣ васеъ истифода мешавад, ки моҳияти он дар инкори мустақилияти нисбии низомҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ифода меёбад. Тарафдорони консепсияи монистӣ таъкид мекарданд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ байни худ тафовути ҷиддӣ надоранд ва бояд ҳамчун зуҳуроти мафҳуми ягонаи ҳуқуқ дониста шаванд. Ба ақидаи онҳо, ҳуқуқ тамоми ҷаҳонро фаро гирифта, системаҳои алоҳидаи тангтареро дарбар мегирад. Дар ин хусус С.В. Черниченко қайд мекунад: «Тибқи консепсияи монистӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ як низоми ягонаи ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ метавонанд бо дархости созандагони худ муносибатҳои дохилию байналмилалиро мустақиман танзим намоянд» [98, с.201].

Ду варианти назарияи монистӣ вуҷуд дорад, ки на танҳо ба ҳамдигар мухолифанд, балки якдигарро истисно мекунанд. Як гурӯҳи монистон нуқтаи назарро дар бораи афзалияти меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ нисбат ба меъёрҳои байналмилалӣ ҳимоя намуда, гурӯҳи дуюм чунин

ақидаро асоснок карданд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ олитарин тартиботи ҳуқуқиест, ки дар ҷаҳон вуҷуд дорад ва амали онро, бо ягон самт маҳдуд кардан мумкин нест.

Моҳияти консепсияи монистӣ дар бартарӣ доштани ҳуқуқи дохилидавлатӣ ё байналмилалӣ мебошад. Аз ин рӯ, як гурӯҳи монистҳо нуқтаи назарро дар бораи афзалияти меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳимоя менамоянд, гурӯҳи дуюм бошад, баръакс, имкони паҳн шудани ҳуқуқи танҳо байналмилалиро дар муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатӣ, ки маҳдуд кардан мумкин нест, мавриди баҳс қарор медиҳанд.

Назарияи монистӣ дар варианти муосири худ мустақилияти ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро аз ҳамдигар муқаррар намуда, ба робитаи зичи онҳо дар танзими босамари муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳам дар арсаи баналмилалӣ ва ҳам дар арсаи дохилидавлатӣ нигаронида шудааст. Дар доираи ҳар як доктрина метавонем консепсияҳоеро муайян кунем, ки роҳҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ нишон диҳад.

Назарияи аввали консепсияи монистӣ таносуб, таъсир ва алоқамандии ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ аст, ки дар ин таносуб равияи бартарии ҳуқуқи дохилидавлатӣ нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ маҳсуб мешавад. Тарафдорони назарияи мазкур бар он ақидаанд, ки ҳарчанд ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ як низоми томеро ҳам ташкил диҳанд, аммо ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз ҳуқуқи байналмилалӣ мустақил буда, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нисбат ба он баланд меистад.

Асосан ин назарияро олимони ҳуқуқшинос, ки дар рафти ҳокимияти Иттифоқи Шуравӣ фаъолияту меҳнат мекарданд дастгирӣ менамуданд [58, с.50]. Зеро ҳамон вақт, ҳокимияти шуравӣ бартарияти ҳуқуқи

байналмилаиро нисбат ба ҳуқуқи дохилидавлатии шуравӣ эътироф намекард.

Илми ҳуқуқшиносии шуравӣ муддати дароз аз он бармеомад, ки ҳуқуқи дохилидавлатӣ нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ бечуну чаро афзалият дорад. К.В. Ображиев дар ин бобат қайд мекунад, ки «Доктринаи шӯравӣ солҳои 40-50-уми асри XX афзалияти конунгузории дохилидавлатӣ соҳибихтиёрии давлатиро дар мадди аввал гузошта, дар ҳақиқат хусусияти ҳатмии ҳуқуқи байналмилалиро инкор мекард» [123, с.186-187]. Ба ҳеҷ кас пушида нест, ки ҳам дар низоми ҳуқуқӣ, ҳам дар илми хукукшиносӣ ва ҳам дар амалияи судии ИҶШС афзалияти ҳуқуқи дохилидавлатӣ нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ вуҷуд дошт.

Асоси ақидаҳои тарафдорони назарияи мазкурро, чи хел аллакай дар боло қайд намуда будем, ақидаҳои Г. Гегел ташкил медиҳад. Назарияи Г. Гегел вобаста ба масъалаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муносибатҳои байни давлатҳо ин муносибатҳои байни контрагентҳои мустақил мебошад, ки бо ҳам равобити сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ доранд, аммо баландтар аз он меистанд. Г. Гегел «давлатро ба ҳайси «рух» эътироф намуда, онро чун «ҳокимияти мутлақ дар рӯйи замин» муаррифӣ кардааст» [36, с. 169].

Бо вуҷуди ин, ҳеҷ шакке нест, ки низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ низ ба ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Он аз як тараф, дар таъсири меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба тартиби эҷоди меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (масалан, тавассути бастани шартномаҳои байналмилалӣ) ва тартиби минбаъда дар доираи низоми ҳуқуқии миллӣ ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ зоҳир мегардад. Аз тарафи дигар, «меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ бо роҳи дар ҳуқуқи миллӣ қайд намудани принсипҳои сиёсати хориҷии давлат ва

муқаррар намудани асосҳои фаъолияти сиёсати берунӣ метавонад таъсир расонад» [56, с. 17].

Назарияи афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ яке аз самтҳои назарияи монистӣ буда, моҳияти он дар ин зоҳир мегардад, ки дар таносуб ва алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ бартарият дар танзими муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дода мешавад. Яъне, дар ҷараёни танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳангоми мухолифати меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, меъёрҳои охирин амал менамояд. Аввалин олимоне, ки назарияи мазкурро дастгирӣ намуданд Г. Келзен, Ж. Ссел, Ш. Руссо ва дигарон мебошанд [103].

Паҳншудатарин ақидаи монизм – ин аз бартарии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бар қонунгузории дохилидавлатӣ бармеояд. Муқаррароти асосии он дар асарҳои ҳуқуқшинос ва файласуфи Австрия Г.Келзен асоснок карда шудааст. Ӯ мавҷудияти низоми ягонаи иерархиро бо мақоми олии ҳуқуқи байналмилалиро дар ин иерархия асоснок кардааст. Дар натиҷа, ҳама гуна меъёрҳои қонунгузории дохилидавлатӣ, ки хилофи қонунҳои байналмилалӣ мебошанд, эътибор надоранд. Инчунин, Г. Келзен мафҳуми «соҳибихтиёрии давлатӣ»-ро рад кардааст. Ба ақидаи ӯ, «соҳибихтиёрӣ танҳо ба низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ хос аст ва танҳо то он даме ки тартиботи олии ҳуқуқӣ бар он муқаррар карда шавад» [114, с.437]. Ӯ менависад: «Байни ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ сарҳади мутлақ вуҷуд надорад. Фарқи байни онҳо хеле нисбӣ аст» [103, с.325].

Гуногунии таълимоти монистӣ, ки инҷониб таҳқиқ гардид, аз он ҷиҳат низ шубҳанок аст, ки инкор кардани соҳибихтиёрии давлатӣ як ҷузъи инкор кардани худи моҳияти ҳуқуқи байналмилалӣ ба шумор меравад.

Консепсияи монистие, ки бартарияти ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ эътироф мекунад, мутобиқи он санадҳои ё дигар сарчашмаҳои байналмилалие, ки давлат эътироф кардааст, ба таври автоматӣ барои давлат пас аз имзо, тасвиб ё интишори расмӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Гузашта аз ин, ҳеҷ гуна расмиёти иловагӣ барои ворид кардани ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ вуҷуд надорад. Дар баробари ин ба санадҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ муқаррароте дохил карда мешаванд, ки аз ҷиҳати матн бо меъёрҳои чунин шартномаи байналмилалӣ мувофиқат мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки мутобиқшавӣ метавонад ҳамчун як намуди ҳамроҳшавӣ баррасӣ карда шавад.

Дар мувозинат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ дохил кардани муқаррароте, ки аз рӯйи матн бо меъёрҳои чунин шартномаи байналмилалӣ мувофиқат мекунад, метавонад ба амал ояд ва инчунин ба назар мерасад, ки мутобиқшавӣ метавонад ҳамчун як навъ ҳамроҳшавӣ ба ҳисоб равад.

Назарияи ***дуалистӣ***, дигар консепсияи робитаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро баҳисоб рафта, дар охири асри XIX дар робита ба зарурати муайян кардани шаклҳо ва усулҳои татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатӣ ба миён омадааст. Асосгузорони консепсияи дуализм Г.Трипел, Д.Ансилоти ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро ду низоми ҳуқуқии гуногун ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробар ҳисоб кардаанд, ки сарчашмаҳои онҳо бо ҳамдигар рақобат карда наметавонанд. Масалан, Г.Трипел дар ҷараёни таҳаввули ҳуқуқи байналмилалӣ қайд менамояд, ки «он ҷамъияти ба худ хос, яъне ҷомеаи байналмилалии ҷаҳониро дорад. Мавҷудияти ҳуқуқи байналмилалӣ далели объективӣ буда, ҳуқуқи байналмилалиро ифода мекунад ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи он объективӣ мебошанд» [104, с.87]. Асосгузорони мафҳуми дуалистӣ ҳуқуқи байналмилалӣ ва

дохилидавлатиро ду низоми ҳуқуқии гуногун ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробар донистанд, ки сарчашмаҳои онҳо бо ҳам рақобат карда наметавонанд [31, с.163].

Назарияи дуалистӣ, ки хусусияти муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро ошкор мекунад, дар навбати аввал, аз он шаҳодат медиҳад, ки ба сабаби зиёд шудани шумораи созишномаҳои бисёрҷониба аз тарафи иштироккунандагони муносибатҳои байнидавлатҳо ба имзо расида, мушкили тартиби таъмини иҷрои онҳо аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ба миён омад. Баъдан, дар нимаи дуюми асри XIX дар бисёр мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ конститутсияҳои нав қабул гардидаанд, ки онҳо принсипи волоияти конститутсиро ифода менамуданд ва ин мақоми ҳуқуқи дохилидавлатиро дучандон меафзуд. Аз ин рӯ, татбиқи бевоситаи ҳуқуқи байналмилалиро дар муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатӣ мушкил гардонид, ки асос барои пайдошавии консепсия ё назарияи дуалистӣ заминаи илмӣ гузошта шуд.

Бояд гуфт, тибқи ақидаи дуализм, низомҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ мустақил ба ҳисоб рафта, дар сатҳҳои гуногун бе бартарият нисбат ба ҳамдигар амал мекунанд. Дар баробари ин имкони дар як вақт танзим намудани муносибатҳои муайяни якхела бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилии кишвар иҷозат дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки аз нигоҳи дуалистӣ низомҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ мустақил ҳам бошанд ва дар сатҳҳои гуногун бидуни бартарӣ нисбат ба якдигар ҳам амал кунанд, бо вуҷуди ин онҳо бо ҳам дар равобити мутақобила қарор дошта ба ҳамдигар таъсири бевосита мерасонанд. Л.П. Ануфриев қайд мекунад, ки «ғояи асосии консепсияи дуалистӣ «равобити байни системаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ» мебошад» [28, с.94].

Дар айни ҳол, танзими ҳамзамонии муносибатҳои муайяни якхела бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ иҷозат дода мешавад. Расман, низомҳои баррасишаванда ҳеҷ гоҳ ба муқовимат дучор намегарданд. Мухолифатҳое, ки дар ин замина ба миён омаданаш мумкин аст, одатан бо ёрии механизмҳои самарабахши байналмилалӣ ё тавассути гуфтушунидҳои дипломатӣ, баргузории конференсияҳо, симпозиумҳо ва дигар роҳҳои ҳалли мусолиматомези низоъҳо ва ҳолатҳои баҳснок ҳал карда мешаванд.

Татбиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии мавҷудаи байналмилалӣ дар доираи низоми миллии ҳуқуқи дохилидавлатӣ, ки ба консепсияи дуалистӣ асос ёфтааст, якранг нест ва дар партави ду мафҳуми асосии ҳуқуқӣ, яъне «тағйирот» ва «татбиқ» баррасӣ карда мешавад. Профессор С.В. Черниченко моҳияти ин равандро таҳлил намуда, онро «трансформатсия» меномад [97, с.54]. Мазмуни он мутобиқ намудани ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқи байналмилалӣ тавассути таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини иҷро ё риояи меъёрҳои муқарраркардаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Дар хотир доштан зарур аст, ки мафҳуми «транформатсия» дар чунин замина шартӣ аст, зеро дар асл меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ табиати ҳуқуқии худро гум намекунанд.

Бо ёрии ҳуқуқи дохилидавлатӣ, ворид кардани меъёрҳо ба қонунгузории дохилидавлатӣ муқаррароте мебошанд, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ истинод мекунанд, ки бо шарофати онҳо ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҳисобида шуда, қобилияти танзими муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатиро пайдо мекунанд. Дар воқеъ, дар қонунгузории дохилидавлатӣ меъёрҳое ташаккул меёбанд, ки бо шаклдиҳӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ шабоҳат доранд.

Тарафдори дигари «транформатсия» профессор Е.Т. Усенко онро «ҳамчун як падидаи объективие меномад, ки дар ҳама тарзҳои имконпазири иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишвар тавассути интишори санадҳои меъёрӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ифода ёфтааст» [93, с.145]. Ӯ тағйиротро ба: «умумӣ ва махсус тасниф мекунад. Намуди аввал аз ҷониби кишвар тасдиқ кардани як санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътибори ҳуқуқии дохилидавлатӣ медиҳад. Дувум, бо инъикоси матни ҳуқуқи байналмилалӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ, ки тарзи дигари муқарраршудаи изҳори ризоият ба татбиқи онҳо ё тавассути ҷорӣ кардани баъзе муқаррароти мутобиқшуда ба воқеиятҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ меноманд, амалӣ мешавад» [93, с.145].

Профессор Э.Т. Усенко тасдиқро ҳамчун яке аз шаклҳои тағйирот муаррифӣ мекунад. Мавқеи ӯ ба он асос ёфтааст, ки «тасвиб на танҳо тасдиқи як созишномаи байналмилалӣ аз ҷониби давлати мушаххас, балки инчунин бо қувваи қонунии қонунгузории дохилидавлатӣ тақдим кардани он мебошад» [93, с.14]. Профессорон С.Л. Зивс ва Д.Б. Левин ақидаи дигар доранд: «Бо тасвиб онҳо ҳолати эътироф кардани салоҳияти як созишномаи байналмилалиро дар қаламрави кишвар мефаҳманд, аммо на ба далели он, ки он хусусияти сарчашмаи ҳуқуқи дохилии амали мустақимро касб кардааст» [38, с.19]. Тафсири дувуми он саҳеҳтар ба назар мерасад, зеро агар он аз маънои аввалӣ бармеомад, пас ҳама гуна шакли изҳори назари давлатии розигӣ ба шартномаи байналмилалӣ ба он эътибори санади меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ медиҳад. Ин, дар навбати худ, ба баланд шудани ҳудуди низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ оварда мерасонад.

Бо дарназардошти афзалият ба муқаррароти консепсияи дуалистӣ дар омӯзиши муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, бояд дар

хотир дошт, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба сабаби омилҳои объективӣ ва субъективии рушди равандҳои ҳамгироӣ ба ҳам наздиканд. Ба андешаи як гурӯҳ олимони ҳуқуқшинос, дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳз ҳамин консепсия имкон медиҳад, ки омезиши оқилонаи манфиатҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таъмин карда шаванд.

Ба андешаи мо равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои омехта (яъне ҳам монизм ва ҳам дуализм) ба танзим даровarda шавад. Дар он бо дарназардошти эътирофи меъёрҳои байналмилалӣ манфиатҳои соҳибихтиёрӣ, давлатӣ ва миллӣ низ ба инобат гирифта шудаанд, аз ҷумла, дар ҳолатҳои зерини конститутсионӣ инъикоси худро ёфтаанд: Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати сохибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд муносибатҳои хешро дар асоси сиёсати сулҳҷуёна дар амал татбиқ менамояд ва соҳибихтиёрию истиқлоли дигар давлатҳоро эътироф менамояд, инчунин ҳангоми ба амал баровардани муносибатҳои хориҷӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ такя намуда, вобаста ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои муфидро ба роҳ мемонад. Дар ин бобат М.Ю. Ижиков қайд мекунад, ки «масоили муҳими равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ назарияи конститутсионализм мебошад, ки ба давлатҳо дар ҳифзи худ аз дахолати мақомоти судии нисбат ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад. байналмилалӣ кӯмак мекунад» [143, с. 20].

Дар низоми таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ бо ҳуқуқи дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаҳои ҳар ду консепсияҳо ба назар мерасад. Хусусияти монистӣ дар эътирофи бартарияти меъёрҳои байналмилалӣ Хусусияти дуалистӣ бошад, дар бартарияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ инъикос меёбад.

Тавре ишора намудем, ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун ду низоми мустақили ҳуқуқӣ эътироф карда шуда бошанд ҳам, бо вуҷуди ин онҳо дар робитаи зичи байниҳамдигарӣ қарор доранд ва дар алоҳидагӣ онҳо бидуни якдигар вуҷуд дошта наметавонанд.

Бояд таъкид кард, ба ҳамон андозае ки ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ таъсир мерасонад, ҳуқуқи дохилидавлатӣ низ метавонад ба мазмуну мундариҷаи ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир расонад. Олими Швейтсария Л. Уалдбер менависад: «Ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ бо ду роҳи асосӣ таъсир мерасонад. Якум, бо роҳи пешакӣ муайян кардани моҳият ва мазмуни ҳуқуқи байналмилалӣ, дувум, бинобар таъсири қонунгузории дохилидавлатӣ ба раванди эҷод ва татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ» [141, с.174]. Мо ин андешаи олимро дастгирӣ мекунем.

Ҳуқуқи дохилидавлатӣ чун низоми мустақили ҳуқуқ дарбаргирандаи маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар натиҷаи ба амал баровардани сиёсати ҳуқуқии ҳамин давлат дар қаламрави худ ба вуҷуд омада, ба ҳайси воситаи амалигардонии манфиати давлат ва ҷомеа зуҳур мекунад. Меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ танҳо муносибатҳои дохилидавлатиро ба танзим медароранд. Чунин фикрҳо ҳам ҳаст, ки мутобиқи амалия қонунгузории дохилидавлатии як давлат дар қаламрави дигар давлат паҳн карда намешавад ва амали ин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қаламрави ин давлат маҳдуд карда мешавад. Аммо тибқи созишномаҳои байналмилалӣ, метавонад санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ қувваи юридикии худро дар қаламрави дигар давлат паҳн кунанд. Ин мисолро мо дар муносибатҳои байни Федератсияи Россия (ФР) ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ мушоҳида карда метавонем, дар сурате ки санадҳои Комиссияи олии аттестасионии Федератсияи Россия дар қаламрави Тоҷикистон амал мекунанд. Ин чунин

маъно дорад, ки дар ин ҷо меъёри ҳуқуқи дохилидавлатӣ омили ба вуҷуд овардани меъёрҳои байналмилалӣ, яъне бастани Созишномаи байниҳукуматиро ба миён овардааст.

Олими рус М.Н. Марченко «ҳам таъсири моддӣ ва ҳам мурофиавии ҳуқуқи дохилидавлатиро ба ҳуқуқи байналмилалӣ мушаххас мекунад, ки он тавассути амалигардонии сиёсати хориҷии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо ба амал бароварда мешавад» [54, с.488].

Дар бораи алоқамандӣ ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ намояндаи дигари назарияи дуалистӣ Д. Ансилоти фикру мулоҳизаҳои худро баён намуда, чунин андеша дорад, ки «ҳуқуқи байналмилалӣ метавонад ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва дар навбати худ ҳуқуқи дохилидавлатӣ низ ба ҳуқуқи байналмилалӣ батанзимдарории ин ё он масъаларо ҳавола созад ва ба он таъсир расонад» [29, с.66].

Дар айни замон бештари давлатҳои дунё, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории худ равияи мазкур, яъне бартарияти ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ дарҷ намудаанд. Дар моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст, ки «санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд» [1, с.6]. Ин ба таъсири муттаҳидкунандаи ҳуқуқи байналмилалӣ на танхо ба ҳуқуқэҷодкунӣ, балки ба ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқҳифзкунӣ, иҷрои ҳуқуқ, мураттабсозии ҳуқуқу, тафсири ҳуқуқу, маданият ва шуури ҳуқуқии шахрвандони кишвар, яъне ба ҳамаи унсурҳои низоми ҳуқуқии кишвар, ишора менамояд ва бевосита таъсир мерасонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории навини худ якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бахши тартиби бастан, тасвиб, қабул, тасдиқ, бақайдгирӣ, нашр, иҷро кардан, бекор кардан ва боздоштани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин қонуне, ки бори аввал муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи шартномаи байналмилалӣ ба танзим даровардааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 «Дар бораи тартиби бастан, ратификатсия намудан, иҷро кардан ва беэътибор сохтани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9] ба ҳисоб меравад. Қонуни мазкур аз сарсухан, 6 қисм ва 27 модда иборат буда, масъалаҳои муқаррар кардан, тартиби бастан, ратификатсия намудан, иҷро намудан ва беэътибор сохтани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои хусусияти байниидоравӣ мебошанд, дар бар гирифтааст ва тибқи ҳамин қонун таъмини иҷрои он ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуда буд.

Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 1993, №646 «Низомнома дар бораи тартиби имзо, иҷро ва денонсатсияи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои хусусияти байниидоравианд» [19] тасдиқ карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 ноябри соли 1995 ба Конвенсияи Вена аз 23 майи соли 1969 «Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналмилалӣ» [4] ҳамроҳ шудааст ва тибқи он аввал Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999, №908 «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [10], баъдан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1326 «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [11] қабул карда шудааст, ки аз муқаддима, 7 боб ва 31 модда иборат аст.

Қонун мазкур ҳамчун сарчашмаи ёрирасони хуқуқи шартномаи байналмилалӣ, муқарраркунандаю танзимгар ва муайянкунандаи тартиби бастан, тасвиб, қабул, тасдиқ, бақайдгирӣ, нашр, иҷро кардан, бекор кардан ва боздоштани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки доираи татбиқаш бо шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз хусусият ва ном бо кишварҳои хориҷӣ ва

созмонҳои байналмилалӣ аст. Дар Қонун тафсири 14 мафҳум оварда шуда, мавқеи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми ҳуқуқии кишвар инъикос кардааст. Инчунин дар қонуни номбурда масъалаҳои «тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ ба онҳо, иҷрои шартномаҳои эътирофшуда аз ҷониби Тоҷикистон, тартиби интишор, бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ ва нигаҳдории шартномаҳои байналмилалии кишвар, тартиби тағйир додан, қатъ намудан ва боздоштани амали шартномаҳо мустаҳкам гардидаанд» [11].

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати мухолифати қонунҳои ҷумҳурӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофгашта меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ амал менамоянд. Амалӣ намудани меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ марҳилаи муҳимтарини раванди таҳияи меъёрҳо мебошад, ки тавассути он давлат қонунгузории худро такмил медиҳад, онро бо мазмуну муҳтавои нав ғанӣ мегардонад.

Механизми тавсифшуда бо тарзи амали худ аз механизме, ки дар доираи таълимоти монистӣ баррасӣ мешавад, фарқ намекунад, вале хусусияти ҳуқуқии дигар дорад. Тибқи гуфтаҳои боло, зикр кардан бамаврид аст, ки давлат аз ҷиҳати матн ба қонунгузории дохилидавлатӣ муқарраротеро ворид мекунад, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ тааллуқ доранд, ки ба туфайли онҳо қонунгузории дохилидавлатӣ ҳисобида мешавад ва қобилияти танзими муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ пайдо мешавад. Воқеан, дар ҳуқуқи дохилидавлатӣ меъёрҳое ташаккул меёбанд, ки аз ҷиҳати баён ба ҳуқуқи байналмилалӣ якхелаанд.

Ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи байналмилалӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад. Дар баробари ин, маълум

аст, ки муайян кардани усулҳои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар сатҳи миллӣ ба салоҳияти давлат дохил мешавад.

Асосгузори назарияи дуализм Г.Трипел ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро ду низоми мустақил ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробар ҳисоб мекунад, ки сарчашмаҳои онҳо бо ҳамдигар рақобати мутақобила надоранд. Ин назария ба фарқияти назарраси байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ асос ёфтааст ва ин пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки онҳо дорои мавзуҳои гуногуни танзимкунанда доранд. Дуалистҳо боварӣ доштанд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар сатҳҳои гуногун амал мекунанд. Аз ин рӯ, ҳатто агар соҳаи умумие вуҷуд дошта бошад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ҳамзамон дар робита ба як объекти зиддиятӣ амал карда метавонанд, он набояд ба амал ояд, зеро судҳои байналмилалӣ вазифадоранд ҳуқуқи байналмилалӣ ва судҳои миллӣ меъёрҳои қонуни дохилидавлатиро татбиқ кунанд. Ҳуқуқи байналмилалӣ аз нуқтаи назари тарафдорони назарияи дуалистӣ метавонад дар чаҳорчӯби тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатӣ танҳо дар сурате эътибор дошта бошад, ки он ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ “табдил” ё “дохил карда шавад”.

Тарафдорони консепсияи монистӣ бар хилофи дуалистҳо таъкид мекарданд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ байни худ тафовути ҷиддӣ надоранд ва бояд ҳамчун зуҳуроти моҳияти ягонаи ҳуқуқӣ ҳисоб карда шаванд. Ба андешаи онҳо, ҳуқуқ тамоми ҷаҳонро фаро гирифта, низомҳои инфиродии тангтареро дар бар мегирад, ки дар сатҳи муайян ҷойгиранд. Дар баробари ин, як гурӯҳи монистҳо ақидаи бартарияти меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатиро нисбат ба меъёрҳои байналмилалӣ ҳимоят намуда, гурӯҳи дигар ин ақидаро асоснок кардаанд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ олитарин тартиботи ҳуқуқии мавҷуд дар ҷаҳон мебошад, ки

аз рӯйи принсипи «дар ягон самт маҳдуд карда намешавад», амалӣ мегардад.

Дертар ақидаҳои дуалистӣ ва монистӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ аз тарафи намояндагони назарияи координатсионӣ сахт танқид карда шудаанд. Яке аз намояндагони намоёни он Джералд Харис чунин андеша дошт, ки «ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ на танҳо дар сатҳҳои гуногун амал мекунанд, балки соҳаҳои гуногуни фаъолият ва муносибатҳои ҷамъиятии гуногунро ба танзим медароранд. Онҳо умуман ҳамчун низомҳои ҳуқуқ бо ҳамдигар мухолифат намекунанд, зеро ҳар кадоми онҳо дар доира ва сатҳи худ олӣ мебошанд» [102, с.70].

Дар нимаи дуюми асри XX бисёре аз тарафдорони назарияҳои дуалистӣ ва монистӣ воқеан ба як хулоса ва фаҳмиши умумии проблемаи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ҳамчун ду низоми гуногун, вале бо ҳам зич алоқаманд ва ба таври муайян марбут ба сохторҳои ҳуқуқӣ омадаанд. Ҳардуи ин мафҳумҳо дар тафсири муосири худ имкон ва зарурати равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро ҳамчун низомҳои мустақил дар раванди танзими доираи мунтазам васеъшавандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф мекунанд. Дар ин шароит вазифаи муайян кардани мушаххасоти асосии механизми чунин равобит аҳаммияти бештар ва амалӣ пайдо мекунад, зеро дар ин масъала ҳам дар доктринаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар доираи амалияи ҳуқуқӣ ихтилофи назарҳо боқӣ мондаанд.

Ҳамон ҳолате, ки давлатҳо дар равандҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун эҷодкунандаи меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ амал мекунанд, мутобиқати моҳиятии ин қоидаҳои рафторро муайян намуда, имкон медиҳад, ки онҳо дар комплексҳои ҳифзи ҳуқуқ муттаҳид шаванд ва муносибатҳои ҷамъиятии ҳар як объектро танзим кунанд. Дар баробари ин,

меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ сохтори нави низомиро ташкил намекунанд, балки чун як ҷузъи низомҳои ҳуқуқи худӣ боқӣ мемонанд ва бо ҳамдигар ба алоқаи муайяни функсионалӣ ворид мешаванд.

Ба фикри М.Н. Марченко, «дар марҳилаи имрӯза, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ ҳар як давлат ҳангоми танзими муносибатҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ бояд на аз муқаррароти асосии мафҳуми монистӣ, балки мафҳуми дуалистӣ барояд. Моҳияти он дар эътирофи пурраи хусусияти мустақилияти низоми чи ҳуқуқи байналмилалӣ ва чи ҳуқуқи дохилидавлатӣ мебошад» [54, с.473].

Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳлили доктриналии муносибат ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро ҷамъбаст намуда, бояд қайд кард, ки ин масъала дар таҳқиқоти илмӣ ҳангоми баррасии проблемаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо дар нимаи дуюми асри XIX, вақте ки аввалин рисола дар Лейптсиг нашр шуд, мавриди таҳқиқоти махсус фақат дар асри XX қарор гирифтааст. Дар доктринаи ҳуқуқӣ доир ба ин масъала се нуқтаи назари гуногун ба вуҷуд омадааст: дуализм ва ду шакли монистӣ ташаккул ёфтааст. Бояд таъкид кунем, ки назарияҳои монизм ва дуализм куҳна шудаанд. Бинобар номукаммалии назарияҳои монизм ва дуализм метавон гуфт, ки маҳз ба сабаби ин номукаммалӣ низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ба бuҳрони шадид гирифтор шудааст. Аз ин рӯ, дар асоси назарияҳои мавҷуда назарияҳои нави равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ бояд коркард шаванд, ки дар он ҳам арзишҳои байналмилалие, ки дар тули садсолаҳо ба даст оварда шудаанд ва ҳам ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шаванд.

Андешаҳои болоро ҷамъбаст карда, ба ин натиҷа расидем, ки ҳангоми омӯзиши муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба

муқаррароти консепсияи омехта бояд бартарият дода шавад. Набояд фаромуш кард, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ бо омилҳои объективӣ ва субъективӣ ба ҳам зич алоқаманданд. Ба ақидаи мо, дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳз ҳамин консепсияи омехта (ҳам монистӣ ва ҳам дуалистӣ) имкон медиҳад, ки манфиатҳои дохилидавлатӣ оқилона ба инобат гирифта шаванд, эҳтирому риояи арзишҳои умумиҷаҳоние, ки дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ устувор гардидаанд, таъмин карда шавад. Пас, агар аз як тараф ин бархурд ниёзи давлатро барои ҳифзи ҳувият ва соҳибихтиёрии худ ба инобат гирад, аз тарафи дигар, ба зарурати аз ҷониби давлат риоя ва ҳифз кардани принсипҳои асосӣ ва арзишҳои байналмилалӣ, ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дарҷ ёфтаанд ва қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ эътироф шудаанд, аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад. Дар навбати худ, принсипи омехта бевосита дар матни дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шудааст, ки дар он гуфта шудааст «Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, ...» ва «таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда» ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем» [1, с. 3]. Аз ин рӯ, принсипи омехта метавонад яке аз принсипҳои муосири навтари дар равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ баромад намуда, давлатро ҳамчун субъекти ҳуқуқ ҳам ба муносибатҳои байнидавлатӣ ворид созад ва ҳам манфиатҳои миллии худ ва соҳибихтиёрии худро дар шароити таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ҳифз намояд.

## 1.2. Таъсири мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ: умумият ва хусусият

Солҳои тӯлони масоили таъсири сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ давра ба давра таваҷҷуҳи бештари олимони ҳуқуқшиносро, пеш аз ҳама мутахассисони ҳам соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам соҳаи назарияи умумии давлат ва ҳуқуқро ба худ ҷалб намудааст. Ҳуқуқшинос В.В. Ершов қайд мекунад, ки «дар байни масъалаҳои марказии равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ равобити мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ мақоми аввалро ишғол мекунад» [111, с.20]. Таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз як тараф ба масоили анъанавии умуминазариявии давлат ва ҳуқуқ мансуб бошад, аз тарафи дигар, ин сарчашмаҳои ҳуқуқ вобаста ба динамизм ва низоми худ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба онҳо ҳануз масоили хеле мубрами соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ низ боқӣ мондааст. Дар шароити раванди ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ва ҳамгироии ҳуқуқӣ комилан ошкор мегардад, ки масъалаи сарчашмаҳои ҳуқуқ барои омӯхтани сатҳи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ мувофиқ ва муфид мебошад. Ш.М. Менглиев қайд мекунад: «…санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои миллӣ бартарӣ доранд. Ғайр аз ин, масоили аниқ намудани мавқеи ҳуқуқи миллӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳангоми ба ҳам мувофиқат кардани онҳо ба миён меоянд. Дар чунин мавридҳо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд татбиқ карда шаванд. Агар номутобиқатӣ набошад, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ дар ягонагӣ муносибатҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ танзим мекунанд.»” [118, с.88]. Бино бар ин, баррасии сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар сурати эътироф намудани меъёр

ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва низ санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ чун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ, аҳаммияти хеле муҳим ва нақшавӣ дорад.

Дар мавриди масъалаҳои шакл ва манбаъҳои ҳуқуқ, ки муаллифону муҳаққиқон дар давраҳои мухталифи таърихӣ ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор додаанд, адабиёти зиёди илмӣ ба табъ расидааст. Вале бо вуҷуди доштани пояи устувори илмӣ, масъалаҳои манбаъҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ҳануз ҳам дар маркази диққати ҳуқуқшиносон боқӣ мондааст.

Бисёр паҳлуҳои фаҳмиши масъалаҳои манбаъҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, ба вижа дарки маънои истилоҳоту мафҳумҳо, ки тавассути онҳо шаклҳои ифодаи берунии ҳуқуқи татбиқшаванда мушаххас гардидаанд, то ҳоло баҳснок боқӣ мондаанд, ба монанди шаклҳои берунӣ ва дохилии ҳуқуқ, мазмун ва шаклҳои ҳуқуқ ва ғ. Баъзе ҳуқуқшиносон ҳатто дар бораи бuҳрони илми сарчашмаҳои ҳуқуқ менависанд [27; с.48]. Онҳо пешниҳод мекунанд, ки зарурати аз ин консепсия тамоман даст кашидан ба миён омадааст. Бо вуҷуди ин, он чунон устувор аст, ки даст кашидан аз он хеле мушкил аст. Барои ин ягон сабабҳои кофӣ вуҷуд надоранд. Азбаски сарчашмаҳои ҳуқуқ усули эҷод ва шакли мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқ чи дар дохили давлат ва чи дар арсаи муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд, намудҳои онҳоро бояд худи илми ҳуқуқшиносӣ муайян кунад.

Қабл аз ҳама, зарурати таҳқиқоти решашиносии (этимологии) мафҳуми “сарчашмаи ҳуқуқ” ба миён меояд. Омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқ, бешубҳа, яке аз проблемаҳои асосии илми ҳуқуқи дохилидавлатӣ буда, дар чаҳорчӯбаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мавриди таҳлил қарор гирифта, таваҷҷуҳи рӯзафзуни муҳаққиқонро ба худ ҷалб мекунад. Бисёр муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла Р. Шарофзода, И. Камолзода, Д.Қ. Назаров

ва дигарон масъалаи сарчашмаҳои ҳуқуқро мавриди таҳқиқ қарор додаанд [73; 74; 40; 63]. Сарфи назар аз таърихи дуру дарози рушди проблемаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ҳануз ҳам оид ба масъалаҳои гуногуни омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Истилоҳи «сарчашмаи (шакл) ҳуқуқ» яке аз категорияҳои асосии ҳуқуқ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Рушди илмии категорияи сарчашмаҳои ҳуқуқ дар тули таърих ҳамчун мафҳуми муҳим ҳисоб мешуд. Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ оид ба ҷоиз будани истифодаи он барои муайян кардани омилҳои тавлидкунандаи ҳуқуқ баҳсҳо вуҷуд доранд ва инчунин кӯшиши мушаххас кардани мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» миёни дастурҳои гуногуни семантикӣ оид ба маънои он мушоҳида карда мешавад. Аммо муҳокимаи моҳияти манбаъҳои ҳуқуқ ва мазмуни онҳо ба охир нарасидааст.

Дар раванди бунёди низоми нави қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст. Зеро маҳз қонунгузории амалкунандаи кишвар дар заминаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Агар низоми манбаъҳои ҳуқуқи ҷумҳурӣ дар замони истиқлоли кишвар аз як тараф, ба куллӣ тағйир карда бошад, аз ҷониби дигар он дар шароити муосир мустақиман зери таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ қарор гирифтааст. Ин равишҳо ба вазъ ва инкишофи низоми манбаъҳои ҳуқуқ дар Тоҷикистон (яъне, ба низоми ҳуқуқи миллӣ ворид шудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунҳои конститутсионӣ, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавофуқномаҳои меъёрӣ ва ғ.) таъсири зиёд расониданд. Аз нигоҳи дигар, манбаъҳои ҳуқуқии давлат вижагиҳои аслии худро ҳифз мекунанд, ки ба шароити таърихии пешрафти ҷумҳурият, сатҳи инкишофи доктриналии ҳуқуқӣ, суръати тағйироти қонунгузорӣ, хусусиятҳои рушди системаи ҳуқуқӣ ва анъанаҳои таърихӣ асос ёфтаанд.

Мафҳуми «сарчашма» на танҳо шакли мавҷудияти меъёр, балки усули ба вуҷуд омадани онро, масалан, тавассути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, шартнома ё урфу одатро фаро мегирад. Истилоҳи «сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» дар назария ва амалия устувор аст.

Бояд қайд кард, ки ҳар як низоми ҳуқуқӣ, чи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва чи ҳуқуқи байналмилалӣ, одатан якчанд сарчашмаҳои ҳуқукро дар як вақт эътироф мекунад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ба худ низоми сарчашмаҳои ҳуқукро доранд.

Бино бар ин барои таҳқиқи муносибатҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ омӯзиши низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дорои аҳаммияти методологӣ аст. М.Н. Марченко қайд менамояд, ки «ҳам ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ низому сохтори ба худ хос дорад» [53, с.104]. Аз ин рӯ, ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ аз низоми ба худ хоси сарчашмаҳои ҳуқуқ иборат мебошад.

Барои таснифи низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ заминаҳои гуногун истифода карда мешаванд. Масалан, В.С. Нерсесянс ва В.В. Лазарев дар мисоли ҳуқуқи аврупоӣ, ки ҳам аломатҳои дохилидавлатӣ ва ҳам аломатҳои байналмилалиро дорад, чунин менигоранд: «Ҳангоми тасниф кардани сарчашмаҳои ҳуқуқи аврупоӣ он метавонад ба сохтори низоми ҳуқуқӣ асос ёбад. Маълум аст, ки ин сохтор унсурҳои доктриналӣ, меъёрӣ ва сотсиологиро дар бар мегирад. Дар сатҳи доктриналии низоми ҳуқуқӣ чунин сарчашмаҳои ҳуқуқ ба монанди доктрина ва принсипҳои ҳуқуқ ташаккул меёбанд, яъне, дар доираи меъёрӣ – санади меъёрӣ, дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ – амсоли ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ, шартномаи меъёрӣ, урфу одат» [67, с.266-267].

А.Б. Венгеров таъкид мекунад, ки «олимон ду роҳи асосии ташаккули меъёрҳои ҳуқуқиро муайян кардаанд. Роҳи аввал – аз иштироки қатъии

давлат дар бунёди меъёри ҳуқуқӣ сарчашма мегирад. Амрҳои бевоситаи ҳокимиятро қонунҳо муқаррар мекунанд, ки барои ҳамаи аъзои ҷомеа ҳатмӣ мебошанд. Роҳи дувум – меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ метавонанд бидуни иштироки бевоситаи қонунгузор ба вуҷуд оянд - онҳо дар шакли одат инкишоф меёбанд. Ин ду шакли ҳуқуқ – ҳуқуқ ва урфу одатҳои ҳуқуқиро сарчашмаҳои ҳуқуқ номидаанд» [34, с.392].

Р.Ш. Шарофзода менависад, ки «мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ дар се маъно тафсир мешавад: а) сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои моддӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ.); б) сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои фалсафӣ, идеологӣ (шуури ҳуқуқӣ, ақидаҳои фалсафӣ, таълимоти ҳуқуқӣ ва ғ.); в) сарчашмаҳои ҳуқуқ ба маънои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрӣ, претседентҳои судӣ, созишномаҳои меъёрӣ, матнҳои динӣ ва ғ.)» [74, с.221-222]. Ҳамин ақидаро Е.Г. Шукшина низ дастгирӣ мекунад [138, с.49-50].

Мо бояд мавқеи Р. Шарофзодаро, ки тавсифи мушаххаси сарчашмаҳои ҳуқуқ дар кишварҳои гуногун низоми гуногун доранд, дар ин самт дастгирӣ намоем. Ҳамин тавр, «дар ҳуқуқи романию олмонӣ (Олмон, Фаронса, Италиё ва ғ.) санади меъёрӣ бартарӣ дошта, дар ҳуқуқи умумӣ (Британияи Кабир, Канада ва ғ.) амсоли судӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунад ва дар низоми ҳуқуқи исломӣ Қуръони карим истифода мешавад» [74, с.63].

Мафҳуми низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатиро олими тоҷик И.И. Камолов ба таври доктриналӣ баён намудааст. Ӯ менависад: «Низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ, ки дар давлат амал мекунанд, маҷмуи ҷузъҳои сохтории аз ҷиҳати институтсионалӣ тартибёфта, ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам таъсиркунанда мебошанд, ки бо талаботи объективӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд» [40, с.63; 144, с.14].

Низоми миллии шаклҳои ҳуқуқ, ки аз санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои зерқонунӣ, шартномаҳои ҳуқуқӣ, претседентҳои судӣ ва маъмурӣ, урфу

одатҳои ҳуқуқӣ, доктринаҳои ҳуқуқӣ иборат аст, бояд ба ҳар восита ҳамчун низоми умумии сарчашмаҳои ҳуқуқи миллӣ эътироф карда шавад. Лекин, дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба сифати сарчашма инчунин худи ҳуқуқи байналилалӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудааст. Мутобиқи қисми 1 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин муқаррар шудааст: «Санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд...» [12, с.11]. Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ба санадҳои қонунгузорӣ шомил шаванд ҳам, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун санади қонунгузорӣ не, балки шакли махсуси санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ эътироф шудааст ва бо номи худ, яъне санадҳои байналмилалӣ – эъломия, конвенсия, паймон, урфу одат, принсипҳо, шартнома ва ғайра, шинохта мешаванд.

Ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ таъсири мустақим дорад. Дар қонунгузории дохилидавлатӣ дар давраи рушди шӯравӣ ва пасошӯравӣ (яъне давраи соҳибихтиёрӣ) давлатдорӣ сарчашмаи асосӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб мешуд. Мафҳуми умумии «санади меъёрии ҳуқуқӣ» тамоми санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонуниро дар бар мегирад, ки меъёрҳои ҳуқуқиро дар мазмуни худ мустаҳкам кардааст. Дар асоси он мафҳуми «қонунгузорӣ» дар илми ва амалияи ҳуқуқӣ пайдо гардид. Тасодуфӣ нест, ки раванди такмили қонунгузорӣ ҳамчун раванди таҳияи тамоми низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад. Нақши сарчашмаҳои дигари ҳуқуқ дар низоми танзими ҳуқуқӣ коҳиш дода шуда буд. Чунон В.М. Шафиров қайд мекунад, «баъди ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии давлат эътироф шудани

шартномаҳои байналмилалӣ вазъият хеле тағйир ёфт. Ин иқдом барои ба вуҷуд овардани низоми муосири сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ аҳамияти калон дошт. Дар натиҷа шартномаи меъёрӣ ва урфу одати ҳуқуқӣ инкишоф ёфта, дар айни замон масоили амсоли судӣ фаъолона муҳокима карда шуда истодааст» [137, с. 155]. Дар ин масъала муаллифро дастгирӣ кардан лозим аст, зеро илми ҳуқуқшиносии муосир ва ҳуқуқшиносон одатҳои ҳуқуқӣ, амсоли судӣ ва созишномаҳои меъёриро дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ворид менамоянд [88, с. 56].

С.В. Поленина ва В.М. Баранов ин нуқтаро датгирӣ намуда, ҳамзамон сабаби пайдо шудани ин намуди сарчашмаҳои дохилидавлатиро дар наздикшавии низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ мебинанд, ки он дар натиҷаи ҷаҳонишавии ҳуқуқ ва ба вуҷуд омадани ҳуқуқи байналмилалӣ ба вуқуъ омадааст. Онҳо қайд менамоянд: «Машҳуртарин зуҳуроти таъсири ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқӣ барои ҳуқуқшиносон наздикшавии низоми ҳуқуқии англосаксонӣ ва романо-германӣ мебошад. Ин пеш аз ҳама дар васеъ шудани доираи сарчашмаҳои ҳуқуқ зоҳир мегардад. Дар байни онҳо шартномаҳои меъёрӣ, расму одатҳои ҳуқуқӣ мавқеи намоёнро ишғол карданд» [124, с. 177].

Барои баён намудани мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мисли сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ заминаҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст. Баъзе муаллифони ғарбӣ сарчашмаҳои расмӣ ва моддии ҳуқуқи байналмилалиро фарқ мекунанд. Ба фикри А. Фердросс: «Сарчашмаҳои расмии ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамон шаклҳоеดониста мешаванд, ки дар онҳо ин меъёрҳо мавҷуданд, сарчашмаҳои моддие мебошанд, ки ба ҷараёни ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир мерасонанд (монанди шуури ҳуқуқӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳо)» [95, с.54].

Таҳқиқот оид ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ хеле зиёд буда, мувофиқан шумораи мафҳумҳои гуногуни он низ хеле фаровон мебошад. Дар айни замон, барои амалияи муносибатҳои байналмилалӣ муҳим он аст, ки зери мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ чи бояд фаҳмида шавад.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалиро метавон ҳамчун шаклҳое муайян кард, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуданд [44, с.183].

Ҳуқуқи байналмилалӣ низ низоми ба худ хоси сарчашмаҳо дошта, дар маҷмуъ муносибатҳои байналмилалиро ба танзим медароранд.

Сарфи назар аз тафовути мафҳумҳои назариявӣ оид ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин масъала созишномаи байналмилалӣ мавҷуд аст, ки қариб ҳамаи давлатҳои ҷаҳон иштирокчии он мебошанд. Низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар санадҳои байналмилалӣ дарҷ гардидаанд. Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, масалан, дар муқаддимаи Оинномаи СММ баррасӣ мешаванд.

Барои муайян кардани низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба моддаи 38 Статути Суди байналмилалӣ бояд муроҷиат кунем, ки дар он омадааст: «Суд ҳангоми ҳалли баҳсҳо дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ, конвенсияҳо, урфу одатҳо ва принсипҳои умумии ҳуқуқро, ки халқҳои мутамаддин эътироф кардаанд, татбиқ менамояд. Қарорҳои судӣ ва доктринаҳои беҳтарини коршиносони соҳибихтисос метавонанд ба сифати кумак дар муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ истифода шаванд».

П.Н. Бирюков қайд кардааст, ки «меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамеша дар ягон шакл вуҷуд дошта, дар шакли сарчашмаи мушаххаси ҳуқуқӣ сабт шудаанд. Шакли ифодаи меъёри ҳуқуқии байналмилалиро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳисоб кардан мумкин аст» [31, с.21]. Ҳоло дар муносибатҳои байналмилалӣ шаклҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи

байналмилалиро ба моддӣ ва расмӣ (формалӣ) ҷудо менамоянд, ки онҳо сарчашмаҳои зеринро дар мазмуни худ муттаҳид менамоянд: консепсияҳои байналмилалӣ, одати ҳуқуқии байналмилалӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқ, ки аз ҷониби ҷомеаи мутамаддин эътироф шудаанд, санадҳои ташкилотҳои байналмилалӣ. Ду сарчашмаи охирро ҳуқуқшинос И.И. Лукашук «ҳуқуқи байналмилалии «нарм» меномад [47, с.15]. М.Н. Марченко ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ:

1) шартномаҳои байналмилалӣ;

2) принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро номбар мекунад [53, с.312-330].

Дар адабиёти илмӣ чунин мавқеъ устувор мебошад, ки ҳамаи сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки дар он меъёрҳои байналмилалӣ дарҷ гардидаанд, шартномаҳои байналмилалӣ номида мешаванд. Ин мавқеъ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба эътибор гирифта шудааст. Маҳз, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиби ба имзо расонидан, тасдиқ (ратификатсия), тасвиб, ҳамроҳшавӣ, бақайдгирӣ, интишор, иҷроиш, бекор кардан (денонсатсия) ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мустаҳкам карда шудааст. Мутобиқи моддаи 2 қонуни номбурда, дар зери мафҳуми «шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон – яке аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки бо давлати хориҷӣ (давлатҳои хориҷӣ) ё созмони байналмилалӣ (созмонҳои байналмилалӣ) дар шакли хаттӣ ба имзо расонида шуда, бо ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад, сарфи назар аз он ки ин шартнома дар як ё якчанд ҳуҷҷати бо ҳам алоқаманд оварда шудааст, инчунин новобаста ба номи мушаххаси он фаҳмида мешавад» [11]. Яъне ҳар як ҳуҷҷате, ки бо давлатҳо ё чаҳорчӯбаи

созмонҳои байналмилалӣ баста шудаанд номи шартномаи байналмилалиро гирифтааст.

Шартномаи байналмилалӣ мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Онҳо метавонанд ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз қабили сиёсат, иқтисод, тиҷорат, ҳамкориҳои низомӣ баста шаванд ё дахл дошта бошанд.

Мутобиқи мавзуъҳо шартномаҳои байналмилалӣ ба намудҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1) байнидавлатӣ;

2) байниҳукуматӣ;

3) байниидоравӣ.

Бо назардошти мазмуни моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи мавҷудият ва рушди принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидааст ё эътироф кардааст ҳамчун шакли нисбатан мустақили ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ сухан рондан мумкин ва зарур аст. Илова бар ин, дар муқаррароти шартномаҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда истифодаи одатҳои корӣ метавонад муқаррар карда шавад. Ин фикр ба мо асос медиҳад, ки ба таҳлили дигар сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба монанди одатҳо аҳамият диҳем.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ  одатҳои низ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф шудааст. Одатҳо дар ҳуққи байналмилалӣ на танҳо шакли ифодаи меъёрҳои анъанавӣ, балки роҳи муҳими эҷоди қоидаҳои нави рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ барои давлатҳо дар он соҳаҳои навтаъсиси муносибатҳои байнидавлатӣ, ки танзими ҳуқуқиро талаб

мекунанд, замина мегузорад. Одатҳо сарчашмаи муосир ва фаъоли ҳуқуқ байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Шартнома ва принсипу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ сарчашмаҳои универсалие мебошанд, ки қувваи ҳуқуқии онҳо аз ҳуқуқи умумии байналмилалӣ бармеояд. Баръакси ин, қарорҳои қонунгузории ташкилотҳои байналмилалӣ сарчашмаҳои махсус ҳисобида мешаванд. Қувваи ҳуқуқии онҳоро санади тасдиқии ташкилоти дахлдор муайян мекунад.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар соҳа ва фазои худ амал мекунанд ва онҳо қувваи олии ҳуқуқӣ доранд. Албатта, ҳолатҳое мешавад, ки онҳо ба соҳа ва фазои умумӣ таъсир доранд. Аммо эълон намудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ на танҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, балки ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ амал намоянд. Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё дар конститутсия танҳо санади ҳуқуқи байналмилалӣ сабт шудааст? Доир ба ин масъала Э.С. Насриддинзода ва Б.А. Сафарзода чунин ибрози ақида кардаанд: “Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузор бо ин як истилоҳ тамоми шаклҳои берунаи ифодаи ҳуқуқи байналмилалиро ифода намуда, ба мазмуни он ҳамаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалиро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, ворид кардааст” [120, с.173].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистон (ба монанди созишномаҳои меъёрӣ, ё ин ки меъёрҳои корпоративӣ) мавқеи асосӣ ва роҳбарикунандаро дорад. Он нисбат ба сарчашмаҳои

байналмилалӣ, аз ҷумла меъёр, принсип, одатҳо ва санадҳои байналмилалӣ низ афзалият дорад. Аммо сарчашмаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои зрконунии дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар афзалият доранд, ки ин ҳолат бевосита аз қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд.

Ҳамчунин, ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баробари ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла, сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки дар доираи созмонҳои минтақавӣ, масъалан дар доираи ИДМ ба вуҷуд омадаанд, санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС), ки қувваи юридикии худро гум накардаанд, дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, ба ин хулоса омадан мумкин аст, ки сарчашмаҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ айни замон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ дар доираи СММ (ООН), САҲА (ОБСЕ), СБМ (МОТ), СУС (ВТО), АБНА (МАГАТЭ), СҲШ (ШОС), ИДМ (СНГ) ва ғайра инкишоф меёбанд. Агар ҷаҳонишавӣ дар соҳаи сарчашмаҳои ҳуқуқ бо паҳншавӣ дар низоми ҳуқуқи ҷумҳурӣ меъёрҳои аз тарафи умумэътирофшуда мушоҳида шаванд, пас ҳамгироии низомҳои ҳуқуқии пасошуравӣ барои нигоҳ доштани анъана ва робитаҳои ҳуқуқии қаблан вуҷуддошта аҳаммияти калон доранд.

Таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар байни онҳо ҷузъҳои умумӣ ва махсус хеле зиёданд. Умумияти як қатор сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, дар моҳият, сифат, техника ва ҳатто дар номи онҳо зоҳир мегардад. Ба инҳо, масалан, шартномаҳои ҳуқуқӣ, доктринаҳо, урфу одатҳо ва қарорҳои судиро дохил кардан мумкин аст. Масалан, ҳам дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ

сарчашмаҳои асосиро таҳти номи “шартномаҳо” вохурдан мумкин аст. Саволе ба миён меояд, ки ин шартномаҳо ягона мебошанд, ё ин ки онҳо танҳо дар ном ягона буда, умуман мақсадҳои гуногунро пеш гирифтаанд? Ба фикри мо, фарқият дар шартномаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар субъект ва предмети шартномаи басташуда, ки баста мешавад зоҳир мегардад. Пеш аз ҳама, шартнома дар муносибатҳои дохилидавлатӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баста шуда, предмети онҳоро муносибатҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкӣ ташкил медиҳанд. Дар шартномаҳои байналмилалӣ бошад, ки предмети онҳоро муносибаҳои ҳуқуқии байналмилалии оммавӣ ташкил медиҳанд субъектонро худи давлат, ё мақомоти давлатӣ ташкил медиҳанд ва предмети ин шартномаҳо асосн муносибаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву ичтимоӣ, фарҳангиву идеологӣ ташкил медиҳанд.

Хусусияти сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатию байналмилалӣ бошад, дар ҳадаф ва мазмуни мушаххаси онҳо зоҳир мегардад. Масалан, чунин сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ба мисли шартномаи байни давлатҳо ё дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ басташуда, аз лиҳози моҳияти ҳуқуқӣ, табиат ва ҳатто номи худ ба шартномаҳое, ки дар доираи сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ рушд меёбанд, шабоҳат дорад, лекин бо мазмуни ҳуқуқии худ ва бо мақсади муайян аз он ҳам хеле фарқ мекунад. М.Н. Марченко қайд мекунад, «ин муқаррарот дар ҳама ҳолатҳое, ки мувофиқи қонунгузории ин ё он кишвар шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ эътироф шудааст, пурра нигоҳ дошта мешавад. Ҳамин тавр, шартномаи байналмилалӣ дар як қатор давлатҳо – аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ эътироф шудааст» [54, с. 159]. Тибқи қонунгузории ин кишварҳо, шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низомҳои ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин масъала, дар

самти ҷалби сармоя Р.Б. Бозоров қайд мекунад: «Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии байналмилалии сармоягузорӣ, чун қоида, созишномаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба мебошанд, ки ба танзими муносибатҳои байни сармоягузор ва давлат нигаронида шудаанд» [108, с.177]. Яъне дар ин масъала шартнома

Дигар масъалае, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро муттаҳид месозад, ин субъекте, ки ба эҷоди онҳо машғул мебошад ва ба сифати ин асосан давлат баромад мекунад. Аз ин рӯ, С.В. Кодан таъкид мекунад: “Ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷудияти ҳуқуқи миллиро пешбинӣ мекунад. Бе мавҷудияти охирин он худаш вуҷуд надорад” [115, с.93].

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ин аст, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ниҳоят устувор буда, низоми онҳо тағйир намеёбад. Ҳатто, вақте онҳо ба давлатҳое паҳн мегарданд, ки ба низоми гуногуни ҳуқуқӣ тааллуқ доранд, хоҳ ба низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ ё англо-саксонӣ тааллуқ дошта бошанд, хоҳ ба давлатҳое, ки низоми ҳуқуқии динӣ доранд.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи миллӣ ё дохилидавлатӣ вобаста ба узвият дар низоми ҳуқуқӣ, сохтори давлатӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқи миллӣ метавонанд гуногун бошанд. На танҳо низоми манбаъҳо, балки навъҳои онҳо низ тағйир меёбад. Дар ин масъала А.С. Пиголкин ва М.С. Студеникина менависанд: «Ҷавоб ба суол дар бораи сарчашмаҳои ҳуқуқ нисбат ба як кишвари алоҳида вобаста ба марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ин аст, ки хусусиятҳои хоси ҳар як низоми ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқи миллӣ метавонанд гуногун бошанд» [90], [132, с.233] ва бояд эътироф кард, ки ин андеша қобили дастгирист.

Таъсири мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар масъалаи афзалияти онҳо нисбат ба ҳамдигар зоҳир

мегардад. Мо бо фикри Д.Қ. Назаров розӣ ҳастем, вақте ӯ менависад: «Афзалияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон баҳснопазир буда, афзалияти шартномаҳои байналмилалӣ нисбати қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутлақ ва қатъӣ нест» [63, с.151]. Дар тақвияти ин ақида бояд таъкид кунем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 25 ва 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» метавонад амали шартномаҳои байналмилалиро боздорад ё бекор кунад. Дар ин ҷо, зарур аст ба суханони А.К. Котов истинод оварем, ки мегӯяд: «Ягон давлати ҷаҳон афзалияти мутлақи ҳуқуқи байналмилалиро эътироф намекунад» [116, с.12-20].

Мутассифона, ин ҳолат ғайр аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ мустаҳкам карда нашудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки бо мақсади ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудани санадҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрии ҳуқуқӣ оид ба афзалияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ворид карда шавад.

Ҳамин тавр, сарчашмаҳои хуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ нисбатан сарчашмаҳои мустақил мебошанд, ки низоми ба худ хосеро доранд ва бо мақсади танзими муносибатҳои дохилидавлатию байнидавлатӣ равона гардидаанд. Пас, маълум мешавад, ки фазои танзими онҳо якранг нест. Бо вуҷуди ин, таъсири мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ба мушоҳида мерасад. Пеш аз ҳама, дар

рафти рушди низоми қонунгузории дохилидавлатӣ таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ назаррас мебошад. Эълон намудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин далел аст, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон на танҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, балки ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ зуҳур кунанд. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва низоми давлатию ҳуқуқии кишвар ворид намудани меъёрҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо ба принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бо роҳи трансформатсия ва инкорпоратсияи онҳо ба низоми қонунгузорӣ амалӣ карда шаванд. Аммо дар рафти татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон истинод низ метавонад ба таври васеъ истифода гардад. Маҳз қонунгузории дохилидавлатӣ чун яке аз воситаҳои муҳимтарини таъмини риояи уҳдадориҳои байналмилалии худ аз ҷониби давлат метавонад амал кунад.

## 1.3. Таъсири мутақобилаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ: таносуб ва фарқият

Яке аз масъалаҳои марказии таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ - ин субъектҳое мебошанд, ки ҳуқуқҳои мазкурро эҷод мекунанд ва мавриди амал қарор медиҳанд. Дар айни замон чунин муносибатҳои ҷамъиятиеро номбар кардан душвор аст, ки танҳо ба салоҳияти давлатҳо дахл дошта бошанд. Сарҳадҳои соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, ки ин оқибати трансмиллӣ будани муносибатҳои байналмилалии ҷаҳонӣ, ба ҳамдигар вобаста шудани сармоя

ва қувваҳои сиёсӣ мебошад, аз байн рафта истодаанд. Ҳуқуқи байналмилалӣ бештар аз ҷониби шахсони воқеӣ, корпоратсияҳо ва мақомоти давлатӣ (субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ) дар муносибатҳои байни ҳамдигар бевосита истифода ва татбиқ карда шуда истодаанд. Аз ин рӯ, таҳлили масъалаҳои таъсири мутақобилаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар шароити кунунӣ аҳаммияти калони амалӣ дорад.

Мафҳуми «субъекти ҳуқуқ»-ро назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ нисбат ба ҳуқуқ умуман, новобаста аз он ки сухан дар бораи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ё байналмилалӣ меравад, ба вуҷуд овардааст. Ба сифати субъекти ҳуқуқ шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва ҳатман давлат дониста мешаванд. Ин гурӯҳи субъектонро пеш аз ҳама дар низоми ҳуқуқии давлатҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Мафҳуми «субъекти ҳуқуқ» инчунин бо мафҳуми дигари ҳуқуқӣ – «муносибати ҳуқуқӣ» алоқамандии зич дорад. Субъектҳои ҳуқуқ – ин тарафҳо, яъне субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Дар низоми ҳуқуқ субъекти ҳуқуқ пеш аз ҳама ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқ муаррифӣ мегардад. Дар аксари адабиёти илмӣ доир ба назарияи давлат ва ҳуқуқ субъекти ҳуқуқ дар чаҳорчӯбаи институти муносибатҳои ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Масалан, В.К. Бабаев мафҳумҳои «субъекти ҳуқуқ» ва «субъекти муносибатхои ҳуқуқиро» ҳамчун як мафҳум муаррифӣ намуда, онҳоро ба сифати иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки дорои ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои юридикӣ мебошанд [85, с.417]. Ҳамаи ин, бешубҳа, ҳам ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳам ба ҳуқуқи байналмилалӣ дахл дорад, зеро мафҳумҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ барои онҳо якхелаанд. Ҳамин тавр, хулосаҳои Д.И. Фелдман ва Г.И. Курдюков қобили дастгирист, вақте қайд мекунанд, ки «ҳарчанд ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор хусусиятҳои хос

дошта бошад ҳам, муқаррароти назарияи умумии ҳуқуқ дар бораи мафҳуми субъекти ҳуқуқ ба ҳуқуқи байналмилалӣ пурра татбиқ мешавад» [94, с.26].

Ҳамин тавр, мафҳуми «субъекти ҳуқуқ», ки назарияи ҳуқуқ пешниҳод намудааст, хусусияти универсалӣ дошта, он дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳам ба низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳам ба ҳуқуқи байналмилалӣ татбиқ карда мешавад.

Аз сабабе, ки ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ гурӯҳи ба худ хоси субъектҳои ҳуқуқ доранд, бояд муайян кунем, ки субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ чӣ гуна робита доранд? Онҳо бо ҳамдигар чӣ гуна муносибат мекунанд?

Ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Яке аз фарқиятҳои байни онҳо ин аст, ки муносибатҳои мазкур дар сатҳҳои гуногун ва байни субъектҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Агар дар сатҳи дохилидавлатӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо дар дохили як давлат ба вуҷуд оянд ва иштирокчиёни асосии он шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат бошанд, дар сатҳи байналмилалӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ аллакай дар сатҳи баланди ташкилӣ ба вуҷуд омада, иштирокчиёни асосии он давлатҳо, халқиятҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки субъекти ҳуқуқ унсури ҳатмии муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, вале азбаски дар қиёс бо ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҳуқуқи байналмилалӣ низоми мустақили ҳуқуқ мебошад, бино бар ин вижагиҳои хоси худро дорад. Давлат, халқҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ субъектҳои тамоман дигари муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд ё муносибатҳои байни давлатҳо гуем, рост меояд.

Дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ба сифати субъектҳои ҳуқуқ шахсони воқеӣ, яъне шаҳравандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд (дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон,

инчунин ба ин гурӯҳ шахсони дорои душаҳрвандиро дохил кардан мумкин аст) ва шахсони ҳуқуқӣ, ки онҳоро ба давлатӣ ва ғайридавлатӣ тақсим кардан мумкин аст, иштирок мекунанд [91, с.353-361]. Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ чунин мавқеият вуҷуд дорад, ки «ба субъектони ҳуқуқи дохилидавлатӣ халқиятҳо ва миллатҳо низ дохил мешаванд» [71, с.254]. Дар муносибатҳои дохилидавлатӣ давлат ҳамчун субъекти асосӣ амал намуда, вазифаҳои он асосан дар эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ, таъмини амалишавии онҳо ва дар ҳолати вайрон намудани меъёрҳои ҳуқуқ ҳифзи ҳуқуқ ифода меёбад. Ҳамзамон давлат дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши роҳбарикунандаро дорад. В.М. Сирих дуруст қайд мекунад, ки «ин вазифаҳо ё ваколатҳоро мақомоти давлатӣ амалӣ мегардонанд» [77, с.323]. Дар баробари ин «давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқ дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ қарор дорад» [86, с.232] ва ин мавқеъ аз ҷониби илми назарияи давлат ва ҳуқуқ асоснок карда шудааст.

То кадом дараҷа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ шинохта шаванд? Дар илми ҳуқуқшиносӣ чунин мавқеиятҳое пайдо шудаанд, ки инсон метавонад ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ амал кунад. Масалан, Т.Д. Матвеева менависад, ки «эътироф кардани шахс ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи муосири байналмилалӣ танҳо равшан ва пуррагӣ мебахшад ва ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти субъекти асосии онро, ки давлат аст ва хоҳад буд, паст намекунад» [117, с.125]. То кадом дараҷа ин мавқеъ дуруст мебошад, баҳсҳои гуногун ҳануз идома дорад.

Барои ҷавоб ба ин савол мо бояд донем, ки инсон оё ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ё хусусӣ баромад мекунад? Агар мо муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар назар дошта бошем, дар ин ҷо масъалаи мубоҳиса мавҷуд надорад. Аммо дар муносибатҳои

ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ мавқеи онҳо дигаргун мебошад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамеша тобеи тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатӣ буда, ҳамчун барандагони ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ, ҳамчун шаҳрванд ва шахсони ҳуқуқии миллӣ ё ҳамчун шаҳрванди хориҷӣ ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ амал мекунанд [44, с.163]. Аз ин рӯ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ наметавонанд субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бошанд. Аммо, бояд зикр кард, ки онҳо метавонанд мустақилона дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ иштирок намуда, танҳо ба сифати субъекти муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баромад кунанд.

Мавқеи давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқ дар ин ҳолат дигар мебошад. Яке аз омилҳое, ки субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалиро муттаҳид мекунад, яъне субъекти муттаҳидкунандаи ин ду низом давлат баромад мекунад. Бояд қайд кард, ки ҳуқуқи байналмилалӣ бинобар мавҷудияти давлатҳо дар ҷаҳон ва зарурати объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои байни онҳо ба вуҷуд омадааст. Давлат ҳам дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар муносибатҳои дохилидавлатӣ баромад мекунад. Ба таври дигар гӯем, давлат ҳам субъекти ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳам субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Аммо давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ функсияҳои гуногунро иҷро менамояд. Маҳз дар чаҳорчӯбаи давлат мо метавонем мутаносиби субъекти ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро мавриди таҳқиқи қарор диҳем.

Давлатҳо дар ҳуқуқэҷодкунии байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ мавқеи истисноиро ишғол намуда, иштирокчиёни комилҳуқуқи равандҳои сиёсии байналмилалӣ ва дохилӣ буда, дар байни ин равандҳо вазифаи миёнаравӣ доранд. Давлат бархӯрди ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро метавонад аз байн барад, ки дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои

байналмиллалӣ ва миллӣ байни созмонҳои байналмилалӣ, элитаи иқтисодӣ, элитаи сиёсӣ, соҳибкорон, иттифоқҳои касаба, умуман аъзои ҷамъият ба миён меоянд.

Истилоҳи «субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» моликияти асосан адабиёти илмӣ оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Имрӯз ин мафҳум дар санадҳои ҳуқуқии расмии байналмилалӣ – шартномаву конвенсияҳо бештар истифода мешавад. Дар Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳо гуфта мешавад: «Конвенсия нисбат ба шартномаҳои байналмилалии байни давлатҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ басташуда ё байни чунин субъектҳои дигари ҳуқуқи байналмилалӣ ва ба шартномаҳои байналмилалие, ки дар шакли хаттӣ баста нашудаанд, татбиқ намегардад, таъсир намерасонад» [4].

Бояд қайд намуд, ки субъекти ҳуқуқ унсури ҳатмии муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, вале азбаски дар қиёс бо ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҳуқуқи байналмилалӣ низоми мустақили ҳуқуқи мебошад, бинобар ин хусусиятҳои хоси худро дорад.

Назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ чунин унсурҳои асосии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро муайян менамояд:

– субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ тарафест, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ баромад мекунад ва рафторашро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим мекунад;

– доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ;

– қобилияти иштирок намудан дар эҷод ва амали гардонии меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ;

– нисбат ба субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ паҳн гаштани ҷавобгарии байналмилалӣ.

Боз яке аз нишонаҳои асосии субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ин аз ҷониби онҳо доштани қобилияти ҳуқуқамалкунӣ мебошад. С.А.Раҷабов

кайд менамояд, ки «масъалаи ки ба субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дохил мешаванд, ё ба ибораи дигар гӯем, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дорои амалӣ ҳуқуқ мебошад, аҳамияти ҳалкунанда дорад» [70, с.42] ва бо ин фикр бояд розӣ шавем. Зеро, намояндагони илми назарияи давлат ва ҳуқуқ дар ҳамин ақида мебошанд. Я.М. Магазинер менависад: “Шахси дорои қобили амал субъекти ҳуқуқ мебошад” [50, с.260].

Субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ давлатҳои соҳибихтиёр, халқҳо, миллатҳое, ки барои озодии худ мубориза мебаранд (давлатҳо дар марҳилаи ташаккул), созмонҳои байнидавлатӣ, воҳидҳои ба давлат монанд мебошанд.

Вобаста ба чор намуди субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (яъне, давлатҳои соҳибихтиёр, халқҳо ё миллатҳое, ки барои озодии худ мубориза мебаранд, созмонҳои байналмилалӣ, воҳидҳои ба давлат монанд) метавон гуфт, ки қобилияти ҳуқуқамалкунии онҳо умуман эътироф шудааст.

Ҳамзамон дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи субъекти ҳуқуқии байналмилалии шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ муҳокимаҳо ба назар мерасанд. Дар адабиёти ҳуқуқии шӯравӣ ва пасошӯравӣ дар муддати тӯлонӣ чунин ақида ҳукмфармо буд, ки инсон ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ мебошанд ва наметавонанд ба сифати субъекти ҳуқуқии байналмилалӣ баромад кунанд. С.В.Черниченко қайд мекунад, ки «дар ҳеҷ сурат фардро бо чунин як созмони мардум ҳамчун давлат баробар кардан мумкин нест ва ҳатто камтар бо чунин шакли ҳамкориҳои байни давлатҳо, ба монанди созмонҳои байниҳукуматӣ. Аз ин рӯ, вай ба таври объективӣ барои иштирокчии муносибатҳои байнидавлатӣ будан ва итоати таъсири мустақими ҳуқуқи байналмилалӣ қодир нест. Вай ягон унсури ҳуқуқи байналмилалии субъективиро надорад ва дошта наметавонад» [99, с.218].

Аммо дар илми ҳуқуқшиносӣ нуқтаи назари дигар торафт васеъ паҳн шуда истодааст, ки мутобиқ ба он санадҳои муайяни байналмилалӣ мавҷуданд, масалан, дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи башардӯстона, ки ба инсон ҳуқуқ медиҳанд мустақилона ба мақомоти СММ ё созмонҳои минтақавии он бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда муроҷиат намояд (Протоколи факултативии №1 ба Паймон оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, с.1966 [3, с. 47], Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, с.1950), ё ин ки бевосита ба зиммаи шахсони алоҳида барои содир намудани ҷиноятҳои байналмилалӣ (Оинномаи Суди Байналмилалии Ҳарбӣ, 1945) ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Ба ибораи дигар, шахсони воқеӣ иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалие мегарданд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим мешаванд, яъне субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ. Ин ба созмонҳои байналмилалӣ низ дахл дорад ва шахсияти ҳуқуқии байналмилалии ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам созмонҳои СБМ ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқ маҳдуд аст. Танҳо субъектҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ вазифаи ҳуқуқэҷодкуниро дар арсаи байналмилалӣ доранд.

Доираи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва мақоми ҳуқуқии онҳо аз хусусиятҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва сатҳи рушди ҳуқуқи байналмилалӣ вобастааст. Субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ вобаста ба хусусияти ҳуқуқӣ ва пайдоишашон шартан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: асосӣ ва махсус.

Назаряи ҳуқуқи байналмилалӣ чунин унсурҳои асосии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро муайян менамояд:

– субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ тарафест, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ баромад мекунад ва рафторашро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим мекунад;

– доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ;

– қобилияти иштирок намудан дар эҷод ва амали гардонии меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ;

– нисбат ба субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ паҳн гаштани ҷавобгарии байналмилалӣ.

Дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки ҳамчун субъектхои сатҳи дувум маҳсуб мешаванд, ин ташкилотҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои давлатӣ мебошанд. Онҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ дар доираи салоҳияте, ки дар шартномаи институтсионалии байналмилалӣ ё дигар санади ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, иштирок мекунанд. Субъектҳои дувумдараҷаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар асоси иродаи субъектҳои аввалия ба вуҷуд меоянд. Доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои ҳосилшуда аз мақсад ва ниятҳои таъсисдиҳандагони онҳо вобастааст, ки чун қоида, дар шартномаи байналмилалӣ, ки ҳуҷҷати таъсисии субъекти ҳосилавӣ мебошад, муқаррар карда шудааст. Ба ин гурӯҳи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкилотҳои байниҳукуматӣ (СММ, ЮНЕСКО ва ғ.) ва субъектҳои давлатӣ (собиқ шаҳрҳои озоди Венетсия, Гамбург, Дансиг ва ғ.) дохил мешаванд. Аз миёни онҳо имрӯз танҳо Ватиканро метавон ҳамчун як сохтори қудратӣ тасниф кард.

Имрӯз нуфузи ин субъектҳо сол то сол афзуда истодааст. Чуноне ки О. Пугина қайд мекунад, «шумораи муассисаҳои байнидавлатие, ки вазифаҳое, ки пеш соҳаи фаъолияти давлатӣ буданд, ичро мекунанд меафзояд. Шароит барои ба созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои трансмиллӣ додани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои муайяни давлатҳо ба вуҷуд меояд ва марҳила ба марҳила ба онҳо гузашта истодааст» [125, с.203]. Фикр мекунем, ки ин самти таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ бояд ҳаматарфа ва ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Дар ин самт танҳо гуфтан мумкин аст, ки давлат бояд субъекти асосии ҳуқуқи байналмилалӣ бошад ва вазифаҳои асосии

дохилӣ ва берунаи он ҳамчун субъекти универсалии ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар ихтиёри давлат бояд боқӣ бимонанд.

Субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дорои қобилияти ҳуқуқӣ мебошанд, ки он дар маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳои дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин дорои қобилияти амали ҳуқуқӣ ифода меёбад. Бояд гуфт, ки субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ бояд қобилияти мустақили ҳуқуқӣ дошта бошанд ва ҳуқуқу уҳдадориҳоеро, ки аз принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд, озодона амалӣ намоянд.

Ҳамин тавр, субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тарафҳое мебошанд, ки бино бар қобилият ва хусусиятҳои ҳуқуқии худ имкон доранд дар таҳия ва татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ иштирок намоянд, онҳо дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои байналмилалӣ мебошанд ва дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ имкони амалӣ намуданро доранд. Ин чунин маъно дорад, ки субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ шахсоне мебошанд, ки рафторашон бевосита бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад.

Давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ дар байни субъектҳои якумдараҷа ва дувумдараҷаи ҳуқуқи байналмилалӣ нақши муҳим доранд. Гуфта мешавад, ки дар аксари мавридҳо ҳам эҷодкунанда ва ҳам кафили меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие мебошанд, ки муносибатҳои байналмилалиро танзим мекунанд. Сониян, давлатҳо дорои қобилияти умумии ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба субъекти танзими ҳуқуқӣ маҳдудият надоранд ва ин аз дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ фарқ мекунад.

Ҳуқуқи байналмилалӣ аз таърихи пайдоиши давлатҳо ва зарурати объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои онҳо ба вуҷуд омадааст. Бояд гуфт, дар як муддати тулонӣ то ибтидои асри XX, ки муносибатҳои байналмилалӣ асосан дар соҳаи равобити байналмилалӣ пеш мерафт, давлат ягона субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳисобида мешуд, то ҳол

меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асосан муносибатҳоро байни давлатхо танзим мекунанд, ки нақши онро ҳамчун субъекти асосии давлат муайян месозад. Аз ин рӯ, Г.В. Игнатенко мегӯяд, ки «он яке аз хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалиро, ки асосан муносибатҳои байнидавлатиро танзим менамояд, ошкор мекунад» [39, с.52].

Давлатҳо аз рӯйи моҳият ва пайдоиши худ субъектҳои асосии на фақат ҳуқуқи байналмилалӣ, балки ҳуқуқи дохилидавлатӣ низ ба ҳисоб меравнд. Истилоҳи «дар навбати аввал» маънои онро дорад, ки ҳуқуқи дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз давлатҳо ва муносибатҳои байнидавлатӣ вобастааст. Нақши муҳимтарине, ки давлат ҳамчун субъекти муассири ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ мебозад, дар он аст, ки ӯ ягона ташкилотест, ки манфиатҳои умумии аҳолиро ифода мекунад.

Бино бар ин, дар айни замон субъекти асосии ҳуқуқи байналмилалӣ давлат мебошад ва аз ин рӯ, мақоми он дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба таври муфассал ва мушаххас муқаррар шудааст. Ҳуқуқи байналмилалиро, ки воқеан ҳуқуқи байнидавлатист, бидуни субъектҳои асосии он, созанда ва ҳимоятгарони он – давлатҳои сохибихтиёр тасаввур кардан мумкин нест. Давлат бошад, бе чунин моликияти муҳимми ҳокимияти давлатӣ, монанди соҳибихтиёрӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Бояд таъкид кунем, ки субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ давлати соҳибихтиёр мебошад, зеро давлати соҳибихтиёр давлати худро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад ва қобилияти амалигардонии ҳуқуқи байналмилалиро дорад, яъне субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танҳо давлатҳои соҳибихтиёр ба ҳисоб меравнд. Зеро соҳибихтиёрӣ муҳимтарин нишонаи асосии давлате мебошад, ки он ба давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ мустақилона ба сифати субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ иштирок намудан замима мегузорад. Гузашта

аз ин, вай соҳибихтиёрии хусусиятҳои хоси сиёсию ҳуқуқии давлат мебошад ва маҳз ба шарофати соҳибихтиёрии давлатҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро эҷод ва татбиқ менамояд. Маълум аст, ки соҳибихтиёрии давлатӣ ҷанбаҳои байналмилалӣ ва дохилии худро дорад.

Ҷанбаҳои байналмилалии соҳибихтиёрӣ маънои онро дорад, ки субъекти муносибатҳои байналмилалӣ на мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдори алоҳида, балки давлат дар маҷмуъ (яъне худи давлат) мебошад. Ҳама амалҳои муҳимми ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби шахсони ваколатдори мансабдорони давлатӣ анҷом дода мешаванд, маҳз аз номи ин давлат ба анҷом расонда мешаванд. Ин ҳолат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтааст. Мутобиқи қисми 6 моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар муносибатҳои байналмилалӣ аз номи халқ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд [1, с.5]. Яъне, вақте дар муносибатҳои байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд, онҳо ҳуқуқ доранд аз номи халқ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад кунанд, ки ин нишонаи соҳибихтиёрии давлат дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Як гурӯҳ олимон дар он ақида ҳастанд, ки «ҷанбаи дохилии маънои соҳибихтиёрии ҳудудӣ ва истиқлоли сиёсии ҳокимияти давлатӣ дар дохили кишвар ва берун аз он мебошад» [32, с.51]. Албатта, асоси соҳибихтиёрии давлат қудрат ва волоият аст. Аммо бояд дар назар дошт, ки соҳибихтиёрии давлат дар заминаи соҳибихтиёрии халқ ба вуҷуд меояд. Дар замони муосир бидуни амалишавии соҳибихтиёрии халқ ба вуҷуд омадани соҳибихтиёрии давлат ғайриимкон аст. Мутобиқи моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад» [1, с.4]. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии давлатӣ ба соҳибихтиёрии халқу миллат зич

алоқаманд буда, яке дигарро пурра мекунад. Тавре профессор Д.Б. Левин қайд кардааст, «давлати соҳибихтиёр шакли асосии ташкили ҳаёти одамон мебошад» [45, с.34]. Бар асоси ин метавон исбот кард, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ соҳибихтиёрии давлат, пеш аз ҳама, дар соҳибихтиёрии миллат ифода ёфтааст. Давлат шакли зарурии ташкили аҳолӣ барои иштирок дар робитаҳои ва муносибатҳои байналмилалӣ, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои он кафил мебошад. Аз ин рӯ, давлат субъекти асосии ҳам муносибатҳои ҳуққи байналмилалӣ ва ҳам ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҳеҷ муносибатҳои ҷамъиятӣ ва байнидавлатӣ берун аз давлат вуҷуд дошта наметавонад.

Субъектҳои асосии дигари ҳуқуқи байналмилалӣ ташкилотҳои байналмилалӣ мебошанд. Хусусиятҳои асосии муносибатҳои байналмилалии муосир дар рушд ва баланд бардоштани нақши созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун шакли равобити байни давлатҳо зоҳир мегардад, зеро онҳо дар самти таъмини амнияти байналмилалӣ, ҳамоҳангсозӣ, таҳким ва рушди ҳамкориҳои байни давлатҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва соҳаи иҷтимоӣ нақши босазоро мебозанд. Аз ин рӯ, ташкил намудани созмонҳо ё ташкилотҳои гуногуни байналмилалиро талаб мекунад, ки мақоми онҳо дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ дар арсаи ҷаҳон сол ба сол баланд шуда истодааст.

Қайд кардан зарур аст, ки бештари олимон танҳо ташкилотҳои байналмилалии байниҳукуматиро ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ медонанд. Ташкилотҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ин сифатро надоранд. Зеро созмонҳои ғайриҳукуматии байналмилалиро на давлатҳо, балки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии давлатҳои гуногун, гурӯҳҳои миллӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ таъсис медиҳанд. Аз ин рӯ, аз нигоҳи ҳуқуқшиносон оинномаи ин созмонҳоро шартномаи байналмилалӣ намешуморанд.

Асоси ҳуқуқии таъсиси ташкилотҳои байналмилалии байниҳукуматӣ ҳуҷҷати таъсисӣ – Оиннома мебошад, ки тибқи он созмонҳо ҳуқуқ доранд дар муносибатҳои байналмилалӣ ширкат варзида аз номи ташкилот қарор қабул кунанд ва бо дигар субъектҳои байналмилалӣ шартномаҳо банданд.

Ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз давлатҳо бо он фарқ мекунанд, ки соҳибихтиёрӣ, аҳолӣ ва қаламрав надоранд. Ташкилотҳои байналмилалӣ, чун қоида, аз тарафи давлатҳо дар асоси шартномаи байналмилалӣ ташкил карда шуда, дар доираи Оиннома худ фаъолияти худро пеш мебаранд. Агар заминаи асосии ҳуқуқии баромад кардани давлат ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ соҳибихтиёрии он бошад, пас асосҳои ҳуқуқии баромад намудани ташкилотҳои байналмилалӣ ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ бевосита аз ваколатхои онҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳандаи онҳо муқаррар гардидаанд, бармеояд.

Дар байни ҳуқуқу уҳдадориҳои байналмилалие, ки субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар муносибатҳои худ идора мекунанд, аз рӯйи анъана ва категорияи алоҳида ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии давлатҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд, зеро давлат ҳамчун субъекти асосии ҳуқуқи байналмилалӣ имкон дорад юрисдиксияи умумибашарӣ ва мувофиқан ҳуқуқу уҳдадориҳои муайяне, ки барои тавсифи он аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, амалӣ намояд. Ин ҳуқуқу уҳдадориҳо ба давлат тааллуқ доранд ва аз ин рӯ, он асоси мавҷудияти тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ҳисобида мешавад.

Ҳуқуқ ва манфиатҳои асосии давлат категорияест, ки ҳаёти давлатиро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ инъикос мекунад. Ҳуқуқҳои бунёдӣ ва муассисаҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро эҷод мекунанд, бояд дар доираи масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ амал кунанд. Ин дар ҳамаи давлатҳо, сарфи назар аз ҳаҷми қаламрав, иқтидори харбӣ ва иқтисодӣ як хел аст.

Зеро мутобиқи Эъломияи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тибқи Оинномаи СММ, мазмуни мафҳуми принсипи баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо дар баробарии давлатҳо ифода ёфтааст. Ин меъёр чунин маъно дорад, ки ҳамаи давлатҳо, сарфи назар аз низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон ҳуқуқи баробар доранд.

Бояд гуфт, ки ҳуқуқҳои асосӣ ба соҳибихтиёрӣ алоқамананданд. Табиист, ки онҳо ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ номида мешаванд. Онҳо ҳамчун асос барои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гуногун хизмат мекунанд. Зеро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосӣ ҷузъи муҳимми вазъи ҳуқуқии давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ ба шумор меравад.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии давлатро аз нуқтаи назари тамоми низоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуданд, баррасӣ кардан лозим аст. Ҳуқуқу уҳдадориҳои давлатҳоро дар муносибатҳои байналмилалӣ вобаста ба хусусиятҳои меъёр ба се категория тақсим мекунанд. Ба гурӯҳи якум ҳуқуқу уҳдадориҳое дохил мешаванд, ки аз принсип ва санадҳои асосии ҳуқуқи байналмилалие, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалии универсалӣ дар санадҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам гардидаанд, бармеоянд. Ба гурӯҳи дувум ҳуқуқу уҳдадориҳои дорои хусусияти умумие дохил мешаванд, ки давлатҳои алоҳида метавонанд дар асоси созиши тарафайн ба вуҷуд оянд. Ба гурӯҳи сеюм ҳуқуқу уҳдадориҳое дохил мешаванд, ки ба давлатҳои алоҳида тааллуқ доранд ва дар созишномаҳои мушаххаси байни давлатҳо зикр шудаанд.

Дар таърихи давлатдории Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 рӯзи ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ мебошад. Асоси ҳуқуқии таъсиси соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Эъломияи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, ки дар Иҷлосияи дувуми Шурои Олӣ қабул гардид, ташкил медиҳад. Аммо бояд ёдрас кунем, ки истиқлоли

имрӯзаи Тоҷикистон натиҷаи пошхурии ИҶШС аст. Мавқеи ин ҳуҷҷат дар таҳкими истиқлолро набояд нодида гирифт, зеро он муносибати муайянро ба масъалаҳои истиқлол муқаррар намуда, бори нахуст соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистонро ба василаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ эълон кардааст. Бо Қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи Истиклолияти ҶШС Тоҷикистон» ба Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳое, ки мақоми онро дар арсаи байналмилалӣ муайян мекунад, ворид карда шудаанд, ки онро ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ, субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар муносибатҳои байналмилалӣ муқаррар кард, ки бо онҳо имконияти мустақили мубодилаи намояндагӣ кунад, ваколатҳои салоҳиятнокро ба амал барорад ва шартномаҳои байналмилалӣ бандад. Қайд кардан бамаврид аст, аҳаммияти ин санадҳои сиёсиву ҳуқуқӣ дар он рушан мегардад, ки онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ намудаанд.

Бояд гуфт, ки нақши конститутсия на танҳо ба расмият даровардани ташкили низоми давлатию ҳуқуқии нав, балки самтҳои асосии рушди онро муайян менамояд. Пас аз ба даст овардани истиқлол раванди расмии эътирофи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. То имрӯз истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ расман эътироф шудааст ва он узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Дар ҳоли ҳозир Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои тамоми қитъаҳои ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор кардааст ва дар қаламрави кишвари мо даҳҳо сафоратхона ва намояндагии кишварҳои ҷаҳон фаъолият доранд.

Дар асоси андешаҳои боло метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки мафҳуми «субъекти ҳуқуқ»-ро назарияи умумии ҳуқуқ нисбат ба ҳуқуқи

умумӣ таҳия кардааст. Сарфи назар аз он, ки ҳуқуқи байналмилалӣ як низоми махсуси ҳуқуқ аст, ба он муқаррароти умумии назариявии ҳуқуқӣ низ татбиқ мешавад. Дар ин замина мафҳуми зеринро пешниҳод кардан мумкин аст: субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим шуда, соҳиби мустақилияти қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти ҳуқуқамалкунии муқаррарнамудаи меъёрҳои мавҷуда мебошанд.

## 1.4. Таъсири мутақобилаи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ

Принсипҳои ҳуқуқ яке аз мафҳумҳои маъмултарин ва маҳфузтарин на фақат дар назарияи давлат ва ҳуқуқ, балки дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд.

Мафҳуми принсипҳои ҳуқуқро яке аз олимони намоёни илми ҳуқуқшиносии муосири тоҷик Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев Р.Ш.) чунин тафсир додааст: «Принсипҳои ҳуқуқ – асосҳои пешбаранда, нуктаҳои асосӣ, ғояҳо мебошанд, ки мазмун, моҳият ва таъйиноти ҳуқуқро дар ҷомеа ифода мекунанд» [73, с.379]. А.Р. Нематов дар робита бо ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми зерини принсипи ҳуқуқро пешниҳод намудааст: «Принсипҳои ҳуқуқ маҷмуи ғояҳо, ақидаҳо, асосҳои роҳнамо мебошанд, ки дар тамоми низоми ҳуқуқии ҷомеа паҳн шуда, қисми таркибии шуури ҳуқуқии онро ташкил медиҳанд» [64, с.41].

Ҳар як ҷомеа арзишҳои хоси худро доранд, онҳо дар сатҳи меъёрӣ дар қонунҳои давлат эътироф ва сабт шудаанд. Ин принсипҳо минбаъд самтҳои асосии рушди ҳуқуқии давлатро дар марҳалаи муайяни таърихии тараққиёт муайян мекунанд. Дар навбати худ, ташаккули принсипҳои ҳуқуқ бо

режими мавҷудаи сиёсии давлати муайян, ки ба самтҳои дахлдори иҷтимоию сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии рушд асос ёфтааст, ба таври диалектикӣ алоқаманд аст. Имрӯз дар Тоҷикистон, ки роҳи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб намуда, бунёди давлати иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҳадафи худ қарор додааст, чунин принсипҳо, аз қабили арзиши олии ҳуқуқу озодиҳои инсон, тақсимоти қудрат, волоияти қонун, плюрализми сиёсӣ ва идеологӣ, озодии виҷдон ва дин, кафолати моликияти хусусӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ, афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ ва ғайра ба сифати принсипҳои асосӣ қабул гардидаанд. Бисёр принсипҳои умумии ҳуқуқӣ, аз қабили тақсимоти қудрат, волоияти қонун, кафолат ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аллакай заминаи рушди низоми ҳуқуқии давлатии ҷомеаи Тоҷикистонро ташкил додааст.

Масъалаи таъхирнопазир ва ниёзманди рушди минбаъдаи илмии назарияи принсипҳои ҳуқуқ - ин муайян кардани робитаи байни принсипҳои ҳуқуқи дохилӣ ва байналмилалӣ мебошад. То имрӯз робитаи принсипҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик мавриди таҳқиқи махсус ва ҳамаҷониба қарор нагирифтааст, тақсимоти принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ҳануз ҳам ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, ҳарчанд аввалиро метавон як гурӯҳ ё навъи принсипҳои ҳуқуқ ҳисоб кард. Дар навбати худ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба принсипҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ на танҳо ҳамчун ғояҳои асосии татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ, балки ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ амал мекунанд. Ба ибораи дигар, онҳо ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд.

Вобаста ба ин, мо вазифа гузоштаем, ки муносибатҳои байни принсипҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон

таҳлилу таҳқиқ карда шавад, зеро онҳо аллакай дар сатҳи меъёрӣ муқаррар гардидаанд ва бо принсипҳои умумии ҳуқуқ алоқаманданд.

Қабл аз ҳама, биёед ба омӯзиши худи низоми принсипҳои ҳуқуқ ва муайян намудани мавқеи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар он муроҷиат кунем. Тибқи анъана, илми назарияи давлат ва ҳуқуқ принсипҳои ҳуқуқро ба умумӣ, соҳавӣ ва байнисоҳавӣ ҷудо намуда тасниф мекунад, ки онҳо ҳарчанд дар низоми умумии таснифоти принсипҳои ҳуқуқ ҳукмфармо бошанд ҳам, аммо ягона намебошанд. Гуногунии усулҳо ва меъёрҳо асосҳои гуногуни таснифи принсипҳои ҳуқуқро муайян кардааст. Дар илми ҳуқуқшиносӣ дар масъалаҳои ном, мазмун ва таркиби миқдори принсипҳо таснифбандии ягона вуҷуд надорад.

Дар назарияи ҳуқуқ ду равиш барои муайян кардани принсипҳои соҳаҳо ва институтҳои гуногун вуҷуд дорад. Дар равиши аввал, принсипҳои институтҳо ва соҳаҳо аз таснифи принсипҳои ҳуқуқ ба умумии ҳуқуқӣ, байнисоҳавӣ ва махсус бармеоянд. Дар доираи равиши дуюм, принсипҳои соҳавӣ аз принсипҳои умумии ҳуқуқӣ бо муайян кардани хусусиятҳои соҳаи онҳо бароварда мешаванд. Ин равиш асосан ҳангоми муайян кардани муносибати байни принсипҳои умумии ҳуқуқие, ки дар доираи назарияи ҳуқуқ таҳия шудаанд ва принсипҳои соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ бармеояд. Дар марҳилаи ҳозира принсипҳои умумии ҳуқуқӣ ва муносибати онҳо бо принсипҳое, ки ба институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ хосанд, масалан, ба ҳуқуқи байналмилалӣ, дида баромадан муҳим аст.

Мо пешниҳод менамоем, ки принсипҳои ҳуқуқ ба универсалӣ ва институтсионалӣ тақсим карда шаванд, ки дар онҳо принсипҳои институтсионалӣ дар доираи соҳаҳо ё институтҳои муайяни ҳуқуқ рушд меёбанд ва принсипҳои ҳуқуқ нисбат ба тамоми намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ универсалӣ мебошанд ва умуман, асоси ташаккули тамоми низоми ҳуқуқии давлатро ташкил мекунанд.

Г.И. Тункин «ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун зернизоми меъёрӣ, ҷузъи «низоми байналмилалӣ» тавсиф кардааст. Зери мафҳуми унсурҳои низоми байналмилалӣ давлатҳо, созмонҳо (байналмилалӣ, байнидавлатӣ), ассотсиатсияҳои гуногуни давлатҳо, миллатҳо ва халқҳои барои истиқлол мубориза баранда ва баъзе воҳидҳои ба давлат монанд фаҳмида мешаванд» [92, с.93].

Низоми мазкур ҳамчунин муносибатҳои байни субъектҳои онро низ дар бар мегирад. Тамоми унсурҳое, ки низоми байналмилалиро ташкил медиҳанд, бо ҳамдигар дар робитаи мутақобила қарор доранд.

Асоси меъёрии низоми танзими муносибатҳои байналмилалиро меъёрҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла меъёрҳои ахлоқ, урфу одатҳо, принсипҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд. Ҳуқуқи байналмилалӣ як зернизоми танзимро ташкил медиҳад. Дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ байни давлатҳо ва субъектҳои дигар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, яъне, муносибатҳои бо сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзимшаванда рушд ва фаъолият мекунанд.

Низоми байналмилалӣ низоми мушаххаси иҷтимоӣ мебошад, ки дар он қонунҳои таърихии рушди тамаддуни башарӣ ифодаи худро ёфтаанд. Аз ин рӯ, ҳар як давлат дар тамаддуни муйян рушд ёфта, давлатсозӣ ва давлатдории худро дар асоси принсипҳо муайян малӣ мегардонад. Масъалан, давлатҳои Шарқи Наздик асосан дар тамаддуни мусулмонӣ ба вуҷуд омада, рушд карда истодаанд. Мутаносибан онҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ низ дар асоси принсипҳои ҳамин тамддун муносибати худро бо дигар давлатҳо ба роҳ мемонанд. Давлатҳои Аврупои Ғарбӣ бошад дар асоси тамаддуни Рими Қадим вуҷуд омада, онҳо муносибатҳои байнидавлатии худро дар асоси принсипҳои куллан дигар ба роҳ мондаанд. Бинобар ин, дар муносибатҳои байналмилалӣ бояд, ки манфиатҳои

тамомаи давлатҳо, ки дар асоси тамаддуни гуногун рушд карда истодаанд ба инобат гирифта шаванд.

Аз ин рӯ, ҳақ дар тарафи Р.А. Мюллерсон мебошад, вақте ӯ менависд: «Низоми муосири байналмилалӣ, асоси меъёрии он - ҳуқуқи байналмилалӣ, ахлоқи байналмилалӣ - дар натиҷаи мубориза ва равобити давлатҳо ва халқҳо ташаккул ёфтааст» [62, с.128].

Яке аз хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки он аз ҳуқуқи дохилидавлатӣ фарқ мекунад, ин ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф намудани принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ҳуқуқи байналмилалии муосир дорои хусусияти демократӣ, эътирофи арзишҳои умумиинсонӣ мебошад. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иродаи бисёр давлатҳоро ифода мекунанд. Принсипҳо мисли меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муносибатҳои байнидавлатиро танзим мекунанд. Аз ин ҷиҳат, ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун воситаи татбиқи манфиатҳои давлат дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ амал мекунад.

Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии муосир, ки муносибатҳои байналмилалиро ба танзим медароранд ормонҳои халқҳо, давлатҳо, ҷомеаи ҷаҳонро, ки дар тамаддунҳои гуногун рушд карда истодаанд, дар бораи ғояи одилонаи пешрафта ва инсондӯстона, ки ба манфиати сокинони сайёраи мо ҷавобгӯ аст, бояд ифода кунад.

Дар муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳо ва меъёрҳо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун меъёрҳои анъанавӣ низ фаҳмида мешаванд, ки аз ҷониби аксарияти давлатҳо эътироф шудаанд. Асоси ин принсипҳо дар Оинномаи СММ, Эъломияи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соли 1970, резолютсияҳо ва эъломияҳои Ассамблеяи СММ пешбинӣ гардидаанд.

Дар байни принсипхои умумии ҳуқуқ ин ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла , дар асоси баробарҳуқуқии давлатҳо поймол накардан; ба кор набурдани қувва

ё таҳдиди қувва; ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналхалқӣ; дахолат накардан ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти дохилии давлатҳо дахл доранд; уҳдадории давлатҳо дар ҳамкорӣ бо ҳамдигар; баробарӣ ва худмуайянкунии халқҳо ва ғайра. Истифодаи дурусти ин принсипҳо тафсири дурусти онҳоро талаб мекунад. Аксари принсипҳои умумии ҳуқуқи байналмилалӣ (хусусан меъёрҳои ҳуқуқи инсон) дар низоми ҳуқуқи миллӣ мазмуни хос ва таъсири бевосита доранд, вале дар амал рафъи камбудиҳо дар асоси принсипҳои умумӣ вазифаи хеле душвор буда, иқдоми хеле баландро тақозо мекунад.

Мавҷудият ва таҳкими муқаррарот дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи афзалияти принсипҳои умумӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои миллӣ ва имкони таъсири бевоситаи онҳо дар қаламрави Тоҷикистон барои рафъи камбудиҳо дар қонунгузории миллӣ ва мувофиқан, самаранокии раванди ислоҳоти низоми ҳуқуқии кишвари моро таъмин менамояд, мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки илми ҳуқуқшиносӣ ҳуқуқи байналмилаиро ба ду намуд ҷудо менамояд: ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Ҳуқуқи байналмилалие, ки мавриди таҳқиқи дар диссертатсияи мазкур қарор додаем – ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ном дорад. Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ бо ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ алоқаманд дошта, асосна ҳуқуқи байналмилаии хусусӣ муносибатҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар муносибатҳоро бо унсури хориҷӣ танзим мекунад. Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ бошад принсипҳои аосисии танзими ин намуди муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд. Дар ибораҳои "ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ" ва "ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ" калимаи "байналмилалӣ" маънои дигар дорад. Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ, ки муносибатҳои байни давлатҳоро ба танзим медарорад, қонуни байнидавлатӣ мебошад [42, с.9] .

Дар адабиёти ҳуқуқии дохилӣ, С.Б. Крилов ақидае баён кард, ки «ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибатҳоеро танзим мекунад, ки дар якҷоягӣ бо муносибатҳои байнидавлатӣ ба як соҳа - ҳуқуқи байналмилалӣ ба маънои васеи калима мансубанд» [43, с.82-93].

Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ соҳаҳои гуногуни ҳуқуқии марбут ба ҳам мебошанд. Онҳо хусусиятҳои умумие доранд, ки дар раванди равобити байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд. Умумият дар ягонагии як қатор принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ, аз қабили эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо, иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои байналмилалӣ, эътирофи монополияи тиҷорати хориҷӣ ва ғайра зоҳир мешавад.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз унсурҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ. Ба ҳисоб меравад, ки мазмун ва моҳияти принсипи ҳуқуқи байналмилалиро на фақат ташкил медиҳад, ҳатто муайян мекуна ва рушд медиҳад. Тамоми принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар гирду атрофи ҳуқуқу озодиҳои инсон давр мезананд.

Принсипи эҳтироми ҳуқуқи инсонро дар байни принсипҳои нави ҳуқуқи байналмилалӣ асоснок карда, Г.И. Тункин навиштааст, ки «ҳуқуқи байналмилалӣ ба соҳае ҳамла кард, ки ҳамеша дар доираи салоҳияти дохилии давлат ҳисобида мешуд ва дар он, муҳимтар аз ҳама, хусусиятҳои хоси системаҳои гуногуни иҷтимоӣ хеле қавӣ зоҳир мешаванд» [57, с. 52; 92, с.60].

Вай ба пайдоиши як шохаи нави ҳуқуқи байналмилалӣ ишора карда, уҳдадориҳои давлатҳоро оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои асосии ҳамаи одамон, новобаста ба нажод, забон, дин, ҷинс ва дигар фарқиятҳо муайян мекунад. Принсипи эҳтироми ҳуқуқи инсон яке аз муҳимтарин принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва уҳдадориҳои давлатҳои ҷомеаи муттамаддин гардид. Меъёрҳои аз ҷониби ҳама эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалии

ҳуқуқи инсон дар ҳама конститутсияҳои давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун меъёре, ки мустақиман амалӣ мекунад, эътироф карда шудаанд.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки бо назардошти таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мо ба хулосае омадем, ки зарурати омӯзиши стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва таҳаввули онҳо дар фазои мухталифи фарҳангӣ ва ҳуқуқии ҷаҳон зарур аст. Қобили зикр аст, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ боиси бархӯрди арзишҳои фарҳангии халқу тамаддунҳои гуногун гардида, дар ниҳоят боиси аз даст додани хусусияти умумибашарии ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон ва шаҳрванд гардид. Холо дар назди олимони хуқуқшиносон вазифа гузошта шудааст, ки мохияти ҳуқуқу озодихои инсонро дар шароити муайяни фарҳангӣ ва тамаддун муайян намоянд.

Ғояи универсалии меъёрҳои ҳуқуқии байналмиллалии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ба андешаи мо, дар доктрина ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ амалан бартарӣ дошт ва боқӣ мемонад. Аммо бо қабули як қатор санадҳои байналмилалии минтақавӣ, ки ба таъсиси стандартҳо ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон нисбат ба хусусиятҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва анъанаҳои як минтақаи муайян нигаронида шудаанд, ин меъёрҳо ба тағйирот ворид мешаванд ва ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон тадриҷан умумияти худро гум мекунанд. Дар ин маврид бояд ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз 1950 с., Хартияи Африқо оид ба ҳуқуқи инсон ва мардум аз 1981 с., Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон аз1969 с., Эъломияи ҳуқуқи башари исломӣ аз 1990 с. ва Хартияи Араб оид ба ҳуқуқи инсон аз 1999 с. ишора кардан мумкин аст. Қобили зикр аст, ки ҳарчанд ин ҳуҷҷатҳои минтақавӣ қисми зиёди ҳуқуқи башарро таҷдид мекунанд, онҳо мероси фарҳангӣ ва анъанаҳои таърихии кишварҳои минтақаи мувофиқро низ инъикос

мекунанд. Аз ин рӯ, ба фикри мо дар ин ҷо дар оянда шояд масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд оҳиста аз ваколати ҳуқуқи байналмилалӣ ва ба ваколати ҳуқуқи минтақавӣ ё дохилидавлатӣ гузарад.

Раванди ташаккули принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз принсипҳои қонунгузории дохилидавлатӣ фарқ мекунад. Дар низоми байналмилалӣ ягон ниҳоде нест, ки сари давлатҳо истода бошад, муассисаҳое вуҷуд надоранд, ки қоидаҳои рафтори давлатҳоро муқаррар кунанд. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ усули ҳамоҳангсозии иродаи давлатҳо, усули созиш бартарӣ дорад. Аз ин рӯ, принсипҳои байналмилалӣ дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавқеи пешсафро доранд. Мувофиқи моддаи 38.1 Оинномаи Суди Байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид, сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз конвенсияҳои байналмилалӣ, одатҳои байналмилалӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқ, ки аз ҷониби миллатҳои мутамаддин эътироф шудаанд, инчунин аз қарорҳои судҳои байналмилалӣ ва таълимоти мутахассисони баландихтисоси ҳуқуқи байналмилалии оммавии миллатҳои гуногун ҳамчун воситаи ёрирасон барои муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат мебошанд.

Ғояҳои асосии хоси низоми ҳуқуқиро принсипҳо ё принсипҳои умумии ҳуқуқ меноманд. Ин ғояҳои низоми ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ифода меёбанд. Принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ муҳимтарин танзимгарони муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд; онҳо ба мундариҷаи тамоми низом, ниҳодҳои ҳуқуқии он ва шохаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, тафсир ва истифодаи меъёрҳо таъсир мерасонанд. Тартиби байналмилалии ҳуқуқӣ ба принсипҳои асосӣ, меъёрҳои универсалии ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст. Принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ заминаи идеологӣ ва меъёрии муносибатҳои байни давлатҳоро ташкил медиҳанд. Хуруҷ аз принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби

умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, вайрон кардани онҳо амалҳои ғайриқонунии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд.

Таърифи принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ба иаври гуногун дар адабиёти ҳуқуқӣ ифода ёфтааст. Ба андешаи ҳуқуқшиноси шинохта Г.И.Тункин, «давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии он ифодакунандаи мафҳуми принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ аст» [92, с.102]. Дар ҳақиқат мафҳуми принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ баҳсталаб мебошад, зеро дар бисёр маврид бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳаммаъно мешаванд. Аммо дар асл фарқ байни онҳо вуҷуд дорад. Аввалан мафҳуми меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ васеъ мебошад, зеро он дар худ принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро дарҷ менамояд. Баъдан принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ба самтҳои муайяни фаъолияти давлат нигаронида шудаанд.

Масалан, принсипи дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлат ифодаи хешро дар он меёбад, ки давлат уҳдадор аст аз ҳама гуна дахолатҳо ба корҳои дохилии дигар давлат худдорӣ намояд. Аммо ҳама гуна фаъолияти давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад.

Аз ин нигоҳ принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ – ин асосҳое мебошанд, ки таҷассуми бевоситаи хешро дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ёфтаанд ва аз тарафи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун асосҳои роҳбарикунанда дар фаъолияти хеш эътироф карда шудаанд. Алоқамандии принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ дар он зоҳир мешавад, ки вайроншавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ сабаби риоя нашудани принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мегардад ва ё баръакс. Аз ҷониби дигар, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии давлат ҳисоб намешаванд.

Принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ва равобити он бо принсипҳои дохилидавлатӣ дар моддаи 5, 11 ва дигар моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд. Тибқи он асоси сиёсати берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ё ба ибораи дигар гӯем, Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои хориҷии хешро ба воситаи принсипҳои асосии ҳуқуқи дохилидавлатӣ муайян менамояд. Эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсонро Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаддас шуморида, риоя ва ҳифзи онро дар қаламрави хеш таъмин мекунад, баробарҳуқуқӣ ва худмуайянкунии тамоми халқу мамлакатҳоро эътироф менамояд [96, с.65]. Масалан, В.М. Шафиров қайд мекунад, ки формулаи конститутсионии “Инсон, ҳуқуқу ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд” ифодаи мутамаркази навсозии сифатии мохият ва мазмуни ҳуқуқи дохилидавлатӣ гардид [137, с. 152]. Ин муқаррарот принсипи асосии ҳуқуқи муосири байналмилалӣ мебошад.

Аз ин рӯ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мазмуни худ принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро мустаҳкам намуда, ҳамчун воситаи пайвандгар байни низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ хидмат мекунад.

Ин мавқеро ҳуқуқшинос С.А. Раҷабов низ дастгирӣ менамояд ва қайд мекунад, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами бузурге дар роҳи тавсеаи мақоми ҳуқуқи байналмилалӣ дар системаи ҳуқуқии кишвар гузошт, ба таъсис ва рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ҳамчунон ба эҷоду такмилдиҳии қонунгузории он мусоидат намуд» [128, с.405]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои олии давлат ва миллати тоҷикро барои ояндаҳои дуру наздик тарҳрезӣ намуда, халқи тоҷикро устуворона ба сӯйи ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ марҳала ба марҳала пеш мебарад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади беназир дар рушди меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ саҳми

бузург дорад ва барои такомули ҳамкориҳо дар риштаи муносибатҳои байналмилалӣ хизмат мекунад ва роҳро барои эъмори ҷомеаи адолатпарвар мунаввар месозад [128, с.405].

Сиёсати хориҷии давлатҳо ба эътироф ва татбиқи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст. Муҳаққиқ Г.В. Игнатенко қайд мекунад, «меъёрҳои аз тарафи умум эътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ, яъне, меъёрҳоеро, ки ҳамаи давлатҳо ва ё аксари давлатҳо, сарфи назар аз низоми иҷтимоиашон расман эътироф мекунанд, ҷудо менамояд. Дар он принсипҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун муҳимтарин меъёрҳои умумӣ муайян карда шудаанд» [39, с.78]. Аз ин рӯ, тавре дар боло зикр кардем, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ чун асосҳои таҷассумгари бевоситаи хеш дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сифати асосҳои роҳбарикунанда эътироф шудаанд.

Бояд қабул кард, ки принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ на ҳама вақт муайянкунандаи принсипҳои дохилидавлатӣ шуда метавонанд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳолатҳое ҳастанд, ки таъсири низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ, аз ҷумла принсипҳои низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба принсипҳои байналмилалӣ самти муносибатҳои байналмилалиро муайян мекунанд. Чунончи, Х.Н. Беҳрӯз қайд менамояд, «ҷаҳони муосир, ки ба афзалияти меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ асос ёфтааст, рушди ҳуқуқи муосирро муайян мекунад. Дар баробари ин, амали ин принсип дар доираи низомҳои ҳуқуқии давлатҳои исломӣ бо як банд, ки барои фаъолияти он аҳаммияти хосе дорад, маҳдуд мешавад, яъне, танҳо он принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ метавонанд дар доираи онҳо амал кунанд, ки ба принсипҳои асосии ҳуқуқи исломӣ мувофиқ бошанд» [107, с.81].

Низомҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ муносибатҳои дохилиро танзим мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ муносибатҳои байналмилалиро танзим карда наметавонанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки ин меъёрҳои дохилидавлатӣ наметавонанд ба ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир расонанд. Шаклҳои муайяни таъсири меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба муносибатхои ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуданд. Ҳуқуқи дохилидавлатӣ, қонунгузорӣ, ташкил ва фаъолияти давлат, сиёсати онро дар дохили кишвар ва арсаи байналмилалӣ муайян мекунанд. Ин махсусан дар давлати ҳуқукбунёд, ки иродаи соҳибихтиёрии халқро ифода мекунад, равшан ба назар мерасад.

Ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи давлат ифодаи худро меёбанд. Албатта, сиёсати берунӣ ва дипломатияи давлат набояд ба принсипу меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мухолиф бошад. Давлат тавассути сиёсат ва дипломатия ба ғояҳо, ақидаҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар шуури сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқии мардум, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтааст, ба ҳаёти байналмилалӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир мерасонад. Яке аз чунин шаклҳои таъсири ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Дар Конститутсияи кишвар омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр муносибатҳои хешро дар асоси сиёсати сулҳҷӯёна дар амал татбиқ менамояд ва соҳибихтиёрию истиқлоли дигар давлатҳоро эътироф менамояд. Инчунин ҳангоми ба амал баровардани муносибатҳои хориҷӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ такя намуда, вобаста ба манфиатҳои халқи Тоҷикистон ҳамкориҳои муфидро ба роҳ мемонад [1, с.6-7].

Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ қисми

ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии он мебошанд. Дар он дақиқ гуфта нашудааст, ки кадом принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор доранд. Мо фикр мекунем, ки инҳо принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ, ки муҳтавои муносибатҳои байни давлатҳои соҳибихтиёрро муайян мекунанд ба ҳисоб рафта, ба монанди: ба кор набурдани қувва ва таҳдиди зуроварӣ, принсипи бо роҳи осоишта ҳал намудани баҳсҳои байналмилалӣ, принсипи дахолат накардан ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти дохилии давлатҳо дахл доранд, принсипи уҳдадории давлатҳо дар бобати ҳамкориҳои муштарак, принсипи баробарӣ ва худмуайянкунии халқҳо, принсипи баробарҳуқуқии соҳибихтиёрии давлатҳо, принсипи иҷрои содиқонаи уҳдадориҳо тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ, принсипи дахлнопазирии сарҳадҳои давлатӣ, принсипи дахлнопазирии қаламрави давлатҳо, принсипи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд. Принсипҳои мазкур принсипҳои универсалӣ ва бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ки тамоми ғояҳои муносибатҳои давлатҳои соҳибихтиёрро дар муносибатҳои байналмилалӣ муайян менамоянд. Имрӯз, чунон ки амалия нишон медиҳад, принсипҳои муайяншудаи ҳуқуқи байналмилалӣ механизми бесамари ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ мебошанд. Аҳаммияти онҳо дар қонунгузории дохилӣ баҳсбарангез боқӣ мемонад, ки як қатор давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз онҳо чашм мепӯшанд. Аз ин рӯ, он принсипҳое, ки дар нимаи дуюми асри гузашта ҳамчун меъёри волоияти қонун маҳсуб мешуданд, айни замон дар ҳолатҳои фавқулода аллакай баъзе шубҳаҳоро ба вуҷуд овардаанд.

Яке аз хатарҳо дар равобити принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ - ин духурагии тафсири меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Вобаста ба ин ҳолат дар байни олимон ақидаҳое мавҷуд аст, ки ҳамон принсипҳои универсалие, ки ба тарзҳои гуногун тафсир карда мешаванд, масъалаи самаранок ва

таҷдиди назар кардани онҳоро ба миён мегузорад. Чунин ҳолат, дуруст қайд мекунад А.А. Шаповалов, «на барои манфиати халқиятҳо, балки ба манфиати субъектони сеюм – давлатҳои абарқудрат – дар манфиатҳои геополитикии онҳо хизмат менамояд» [136, с.88]. Аз ин рӯ, бояд принсипҳои универсалии ҳуқуқи байналмилалӣ на фақат дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ, балки дар ҷорӣ намудани онҳо дар қонунгузорӣ ва муносибатҳои дохилидавлатӣ якхела тафсир карда шаванд.

Ба фикри мо, ҳоло ҷомеаи ҷаҳонӣ барои таҷдиди назар намудани ин принсипҳои универсалие, ки таъмини волоияти қонуниятро чи дар арсаи байналмилалӣ ва чи дар дохили давлат таъмин менамоянд, омода нест. Зеро барои таҷдиди назар намудани як принсип бояд, пеш аз ҳама, принсипи нав пешниҳод намуд. Вайрон намудани низоми муосири ҳуқуқи байналмилалӣ ба авҷ гирифтани мунокишаҳои шаҳрвандӣ дар тамоми ҷаҳон метавонад оварда расонад.

Ғояи асосие, ки принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидав–латиро муттаҳид месозад, барпо намудани адолат дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ мебошад. Адолат – ин маҳаки амалишавии принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба ҳисоб меравад. Тавре Е.В. Скурко менигорад, «дар ҳар марҳилаи инкишофи таърих, дар ҳар ҷомеа, аз номи давлатҳои гуногун аз нигоҳи фалсафавӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ-амалӣ масъалаи марказии ҳуқуқшиносӣ – ин адолат, ғояи адолат, тасаввурот дар бораи адолат боқӣ мемонад» [72, с.85-86; 126, с.37-44].

Ҳамин тавр, таъсири принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ равшан аст. Дар таҳияи аввалин санадҳои ташкилкунандаи давлат принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ замина гузошта буданд. Эъломияи истиқлоли давлатӣ, конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии миллӣ ҳамчун табдилдиҳанда,

низоми пайвандгари ҳуқуқи миллӣ ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ хидмат карданд. Ҳамзамон, дар таҷрибаи ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири принсипҳои дохилидавлатӣ ба қабули онҳо дар низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба назар мерасанд.

# БОБИ 2. МАСОИЛИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Шаклҳои татбиқи (имплементатсияи) ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили ҳуқуқ ва амалияи татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ собит месозад, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуданд, онҳо бояд ба низоми ҳуқуқии кишвар бо тартиби муқаррарнамуда ворид карда шаванд. Ин равандро аксар вақт имплементатсия меноманд, яъне татбиқи (ворид намудани) ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ. Воқеан, меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ тағйир наёфта, мақоми худро нигоҳ медорад. Аммо ба мазмун ва қоидаи он мақоми меъёри ҳуқуқи миллӣ дода мешавад. Воқеан, сухан дар бораи татбиқи як меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ бо ёрии қонунҳои дохилидавлатӣ меравад.

Татбиқ (имплементатсия) – ин иҷрои воқеии ухдадориҳои байналмилалӣ дар сатҳи дохилӣ, инчунин роҳи мушаххаси ворид сохтани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ мебошад. Талаботи асосии татбиқ амалӣ намудан ва риоя кардани мақсаду мазмуни ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Профессор С.В.Черниченко моҳияти ин равандро дигаргунсозӣ меномад. Ӯ қайд мекунад, ки «мазмуни он аз мутобиқ гардонидани қонунгузории дохилидавлатӣ ба меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқи байналмилалӣ тавассути баровардани санади дахлдори ҳуқуқии дохилии бо мақсади таъмини иҷрои дастурҳои муқаррарнамудаи ин меъёрҳо иборат мебошад. Бояд гуфт, ки таърифи «трансформатсия» (табдилдиҳӣ) дар чунин замина шартист, зеро дар воқеият меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ

моҳияти ҳуқуқии хоси худро гум намекунанд» [99, с.50]. С.В. Черниченко низ қайд менамояд: «Дар байни навъҳои дигари табдилдиҳӣ инкорпоратсия, қонунгузорӣ ва ҳаволаро тарафдорӣ мекунад. Аввали онҳо танҳо ба шартномаҳои байналмилалӣ татбиқ мешавад ва ба қонунгузории дохилидавлатӣ ворид кардани онҳоро ё дар шакли аввалааш ҳамчун қисми ҷудонашавандаи он (инкорпоратсияи автоматӣ) ё тавассути қабули санади меъёрии ҳуқуқии дохилии аз ҷиҳати матн ба шартнома шабеҳ (инфиродӣ) ифода мекунад» [99, с.50; 53].

Бо ҷамъбасти равишҳои дар боло зикршуда оид ба таърифи мафҳуми татбиқ (имплементатсия) муҳаққиқи тоҷик С.А. Раҷабов қайд мекунад, ки «татбиқ (имплементатсия) – ин фаъолияти ташкилию ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки мустақилона дар сатҳи дохилӣ ё якҷоя бо субъектҳои дигар амалӣ карда мешавад ва ҳамчунин ба амалӣ намудани ҳардуи онҳо нигаронида шудааст» [69, с.126]. А.С. Гавердовский пешниҳод менамояд, ки дар зери татбиқи (имплементатсияи) ҳуқуқи байналмилалӣ «фаъолияти мақсадноки ташкилию ҳуқуқии давлатҳо, ки ба таври инфиродӣ, дастаҷамъона ё дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсади саривақт, ҳамаҷониба ва пурра иҷро намудани ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ андешида мешаванд, дониста шавад» [35, с. 82]. Дар навбати худ, муаллиф қайд менамояд, ки «имплементатсияи аз механизмҳои байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ иборат буда, ҳар кадоми онҳо аз унсурҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ иборат мебошад» [35, с. 102, 213].

Имплементатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории дохилидавлатӣ дар шаклҳои гуногун амалӣ мегардад. Асосҳои чунин ҳамкориҳоро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ муайян мекунад. Шаклҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар роҳҳои ворид намудани

меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ ифода ёфта, ҳалли ин масъала дар сатҳи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти методологӣ дошта, дар амалия бошад, ба роҳҳои самараноктарини истифодаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ мусоидат менамояд. Сол то сол ин консепсияҳо рушд карда, ҳоло бошад шаклҳои гуногуни татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ пешниҳод карда мешаванд.

В.П. Реутов қайд мекунад, ки «якчанд консепсияҳои татбиқи меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ дар қонунгузории ин ё он кишвар, ки қабл аз консепсияҳои замони муосир мавҷуд буданд (аз ҷумла назарияи мутобиқшавӣ, трансформатсия ва ғайра). Назарияи умумиэътирофшудаи амалкунандаи татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории дохилидавлатӣ холо якчанд усулҳоро номбар мекунад. Коршиносон, аз ҷумла, чунин усулҳо ба монанди инкопоратсия, ретсепсия ва истинодро номбар мекунанд» [129, с. 150].

Доир ба ин масъала дар мисоли қонунгузории иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқшиноси тоҷик М.Ғоибзода ду самти равобитро муайян мекунад. Ӯ менависад: «Дар доираи доктринаи ҳуқуқии байналмилалии ватанӣ ду назарияи асосии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар доираи тартиботи ҳуқуқии дохилӣ ташаккул ёфтааст. Назарияи якумро «*назарияи трансформатсия*» ва назарияи дуюмро «*назарияи имплементатсия*» меноманд» [142, 56].

Дигар олими тоҷик Д.Қ. Назаров «дар раванди таҳлили нақши санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалиро дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ***имплементатсия***, ки охирин дар навбати худ ба *инкорпоратсия* (маҷмуи қонунҳои устувор), *трансформатсия* (табдилдиҳӣ), *истинод* (умумӣ, хусусӣ ё мушаххас),

*таҳияи меъёрҳои бланкетӣ дар қонунгузорӣ*, ки дар онҳо ба сарчашмаҳо ишора мешавад, ҷудо мекунад» [63, с.90-92].

Т.Ю. Хабриева ва Н.А.Власенко як шакли дигар ба монанди ретсепсия пешниҳод намуда бар ин назаранд, ки «ретсепсия яке аз роҳҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки аз ҷиҳати техникӣ-ҳуқуқӣ он дар мустақиман ё бавосита тағйир додани порчаи санади ҳуқуқи байналмилалӣ ба санади ҳуқуқии дохилидавлатӣ ифода меёбад. Ҳангоми ретсепсия давлат намунаи рафторро аз як меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ гирифта, бо роҳи дар қонун муқаррар намудан ба он қувваи юридикӣ мебахшад ва аз ин рӯ онро дар муносибатхои дохилдавлатӣ ҳамчун як қисми ҳуқуқи худ ҳатми месозад» [100, с. 168-169]. Агар дар зери мафҳуми ретсепсия чунин фаҳмишро ба дохил кунем, пас дар ин ҳолат он ба шакли трансформатсия қариб пурра мувофиқат мекунад.

В.В. Гаврилов қайд мекунад, ки «дар доктринаи ҳуқуқии байналмилалии ду назарияи асосии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар доираи тартиботи ҳуқуқии дохилӣ ташаккул ёфтааст: назарияи «табдилдиҳӣ» (трансформатсия) ва назарияи «татбиқ» (имплементатсия), ки ҳам аз ҷиҳати муайян кардани моҳияти ин раванд ва ҳам аз ҷиҳати усулҳои асосии татбиқи он аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд» [110, с. 42]. Дар ин масъала, аз баъзе ҷиҳатҳо, мо бо муаллиф розӣ шуда наметавонем, зеро одатан трансформатсия назарияи мустақил аз татбиқ (имплементатсия) нест. Агар аз мавқеъе он бароем, ки трансформатсия яке аз шаклҳои татбиқ (имплементатсия) мебошад, ки ба он бисёр олимони ватанӣ ва хориҷӣ пайравӣ мекунанд, пас татбиқ (имплментатсия) бештар умумӣ буда, траснформатсия ҷузъи таркиби он мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар масъалаи шаклҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории дохилидавлатӣ гурӯҳбандии гуногун мавҷуд буда, дар ин самт ақидаи умумии муттаҳидкунанда дар байни

олимони ҳуқуқшинос ба назар намерасад. Ин дар навбати худ ба тафсири гуногуни мафҳумҳое, ки дар раванди татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории дихилидавлатӣ истифода мешаванд, оварда мерасонад.

Агар бевосита ба таҳқиқи шаклҳои татбиқи (имплементатсия) ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории дохилидавлатӣ назар афканем, дар доктринаи ҳуқуқии байналмилалӣ дар ин хусус якчанд мафҳум мавҷуд мебошад ва олимони ҳуқуқшинос ба таври васеъ истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, сетои онҳо бештар паҳн шудаанд: назарияҳои ***транформатсия, инкорпоратсия*** ва ***истинод***.

Назарияи трансформатсия ба пайдоиш ва рушди худ аз назарияи дуалистӣ ба проблемаи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ вобастааст. Тавре дар боло зикр намуда будем, дуализм ба мавҷудият ва фаъолияти мустақили алоҳидаи ин ду низоми ҳуқуқ асос ёфтааст. Мавқеи асосии назарияи трансформатсия аз он иборат аст, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар доираи муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатии ин ё он кишвар танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ба ин меъёрҳо тавассути қабули санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида дар дохили кишвар эътибори ҳуқуқи миллӣ дода мешавад. Ин шакли равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби олими тоҷик, академик М.А. Маҳмудзода дастгирӣ ёфтааст. Ӯ менависад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии шартномаҳои асосии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон буда, меъёру принсипҳои онҳо қисми таркибии қонунгузории ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Дар асоси шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин тавсияҳои мақомоти гуногуни Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба қонунгузории кишвар тағйирот ворид гардида, қонунҳои нав қабул мешаванд» [148].

Дар шакли муфассалтар муқаррароти муҳимтарини ин назарияро метавон ба таври зайл муаррифӣ кард:

1. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ду тартиботи ҳуқуқӣ мебошанд. Аз ин рӯ, аввалӣ наметавонад танзимгари бевоситаи муносибатҳо дар доираи амали дувумӣ бошад.

2. Барои эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар дохили давлат онҳо бояд ба меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ табдил дода шаванд, ё ба ибораи дигар, эътибори меъёрҳои ҳуқуқи дохилиро пайдо кунанд.

3. Тартиби табдилдиҳӣ ба ҳама ҳолатҳо ва усулҳои ба амал татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар дохили давлат хос буда, татбиқи тағйирот тавассути интишори санади ҳуқуқии миллии «тағйирдиҳанда» сурат мегирад.

Ва ҳоло мазмуни ин тезисҳоро муфассалтар дида мебароем.

Дар доктринаи ҳуқуқии дохилӣ таъмини мустақилият ва ба ҳамдигар итоат накардани ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба таври умум эътироф шудааст. Одатан, ба изҳороти он ки қонуни дохилӣ ё дигар санади ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ манбаи бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ шуда наметавонад, ҳамчунон ки шартномаи байналмилалӣ ё анъанаи ҳуқуқии байналмилалӣ ба ҳеҷ ваҷҳ манбаи бевоситаи ҳуқуқи дохилӣ шуда наметавонад.

Принсипи афзалияти ҳокимияти давлатӣ маънои онро надорад, ки танҳо як низоми ҳуқуқӣ метавонад дар ҳудуди кишвари дахлдор, яъне ҳуқуқи дохилидавлатӣ амал кунад. Бинобар ин, моҳияти масъала дар он нест, ки низоми ҳуқуқии байналмилалӣ аз рӯйи моҳият ва мақсади худ, чи хел намояндагони назарияи трансформатсия даъво доранд, ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатӣ баромад карда наметавонад. Аз ин рӯ, сарчашмаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ метавонанд

ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ бароmад кунанд, ки муносибатҳои байни шахсони ҳуқуқии дохилидавлатии давлатҳои гуногун ё ҳатто як кишварро бевосита танзим мекунанд, дар ҳолатҳое, ки агар ба ин ваколати давлати дахлдор дода шуда бошанд. Ин ҳолат бевосита аз конститутсияҳои кишварҳо вобаста мебошад, ки дар муқаррарот дар бораи мақоми сарчашмаҳои байналмилалии ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии ин ё он давлат муайян карда бошанд.

Ҳамин тариқ, истилоҳи «трансформатсия» шартӣ аст. Онро ба ин ҳадаф истифода мебаранд, ки он ба таври васеъ дар илми муосири ҳуқуқи байналмилалӣ қабул карда мешавад. Трансформатсия метавонад умумӣ ва инфиродӣ бошад. Дар маҷмуъ, давлат муқаррар мекунад, ки ҳама ё баъзе намудҳои меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби онҳо қабул шудаанд, ҷузъи ҳуқуқи кишвар мебошанд. Вақте инфиродист, зарур аст, ки дар ҳар як маврид меъёрҳои байналмилалиро бо санади махсус ба қонунгузории кишвар ворид кунанд. Дар баъзе кишварҳое, ки ба низоми ҳуқуқи англосаксонӣ дохил мешаванд, масалан, Британияи Кабир, нисбати ҳуқуқи байналмилалии анъанавӣ – трансформатсияи умумӣ, нисбати шартномаҳо бошад, трансформатсияи инфиродӣ татбиқ карда мешаванд.

Назарияи амалӣ ба монанди назарияи трансформатсия, ба постулати мустақилияти низомҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ асос ёфтааст. Назарияи трансформатсия аз он бармеояд, ки робитаи байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ иртиботи зарурии ҳуқуқӣ мебошад. Ин ба хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ вобастааст, ки татбиқи онҳо дар аксари ҳолатҳо бе ёрии ҳуқуқи дохилидавлатӣ имконнопазир аст.

Ба таври хулоса, тезисҳои асосии назарияи татбиқро метавонем ба таври зерин баён кунем:

1. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ду низоми ҳуқуқии мухталиф мебошанд. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҳамчун танзимгари ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ амал кунанд.

2. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки ба танзими муносибатҳои байни субъектҳои миллии миллатҳои гуногун нигаронида шудаанд, чун қоида, худфаъолияткунанда мебошанд, агар онҳо дар қонунгузории миллӣ истинод карда шаванд, метавонанд дар қаламрави кишвари дахлдор бевосита таъсир расонанд. Дар навбати худ, меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки барои ноил шудан ба як дараҷаи муайяни танзими муносибатҳои байни субъектҳои миллии як кишвар пешбинӣ шудаанд, чун қоида, худтанзимкунанда нестанд ва барои дар амал татбиқ намудани муқаррароти онҳо давлат санадҳои ҳуқуқие қабул мекунад, ки онҳо ба танзими муносибатҳои байни субъектҳои миллии як кишвар нигаронида шудаанд.

3. Тартиби татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ фаъолияти ташкилию иҷроия мебошад.

Тағйирот, яъне трансформатсия аз қонунгузор ва дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ вақт ва меҳнати зиёдеро талаб мекунад. Аммо ин усул такмили худи санадҳои ҳуқуқии миллиро бо дарназардошти вижагиҳои низоми ҳуқуқии миллӣ таъмин менамояд, ки барои мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ бештар қулай мебошад. Ин имкон медиҳад, ки зиддиятҳои байни ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ бартараф карда, якпорчагии низоми ҳуқуқии миллӣ ҳифз карда шавад ва инчунин талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳатто ба онҳое, ки онро умуман намефаҳманд, ба таври оммафаҳм расонида шавад. Аз ин рӯ, трансформатсия, нисбат ба инкорпоратсия низ хеле муфид ва матлуб мебошад.

Бар хилофи ҷонибдорони назарияи трансформатсия ҷонибдорони назарияи дигари паҳншудаи равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ – назарияи **инкорпоратсия** мебошад, ки тибқи он меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми қонунгузории дохилии кишвар бидуни интишори ягон санади меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ ворид карда мешаванд ва бевосита татбиқ мегарданд. Бо баробари ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ мавқеҳо мавҷуданд, ки инкорпоратсия ворид намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ба низоми ҳуқуқии миллӣ бо роҳҳои муайяни барои худи давлат мақбул дарбар мегирад. Дар баробари ин ворид намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ иҷозат дода мешавад [100, с. 163].

Мутахассисон дар он фикранд, ки татбиқи бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ давлатро аз зарурати қабули санадҳои ҳуқуқии иловагие, ки муқаррароти созишномаҳои байналмилалиро ба низоми ҳуқуқии миллӣ ворид менамоянд, озод мекунад. Ин усули ҳамоҳангсозӣ ба давлат имкон медиҳад, ки дар раванди эҷоди ҳуқуқи байналмилалӣ фаъолона иштирок намояд, зеро бидуни тағйир додани қонунгузории дохилидавлатӣ имкони бастан ва ҳамроҳ шудан ба созишномаҳои сершумори байналмилалӣ имконият пайдо мекунад. Инчунин бояд қайд кард, ки татбиқи бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ эҳтимолияти иҷро шудани ӯҳдадориҳои байналмилалиро маҳз ҳамон тавре, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, зиёд мекунад. Хусусияти татбиқи бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар он аст, ки маҳз ҳамин модели ҳамоҳангсозии ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ барои ҳамгироии густурдаи давлатҳо бештар қобили қабул аст. Сарфи назар аз бартариҳои зиёд, татбиқи бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор душвориҳо ба миён меорад. Пеш аз ҳама, ин хусусияти маълумоти кофӣ надоштан дар бораи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Теъдоди ками ҳуқуқтатбиқкунандагон ва

шаҳрвандон дар бораи ҳуқуқи байналмилалӣ барои дуруст истифода бурдани он дониши кофӣ доранд.

Яке аз нахустин давлатҳое, ки ғояҳои доктринаи инкорпоратсияро дар сатҳи қонунгузорӣ қабул кард, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад. Дар Конститутсияи ИМА (1787) чунин сабт шудааст: «Ин Конститутсия ва қонунҳои Иёлоти Муттаҳида, ки дар асоси он таҳия шудаанд, инчунин ҳамаи он шартномаҳое, ки аз ҷониби онҳо баста шудаанд ё баста мешаванд, қонунҳои олии кишвар мебошанд ва судяҳо дар ҳар як иёлат вазифадоранд, ки онҳоро иҷро кунанд, ҳатто агар дар Конститутсия ё қонунҳои ягон иёлат ягон муқаррароти ба ҳам мухолиф вуҷуд дошта бошанд» [23].

Мутобиқи ин муқаррароти конститутсионӣ, принсипи асосии назарияи инкорпоратсия – «ҳуқуқи байналмилалӣ як қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқи кишвар ба ҳисоб меравад» – ба меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ, ки хусусияти муносибати ИМА-ро муайян мекунад, ворид карда шудааст.

Ба ғайр аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, дар шумораи давлатҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун як қисми ҳуқуқи ин кишвар эълон кардаанд, аз ҷумла Олмон ва Юнон низ ҳастанд. Дар моддаи 25 Конститутсияи Республикаи Федеративии Германия (1949) чунин омадааст: «меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ қисми таркибии ҳуқуқи Федератсия мебошанд» [24].

Д. Раушнинг, ки нуктаҳои моддаи 25-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Федеративии Олмонро шарҳ додааст, таъкид мекунад, ки ибораи дар ин модда зикршуда «меъёрҳои умумии ҳуқуқи байналмилалиро ба таври ҳақиқӣ ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқи федератсия нишон медиҳад. Ин муқаррарот чунин маъно надорад, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ меъёрҳои ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Федеративии Олмон мешаванд. Онҳо чун меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ боқӣ мемонанд. Маънои ин моддаи

конститутсия аз он иборат аст, ки он дар доираи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Федеративии Олмон татбиқ намудани ин меъёрҳоро муқаррар мекунад» [127, с.279]. Ба ҳамин мазмун, профессорҳо Т.Бургентал ва Г.Майер таъкид мекунанд: «Вақте ки мо дар Иёлоти Муттаҳида, масалан, мегӯем, ки ҳуқуқи байналмилалӣ «қонуни ҷаҳон» аст, мо воқеан дар назар дорем, ки он як қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқи мост» [140, с.4].

«Онҳо аз қонунҳо бартарӣ доранд, зеро онҳо бевосита ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро барои сокинони қаламрави федералӣ ба вуҷуд меоранд. Мувофиқи банди 1 моддаи 28 Конститутсияи Юнон аз соли 1975, «меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин созишномаҳои байналмилалӣ аз лаҳзаи тасвиби онҳо бо қонун ва эътибор пайдо кардани онҳо мувофиқи муқаррароти худи шартномаи байналмилалӣ ҷузъи ҷудонашавандаи қонунгузории дохилии Юнон мебошанд ва аз ҳама муқаррароти қонуне, ки хилофи онҳост, бартарӣ доранд» [25].

Дигар кишварҳо мутамаддин низ меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ҷузъи қонунгузории дохилидавлатии худ эълон кардаанд. Масалан, мувофиқи қисми 1 моддаи 96 Конститутсияи Шоҳигарии Испания (1978), «шартномаҳои байналмилалие, ки мувофиқи қонун баста шудаанд ва дар Испания расман нашр шудаанд, қисми қонунгузории дохилии онро ташкил медиҳанд» [26, с.247]. Чунин қоидаҳоро дар конститутсияҳои Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина ва баъзе дигар давлатҳои рушдкарда истода дидан мумкин аст.

Пушида нест, ки инкорпоратсия дар асоси назарияи монистӣ оид ба масъалаи таносуби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ асос ёфта, моҳияти он ба пурра эълон кардани ҳуқуқи байналмилалӣ ва бидуни тағйир додани моҳияти худ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ зуҳур мекунад. Аз ин рӯ, мазмуни назарияи инкорпоратсияро ба таври мухтасар чунин пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ду низоми ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба ҳамдигар мувофиқанд. Аз ин рӯ, якум метавонад қисми ҷудонашавандаи дуюм бошад.

2. Бо нишон додани меъёри конститутсионӣ ё амалияи аз ҷониби мақомоти судии миллӣ таҳияшуда шартномаҳои байналмилалӣ ва (ё) меъёрҳои ҳуқуқи умумии байналмилалӣ дар маҷмуъ бе зарурат ба қонуни миллии (қонунгузории) кишвари дахлдор бидуни ворид намудани иловаҳо амалӣ мешаванд.

Гуфтаҳои дар боло зикршуда ба мо имкон медиҳанд, ки тезис дар бораи он ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мансубияти системавии худро нигоҳ медоранд, ҳангоми татбиқ дар доираи низоми меъёрию ҳуқуқӣ дар ҳама ҳолатҳо, ҳатто агар ин меъёрҳо қисми ҳуқуқи дохилидавлатии як кишвар ё қонунгузории он эълон шуда бошанд ҳам, эътибори худро пайдо мекунад.

Намуди махсуси татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ **истинод** мебошад. Т.Я. Хабриева ва Н.А.Власенко ду намуди истинодро ҷудо мекунанд: умумӣ ва генералӣ [100, с. 170]. Ба фикри онҳо «истинод ҳамчун усули амалӣ роҳи хеле маъмули татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи дохилӣ мебошад. Ҳангоми истинод ба ҳуқуқи миллӣ ягон меъёри нав ҷорӣ карда намешавад, балки ба манфиати риояи ӯҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалиаш аз ҷониби давлат татбиқи меъёрҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ барои ҳалли муносибатҳои мушаххасе, ки дар дохили давлат ба вуҷуд омадаанд, иҷозат дода мешавад» [100, с. 170]. Давлат метавонад, масалан, дар конститутсия ё дигар санади меъёрии ҳуқуқии худ меъёреро муқаррар намояд, ки ба шартномаи байналмилалӣ тааллуқ дорад ва ба ин васила татбиқи қоидаҳои шартномаи байналмилалиро дар муносибатҳои дохилӣ иҷозат медиҳад.

Дар бисёре аз қонунҳо гуфта мешавад, ки муқаррароти муайян мувофиқи шартномаи мушаххас татбиқ мегарданд ва ё дар ҳолатҳои муайян чунин шартнома бояд татбиқ карда шавад. Масалан, моддаи 405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [15]. Истинодҳо ба санадҳои ғайримеъёрӣ ва қарорҳои конфронсҳо ва созмонҳои байналмилалӣ торафт бештар маъмул мешаванд. Дар натиҷаи истинод муқаррароти чунин санадҳо эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Чунин истинодҳо ҳатто дар қонуни конститутсионӣ низ мавҷуданд. Дар Конститутсияи Португалия дарҷ шудааст: «Муқаррароте, ки дар Конститутсия ва қонунҳо мавҷуданд ва ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандонро дарбар мегиранд, бояд ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мувофиқ бошанд ва шарҳ дода шаванд» (банди 2, моддаи 16) .

Аммо аксари олимони ҳуқуқ ба ин ақида розӣ нестанд. Масалан, профессор П.Н.Бирюков бар ин назар аст: «Ҳангоми истинод на қонуни миллӣ, балки маҷмуи меъёрҳои он, ки дар қаламрави давлати дахлдор қобили татбиқ аст, ғанӣ мегардад» [31, с.163]. Профессор Р.А.Мюллерсон низ ҳамин мавқеъро дастгирӣ мекунад: «Чунин ба назар мерасад, ки дар ин масъала аз он хулоса баровардан афзалтар аст, ки истинод боиси мураккабии муайяни табиати ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои хусусияти ҳатмӣ ва тавсиявӣ мегардад. Яъне, дар баробари боқӣ мондани манбаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамзамон мақоми санади ҳуқуқии дохилиро пайдо мекунанд. Дар доктринаи русӣ механизми тавсифшуда аксар вақт “трансформатсияи мустақим” номида мешавад» [62, с.76].

Бояд гуфт, ки дар мавриди истинод ба низоми ҳуқуқӣ меъёрҳои нави ҳуқуқи байналмилалӣ ҷорӣ карда намешаванд, вале истифодаи чунин меъёрҳо барои танзими муносибатҳои дар дохили давлат ба вуҷудомада иҷозат дода мешавад. Ҳангоми истинод ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, охирин меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ боқӣ мемонанд; ба қонунгузорӣ

табдил намеёбанд, балки моҳияти байналмилалӣ-ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд.

Ба ақидаи олимони рус, истифодаи истинод ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ду масъаларо ҳал мекунад: 1) татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро таъмин мекунад; 2) устувории қонунгузории давлатиро таъмин менамояд [100, с. 175].

Баъд аз баррасии масъалаи моҳият ва мазмуни назарияҳо ва шаклҳои татбиқи (имплементатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба таҳқиқоти гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки на назарияи трансформатсия ва на назарияи инкорпоратсия ба шароити имрӯзаи муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқат намекунанд.

Пешгӯӣ кардан душвор аст, ки ин вазъият бо дарназардошти рӯйдодҳои охири ҷаҳонӣ то чӣ андоза тағйир меёбад. Аммо мо бояд бо академик Ф.Т. Тоҳиров розӣ шавем, вақте ӯ менависад, ки «дар баробари дарк намудани меъёрҳои ҳуқуқии интегратсия дар қонунгузории миллӣ давлатҳо ҳамзамон бояд хусусиятҳои миллии худро нигоҳ доранд» [133, с.9]. К.Монтеске навишта буд, қонунҳо бояд ба хислатҳои халқи худ чунон мувофиқ бошанд, ки барои онҳо муқаррар карда шудаанд. Танҳо дар баъзе мавридҳо қонунҳои як халқ барои халқи дигар мувофиқ шуда метавонанд [61, с.12].

Бо ин мақсад, мо бояд боз як механизми ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар рафти ба имзорасонӣ ва татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ истифода бурда мешавад, муроҷиат намоем. Ин дар рафти бастани шартномаҳои байналмилалӣ баён намудани тавзеҳот мебошад. Дар зери мафҳум ва мақсади тавзеҳот бояд маънои изҳороти якҷониба аз ҷониби давлат ё ташкилоти байналмилалӣ ҳангоми имзо кардан, тасдиқ кардан, расман тасдиқ кардан, қабул, тасдиқ ё ҳамроҳ шудан ба шартнома ё

вақте, ки давлат дар бораи мероси шартнома огоҳӣ медиҳад, ки аз ҷониби он давлат ё он ташкилот нияти истисно кардан ё тағйир додани амалӣ ҳуқуқии татбиқи муқаррароти ин шартнома нисбати ин давлат ё ташкилоти муайян дорад, фаҳмида шавад.

Тавзеҳот воситаи самарабахши изҳори норозигӣ бо қисмҳои алоҳидаи шартномаи бастошуда буда, бештар ба риояи тартиби муқарраршудаи изҳороти онҳо вобаста аст. Дар маҷмӯъ дар ҷаҳони муосир масоили тавзеҳот яке аз мавзуҳои мубрами таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ боқӣ монда, муайян намудани мақоми ҳуқуқии онҳо боиси тазодҳои шадиди андешаҳои муҳаққиқон оид ба ин масъала гардидааст. Ҳуқуқи соҳибихтиёрии давлатҳо барои гузоштани тавзеҳот ба шартномаҳои бисёрҷониба, ки ба объект ва ҳадафи онҳо мухолиф нестанд, ки бо Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳо муқаррар шудааст, шарти муҳими таъмини иштироки давлатҳои дорои низоми ҳуқуқии гуногун дар шартномаҳо мебошад, вале танзими ҳуқуқии қайду шартҳои санадҳои байналмилалӣ ҳанӯз то ба охир нарасидааст.

Аз ин рӯ, тавзеҳот метавонад яке аз воситаҳои асосии ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ дар раванди бастани шартномаҳои байналмилалӣ баромад кунад. Истифодаи тавзеҳот бояд аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ васеъ ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, пеш аз ҳама интихоби усули иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва шакли имплементатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии миллии кишвар дар ихтиёри худи давлатҳо қарор дорад. Барои ноил шудан ба таъсири бештар, бояд ҳарду усул истифода шаванд. Дар аввал пас аз бастани шартномаи навбатии байналмилалӣ то он даме, ки мақомоти дахлдори миллӣ муқаррароти онро дар қонунгузории дохилӣ ворид накунанд, шартнома бевосита татбиқ карда мешавад. Ҳангоми

қабули тамоми санадҳои ҳуқуқии дохилии зарурӣ роҳи асосии иҷрои ӯҳдадориҳои ин созишнома ба таври автоматӣ татбиқи қонунгузории дохилидавлатӣ амалӣ карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар шаклҳои татбиқи трансформатсия ва инкорпоратсия истифода мегарданд. Аммо бино бар ба таври кифоя истифода нагардидани истинод ҳамчун шакли имплементатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ, бо мақсади амалишавии ташаббусҳои байналмилаии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки истинод дар фаъолияти бастани шартномаҳои байналмилалӣ васеъ истифода гардад. Зеро истинод метавонад фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии дохилидавлатиро аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии иловагӣ озод намояд. Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи усулҳои дар боло зикргардидаи ҳамоҳангсозии ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, новобаста аз он ки онҳо чӣ ном доранд ва кадом усулро истифода мебаранд, дар ҳолатҳои муайян самаранок буда метавонанд. Аз ин рӯ, ба таври ҳамаҷониба истифода бурдани онҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ аз ҳама мувофиқ мебошад.

## 2.2. Татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ

Ҳуқуқи байналмилалӣ низ ба амалияи ҳуқуқӣ таъсири муайян мерасонад. Ин махсусан ба чунин қисмати он, ба монанди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дахл дорад. Амалияи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин таъсири муайяни ҳуқуқи байналмилалиро нишон медиҳад. Консепсияи қонуният дар ҳуқуқи дохилидавлатӣ таҳти таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ бунёд карда мешавад, ки он бевосита аз мазмуни моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд.

Аз ин рӯ, вазифаҳои рушди мутаносиби низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, таъмини волоияти ҳуқуқ, ташаккули низоми муносибатҳои байналмилалиро, ки ба ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтаанд, бидуни таъсиси механизмҳои миллии татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ самаранок ҳал кардан мумкин нест. Масъалаи истифодаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар марҳилаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ яке аз масъалаҳои марказии мавзуи таҳқиқот маҳсуб меёбад. Ба ақидаи М. Шарифова, «масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва коллизияи меъёрҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи асосии назарияи таносуби ҳуқуқи байналхалқӣ ва дохилидавлатиро ташкил медиҳад» [135, с.236]. Пеш аз ҳама ба таҳлили татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ шурӯъ намоем, дар бораи моҳияти худи татбиқи ҳуқуқ ҳамчун яке аз марҳилаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамхъияти сухан кунем.

Чи хел Р.Ш. Шарофзода қайд мекунад: «Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ айни замон баҳсу мунозираҳо оид ба мафҳуми амалисозии ҳуқуқ, шаклхои амалисозии ҳуқуқ, таносуби амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқ, мафҳуми татбиқи ҳуқуқ, давраҳои ҷараёни татбиқи ҳуқуқ ҷой доранд. Аммо дар ҳаёти имрӯза ҷанбаҳои нави амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқ бо назардошти тағйироти куллии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, ислоҳоти сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла ислоҳоти идоракунии давлатӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ, асосҳо, тарзу усулҳои нави фаъолияти субъектони ҳуқуқтатбиқкунанда, такмили қонунгузорӣ омӯхта мешаванд. Дар робита бо ҳолати зикршуда масъалаҳои мубоҳисавӣ мазмуни нав пайдо мекунанд» [73, с.644]. Илова ба ин бояд қайд кунем, ки масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ яке аз масъалаҳои рӯмарраи татбиқи ҳуқуқ ва назария умумии давлат ва ҳуқуқи муосир ба ҳисоб меравад.

Татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ (мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва дигар) сурат мегирад. Такмили идоракунии давлатӣ, таъсиси мақомоти нави давлатӣ, тағйири ҳадафу вазифаҳои мақомоти давлатӣ дар робита бо ҳадафҳои стратегии давлат, хизмати электронӣ, инкишофи идоракунии корпоративӣ ва ғайра ба мафҳум, мазмун, ҳадафҳо, функсияҳо, асосҳои ташкилӣ, хуқуқӣ, молиявӣ, моддӣ, техникӣ, иттилоотии татбиқи ҳуқуқ таъсир мерасонанд. Айни замон доираи субъектони татбиқи ҳукук дар робита бо ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, инкишофи муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, рушди соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва намудҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ, истифодаи воситаҳои қонунии таъмини манфиатҳои хусусӣ васеъ гардидаанд.

Татбиқи ҳуқуқ бо татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд нашуда, амалӣ намудани шаклҳои гуногуни ҳуқуқи амалкунандаро дар назар дорад. Муқаррароти шартномаҳои меъёрӣ (байналмилалӣ, корпоративӣ, коллективӣ ва дигар), одати ҳуқуқӣ (анъанаҳои муомилоти корӣ ва дигар), қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (оид ба зиддиконститутсионӣ эълон намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ), принсипҳои ҳуқуқ (ба маънои асосҳои умумии ҳуқуқ, муҳтавои қонунгузорӣ ва дигар) заминаи татбиқи ҳуқукро ташкил медиҳанд. Нақши муҳимро дар танзими ҳуқуқӣ таҷрибаи судӣ, махсусан бо унсури ҳуқуқии байналмилалӣ нақши муҳимро иҷро карда истодааст.

Бо баробари ин татбиқи ҳуқуқ бо муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё санадҳои локалӣ маҳдуд намегардад. Чунончи, парванда ё баҳси ҳуқуқӣ дар ҳолати набудани меъёри дахлдори ҳуқуқӣ бо истифода аз қиёси қонун (меъёри шабеҳ) ва қиёси ҳуқуқ (принсипҳои ҳуқуқ) ё татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳалли худро меёбад. Муқаррароти

санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон (эъломия, паймон, шартномаи байналхалқӣ ва дигар), ки аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ, зимни шартномаҳои дутарафа ё бисёртарафаи байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ғайра эҷод ва муқаррар карда мешаванд, бо назардошти афзалияташон нисбат ба қонунҳо татбиқ мешаванд. Муқаррароти санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон асоси татбиқи ҳуқуқ маҳсуб мешаванд. Дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррароти конститутсионӣ мураттаб гардидаанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти иҷроия, худидоракунии маҳаллиро муайян намуда, тавассути адолати судӣ таъмин карда мешаванд.

Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои марказии масоили назариявии татбиқи ҳуқуқ ин татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ва татбиқи ҳуқуқи дохилидавлатӣ бо назардошти ӯҳдадориҳои байналмилалии давлат ба ҳисоб меравад. Яке аз мақомоти ҳокимияти давлатие, ки бевосита бо татбиқи ҳуқуқ машғул мебошад ва таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба фаъолияти он назаррас мебошад ин мақомоти ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, масъалаи аввалиндараҷаи таҳлили илмии татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ – ин татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар мурофиаи судии Тоҷикистон мебошад.

Дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ самтҳои гуногунро фаро мегирад. Чи хел О.И. Цыбулевская қайд мекунад: «Аввалан, меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, махсусан ҳуқуқҳифзкуниро танзим мекунанд, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда мешаванд. Сониян, меъёрҳо, принсипҳо ва амсоли ҳуқуқи байналмилалӣ дар амалияи татбиқи ҳуқуқ бештар истифода мешаванд» [139, с.108].

Муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон (эъломия, паймон, шартномаи байналхалқӣ ва дигар), ки аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ, зимни шартномаҳои дутарафа ё бисёртарафаи байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ғайра эҷод, имзо ва муқаррар карда мешаванд, бо назардошти афзалияташон нисбат ба қонунгузории дохилидавлатӣ татбиқ карда мешаванд. Муқаррароти санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон асоси татбиқи ҳуқуқ маҳсуб мешавад.

Шартномаҳо, созишномаҳо, паймонҳо, конвенсияҳо, принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби ҳуқуқи дохилидавлатии бисёр давлатҳо эътироф карда мешаванд ва дар муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатӣ татбиқ карда мешаванд. Масъалан, моддаи 55 Конститутсияи Фаронса, моддаи 10 Конститутсияи Италия, моддаи 25 Қонуни асосии Олмон, моддаи 28 Конститутсияи Юнон, моддаи 98 Конститутсияи Ҷопон қисми таркибии низоми ҳуқуқии онҳо, яъне, шакли қонунгузории миллӣ мебошад.

Дар ҷаҳони муосир, дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣӣ барои вобастагӣ ва ҳамкории мутақобила, барои эҷоди низоми ҳуқуқии универсалӣ саъй кӯшиш доранд. Аз тарафи дигар, мустақилият ва гуногунии хоси низомҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ тамоюли ошкореро ба вуҷуд меорад, ки як низом бар дигараш бартарӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, масъалаи аввалиндараҷаи татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар мурофиаи судии тоҷик ин муносибат ба афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мутобиқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаҳои судии миллӣ барои ҳуқуқи байналмиллалӣ боз шудааст. Аммо механизмҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, ки низоми ҳуқуқии кишварро аз таъсири меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки ба низоми ҳуқуқии он мухолифанд ё

ба манфиатҳои миллӣ мувофиқ нестанд, ҳифз менамоянд. Дар аксари мавридҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танҳо бо тартиби махсусе, ки қонунгузории дохилидавлатӣ пешбинӣ кардааст, татбиқ карда мешаванд ва ин баёнот ба мавқеи ҳуқуқии мақомоти олии судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст.

Бо мақсади дар амалия якхела ва дуруст татбиқ намудани меъёрҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби низоми мақомоти судии Тоҷикистон чораҳои бетаъхир андешида мешаванд. Аз ҷумла, дар марҳилаи асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба монанди ҳуқуқтатбиққунӣ, бисёр санадҳои ҳуқуқӣ таҳия ва қабул шудаанд, ки татбиқи ҳуқуқи байналмилалиро дар муносибатҳои дохилидавлатӣ таъмин менамоянд. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 18 ноябри соли 2013, №9 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд», [149, с.228-238] яке аз чунин санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мервад. Мақсади санади ҳуқуқии мазкур – ин дар амалияи судӣ якхела ва дуруст татбиқ намудани санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ба ҳисоб меравад.

Санади ҳуқуқии мазкур тартиби аз ҷониби судҳо ва судяҳо истифода бурдани санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти баррасии парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд ва ин санад барои судяҳо ва мақомоти судӣ ҳатмист ва татбиқи якхелаи онҳоро пешбинӣ менамояд.

Зеро, ҳамаи судяҳо аз ҷиҳати касбӣ як гурӯҳи якхела - ҷомеаи судиро ташкил медиҳанд. Асосҳои ҳуқуқии он Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, ягонагии низоми судиро, ки бо риояи қоидаҳои бо қонун муқарранамудаи пешбурди истеҳсолоти судӣ аз ҷониби

ҳамаи судҳо, татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаҳои худро дар асоси касбӣ иҷро мекунанд, таъмин месозанд. Ҷамъияти судӣ ҳадафу мақсад ва вазифаҳои умумӣ, усулҳо ва шаклҳои мурофиавии татбиқи санадҳои байналмилалиро дар мурофиаи судӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии дохилидавлатӣ дар ҷараёни баамалбарории адолати судӣ муттаҳид мекунад. Судҳо вазифадоранд, ки дар рафти фаъолияти худ ва дар мурофиаи судӣ на танҳо санадҳои ҳуқуқии дохилидавлатиро ба роҳбарӣ гиранд. Мақомоти судӣ ва судяҳое, ки парвандаҳои ҷиноятӣ, маданӣ ва маъмуриро баррасӣ менамоянд, бо мақсади қабули қарори қонунӣ низ бояд муқаррароти асосии ҳуқуқи байналмилалиро дар рафти фаъолияти худ ва мурофиаи судӣ истифода баранд.

Ин ҳолат бевосита аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарчашма мегирад.

Амалаияи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама дар рафти татбиқи санадҳои байналмилалӣ барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда шудааст. Дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нақши муҳим мебозанд. Ҳатто меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ метавонанд бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба низоми мақомоти судии давлат тағйиротҳо ворид созанд. Масалан, дар асоси тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, инчунин тибқи банди 13-уми Нақшаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба Шарҳи

универсалии даври Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2015 бояд судҳои ювналӣ таъсис дода шаванд [55, с.286].

Мутобиқи қисми 2 моддаи 5, қисми 3 моддаи 10, моддаҳои 14 ва 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян кардаанд ва аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, бояд бевосита дар низоми ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ карда шаванд.

Дар асоси Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд» аз 18 ноябри соли 2013, №9 «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳоро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд» [149, с.229].

Давлатҳо тартиби равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва меъёрҳои шартномавиро ба тарзҳои гуногун муайян намуда, барои татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии худ усулҳои гуногунро истифода мебаранд. Баъзе давлатҳо усули автоматиро интихоб мекунанд – бидуни зарурати қабули санадҳои иловагии дорои хусусияти қонунгузорӣ ё маъмурӣ – ҳамгироии шартномаҳои байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ (Фаронса, Нидерландия, Швейтсария, Украина, Русия, ИМА ва ғ.), дигарон (Олмон, Италия, Финландия) – шакли расмӣ-мурофиавӣ. Онҳо қабул кардани санади қонунгузорӣ ё маъмуриро зарур мешуморанд, ки ин танҳо шарти расмии ба низоми ҳуқуқи миллӣ дохил кардани шартномаи байналмилалӣ мебошад. Барои дигарҳо бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои шартномавии байналмилалӣ қабули санадҳои қонунгузорӣ ё маъмурии дорои хусусияти моддӣ зарур аст. Ба қавли Б.И. Осминин: «Дар ин маврид сухан дар бораи инкорпоратсияи моддии шартномаҳои байналмилалӣ

меравад, ки барои Британияи Кабир, Канада, Австралия, Исроил, Шветсия, Норвегия, Дания хос аст» [65, с.174].

Мутобиқи қарори номбаршуда, «мақомоти судӣ ва шахсони мансабдори онҳо дар рафти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии худ «ҳангоми ҳалли масъала ҷиҳати имконияти татбиқи меъёрҳои шартномавии байналмилалӣ бояд муқаррароти Конвенсияи Венаро дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 июни соли 1996 эътибори қонунӣ пайдо кардааст, ба инобат гиранд» [149, с.233]. Тибқи талаботи моддаи 24 Конвенсияи зикргардида «шартномаи байналмилалӣ бо тартиб ва дар санаи дар шартнома пешбинишуда ё дар байни иштирокчиёни гуфтушуниди давлатҳо мувофиқагардида эътибори қонунӣ мегирад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин муқаррарот ё мувофиқа шартнома ҳамон замон эътибори қонунӣ пайдо мекунад, ки тамоми иштирокчиёни гуфтушуниди давлатҳо ризоияти худро бобати барояшон ҳатмӣ будани шартнома изҳор намоянд» [4].

Шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда (мақомоти идоракунии давлатӣ, судҳо, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва ғ.) «дар сурате татбиқ карда мешаванд, агар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахсияти мақомоти салоҳиятноки ҳокимияти давлатӣ ризоияти худро барои ҳатмӣ будани шартномаи байналмилалӣ ба воситаи яке аз амалҳое, ки дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” номбар шудаанд, яъне бо роҳи имзои шартнома, мубодилаи ҳуҷҷатҳо, ба тасвиб расонидани шартнома, ҳамроҳшавӣ ба шартнома ва дигар ҳолатҳое, ки тарафҳои аҳдбаста муайян карда бошанд, изҳор намуда бошад, инчунин дар ҳолате ки шартномаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда бошад» [11]. Масалан, Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба эътирофи мутақобилаи дараҷаҳои

илмӣ ва унвонҳои илмӣ аз 9 октябри соли 2023 барои ҳарду ҷониб эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардааст.

Дигар масъалае, ки дар қарори пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Шартномаҳои байналмилалӣ, ки меъёрҳои он аломатҳои таркиби кирдори ҷиноятии мушаххасро муқаррар менамояд, наметавонад аз ҷониби суд, судяҳо ва мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ бевосита татбиқ карда шаванд, зеро дар шартномаҳои мазкур уҳдадории давлат оид ба таъмини иҷрои муқаррароти ин шартномаҳо бо роҳи дар қонунгузории дохилидавлатӣ муайян кардани таркиби ҷиноятҳои мушаххас бевосита пешбинӣ шудааст» [149, с.233]. Яъне, иҷрои чунин уҳдадориҳои байналмилалии кишвар бо роҳи ворид намудани таркиби нави ҷиноятӣ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шартномаи байналмилалие, ки онро Тоҷикистон эътироф кардааст ё ба имзо расонидааст, амалӣ карда мешавад. Масалан, Конвенсияи ягона оид ба воситаҳои нашъадор аз соли 1961.

Аз мазмуни муқаррароти моддаи 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятии дар ҳамин кодекс пешбинигардида аст [15].

Бино бар ин, шартномаҳои байналмилалӣ, ки аломатҳои таркиби ҷиноятро пешбинӣ намудаанд, аз тарафи суд, судяҳо ва мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ бояд ҳамон вақт татбиқ гарданд, ки агар меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита зарурати татбиқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намуда бошанд. Масалан, моддаи 397 КҶ ҶТ (истеҳсол ё паҳн намудани яроқи қатли ом) ва моддаи 405 КҶ ҶТ (дигар қонуншиканиҳои меъёри байналмилалии ҳуқуқи башар) ва ғ.

Яке аз самтҳои муносибатҳои дохилидавлатие, ки ба вуҷуд меоянд, ин муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ мебошад. Мутобиқи қарори пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 14 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятии намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони дигари дорои масуният дар ҳолати аз ҷониби онҳо содир шудани ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла тибқи Конвенсия дар бораи имтиёз ва масунияти Созмони Милали Муттаҳид аз 13 феврали соли 1946, Конвенсия дар бораи имтиёз ва масунияти муассисаҳои махсусгардонида аз соли 1947, Конвенсияи Вена дар бораи муносибатҳои дипломатӣ аз 19 апрели соли 1961, Конвенсияи Вена дар бораи муносибатҳои консулӣ аз 24 апрели соли 1963 ва ғ. ҳал карда мешавад. Ба доираи шахсони дорои масуният сардорони намояндагии дипломатӣ, аъзоёни намояндагӣ, ки дараҷаи мартабаи дипломатӣ доранд, аъзоёни оилаҳои онҳо, ки агар шаҳрвандони давлати ҳузурдошта набошанд, дохил мешаванд» [149, с.233].

Дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон нодуруст татбиқ намудани санадҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ба оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Масалан, дар мавриди ба амал баровардани адолати судӣ мутобиқи моддаҳои 351-352 ва 376 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [13], моддаҳои 372, 376 ва 412 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [15], агар суд, судяҳо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нодуруст татбиқ намуда бошанд, он метавонад боиси бекор кардан ё тағйир додани санадҳои судӣ мегардад.

Татбиқи нодурусти меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар ҳолате гуногун ҷой дошта метавонад. Ин пеш аз ҳама, вақте, ки суд меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки бояд татбиқ гардад,

татбиқ накардааст ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро татбиқ намуда бошад, ки набояд татбиқ мекард. Дигар ҳолати нодурусти татбиқи санадҳои байналмилалӣ ин нодуруст маънидод кардани онҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки нодурустии татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчунин бо сабаби мавҷуд будани норасои дар худи санади байналмилалӣ ба вуқуъ пайвастанаш мумкин аст. Зеро ҳуқуқи байналмилалӣ низ аз норасиҳои холи намебошад.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ норасоиҳо нопуррагӣ ё нокифоягии меъёрҳои ҳуқуқиро ифода мекунанд, ки дар онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ ва робитаи субъектҳое, ки дар соҳаи танзими ҳуқуқи байналмилалӣ қарор доранд, муқаррар карда шаванд.

Аммо дар байни ҳуқуқшиносон оид ба мафҳум ва моҳияти норасоиҳо дар ҳуқуқи байналмилалӣ назари ягона вуҷуд надорад. Бархе аз муаллифон бар асоси назарияи мавҷуд набудани норасоиҳо дар қонун бар ин назаранд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ наметавонад норасоиҳо дошта бошад ба он маъно, ки ҳар як масъалаи баҳсбарангез метавонад дар асоси меъёрҳои мавҷуда ҳал карда шаванд, агар даъвоҳои беасос ба инобат гирифта нашаванд.

Олимони дигар мавҷудияти норасоиҳоро дар ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф намуда, онро мавҷудияти меъёри ҳуқуқие, ки барои ҳалли ягон ҳолат мувофиқ аст, медонанд. Масалан, агар шартнома норасоиҳо дошта бошад, он гоҳ танзими нокифояи як қатор меъёрҳои онро метавон бо меъёрҳои анъанавии ҳуқуқ ва баръакс ҷуброн кард. Ба камбудиҳои «воқеӣ» ӯ тамоман набудани меъёрҳоро дар ҳуқуқи байналмилалӣ ишора мекунад. Мавҷуд набудани меъёри ҳуқуқӣ на ҳама вақт норасоиҳоро нишон медиҳад. Пас, агар муқарраротӣ шартнома дар мавриди танзими ягон масъала сукут дошта бошад, ин метавонад маънои ё нисбат додани ин масъаларо ба ҳуқуқи фазои озод ва ё дидаю дониста канорагирии давлат

(тарафҳо) аз танзими он ва ё созиши тарафҳо танзими ҳуқуқиро ба ҳалли қонуни миллии ҳар як давлат супоридан мебошад.

Албатта, нопурра ва нокифоягӣ ба сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқи байналмилалӣ – шартномаҳои байналмилалӣ, созишномаҳо, одатҳо хос аст. Ҳамин тариқ, масалан, дар робита ба рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳое, ки тавассути онҳо танзим мешаванд, барои пурра фаро гирифтани онҳо имконият надоранд, ки баъдан боиси камбудиҳо ва зарурати танзими иловагии як қатор муносибатҳо тавассути шартномаҳои байналмилалӣ мегардад.

Ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 муқаррар намудааст, ки «ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки дар Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад» [2, с.25]. Тибқи моддаи 10 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, «ҳар як инсон барои муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳояш ва муқаррар кардани асоснокии айбномаи ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда шудааст, ҳуқуқи комил дорад, ки парвандаи ӯ ошкоро ва бо риояи ҳамаи талаботҳои адолат аз тарафи суди мустақил ва беғараз баррасӣ шавад»[2, с.26]. Бо баробари ин, моддаи 15 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ мустаҳкам кардааст: «Ҳеҷ кас набояд барои ҳар гуна ҷиноятe, ки ба далели ягон амал ё беамалие, ки дар вақти содир шуданаш тибқи қонунҳои дохилидавлатӣ ё ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиноят ҳисобида нашуданд, гунаҳгор дониста шавад» [3, с. 57].

Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти хуқуқтатбиққунӣ ҳангоми ворид шудани аризаа ва баррасии даъвоҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии давлатҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо шартномаҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ бастааст,

бояд ба инобат гиранд, ки шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҳамон давлат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамон ҳуқуқҳо истифода бурда метавонанд бо тартиб ва шартҳое, ки барои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Масалан, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2017, таҳти №870 номгӯйи мақомоти марказӣ, ҳудудӣ ва дигар мақомоти ваколатдори амалкунандаи муносибатҳои бевосита мутобиқи «Конвенсияҳои байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ», ки 22 январи соли 1993 дар шаҳри Минск ва 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расидаанд, тасдиқ карда шудааст [18]. Ба ин номгӯ мақомоти ҳуқуқтатбиққунии зерин дохил шудаанд:

«– Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

– Суди вилояти Суғд;

– Суди вилояти Хатлон;

– Суди шаҳри Душанбе;

– Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

– Прокуратураи вилояти Суғд;

– Прокуратураи вилояти Хатлон;

– Прокуратураи шаҳри Душанбе;

– Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон;

– Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Раёсати адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

– Раёсати адлияи вилояти Суғд;

– Раёсати адлияи вилояти Хатлон;

– Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Раёсати минтақавии гумрукӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

– Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд;

– Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Хатлон;

– Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе;

– Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Турсунзода;

– Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

– Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар вилояти Суғд;

– Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар вилояти Хатлон;

– Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар шаҳри Душанбе;

– Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [20].

Мутобиқи талаботи моддаи 398 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, ба истиснои парвандаҳо оид ба баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳои вобаста ба иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар

фаъолияти иқтисодӣ, ҳукмҳо оид ба парвандаҳои ҷниноятӣ дар қисми ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи ҷиноят расонида шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва иҷро карда мешаванд, агар ин дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинӣ гардида, барои иҷрои маҷбурӣ дар давоми се соли эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суди давлати хориҷӣ пешниҳод карда шуда бошад» [13].

Гуфтан мумкин аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар айни замон ҷузъи муҳими низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, сарфи назар аз мавҷуд будани қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо ҳангоми қабули қарорҳои судӣ онҳоро хеле кам истифода мебаранд. Агар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ татбиқ карда шаванд, ин корро асосан мақомоти олии судӣ анҷом медиҳанд. Ба фикри мо, ки ин вазъият бояд ислоҳ карда шавад ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд аз ҷониби мақомоти судии ҳамаи сатҳҳо ва самтҳо татбиқ карда шаванд, бештар дар ҳолатҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ барои ҳалли масъалаи баррасишаванд имкон надоранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на фақат масъалаи татбиқи санадҳои байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ мавриди танзим қарор гирифтааст, инчунин механизмҳои назоратӣ ҷиҳати дуруст ва ҳаматарафа татбиқ намудани санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бурдани мониторинги доимӣ ҷиҳати таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам карда шудааст. Масалан, бо Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2013, №9 “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд”, «Коллегияи ҳарбӣ, коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе

вазифадор карда мешаванд, ки мунтазам таҷрибаи судии татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ҷамъбаст намуда, пешниҳод ва дастурҳои худро ҷиҳати дуруст татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба судҳои ҷумҳурӣ ирсол намоянд» [149].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на фақат тартиби татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидааст, инчунин Тоҷикистон тартиби назорат ва мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ мондааст, ки он тибқи Фармоиши Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 декабри соли 2021, №1171 ба танзим дароварда шудааст [22].

Тартиби мазкур қоидаҳои мониторинги таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва татбиқи ҳуқуқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, муайян мекунад. Мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии кишвар - ин арзёбии ҳолати иҷро ва назорати татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тибқи тартиби зикргардида назорати умумии иҷрои шартномаҳои байналмилали ба зиммаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи дархости худ ба мақомоти давлатӣ ҳар сол на дертар аз 10 ноябр доир ба таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии дахлдори соҳавӣ маълумотҳо доир ба ҳолат ва раванди татбиқи шартномаҳои байналмилалие, ки дар давоми сол пайдо кардаанд; доир ба раванди иҷрои расмиёти дохилидавлатӣ нисбати шартномаҳои байналмилалие, ки баста шудаанд, вале эътибор пайдо накардаанд, аз ҷумла сабабҳои ба анҷом

нарасонидани расмиёти дохилидавлатии онҳо; доир ба ҳалли мушкилоте, ки дар рафти татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ муайян карда шудаанд; доир ба қатъ ва ё боздоштани татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати риоя нашудани онҳо аз тарафи дигар иштирокчиёни шартномаҳои байналмилалӣ, маълумоти муфассал пешниҳод менамояд.

Масъалаҳое, ки дар тартиб дарҷ гардидаанд, махсусан ба шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шудаанд, тааллуқ доранд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар Тартиби мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо вобаста ба номгӯйи шартномаҳои соҳавие, ки аз ҷониби мақомоти давлатии Тоҷикистон ба имзо расонида мешаванд, мавриди назорат ва мониторинги Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шавад.

Маълумот оид ба таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ дар шакли электронӣ ва хаттӣ (расмӣ) бо имзои роҳбари мақомоти давлатӣ ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд пешниҳод карда шавад. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти давлатиро таҳлил ва ҷамъбаст карда, аз натиҷаи он ҳар сол на дертар аз 10 декабр ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбори ҷамъбастӣ ирсол намояд. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳангоми гузаронидани назорати иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ метавонад маълумоти Феҳристи давлатии шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташхиси заминаи шартномавӣ-ҳуқуқиро дар муносибат бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байнамилалӣ ба инобат гирад» [21].

Ҳамин тавр, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрсамта буда, доираи васеи

масъалаҳоеро, ки дар рафти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба миён меоянд, дарбар мегирад. Мақсади марказии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ, пеш аз ҳама, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар мебошад. Таъмин ва танзими тартиби татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далели он аст, ки Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба тасвиб расонида, кӯшиш менамояд риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, уҳдадориҳои байналмилалии худро дар кишвар таъмин намояд.

# БОБИ 3. ҲОЛАТИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ДОХИЛИДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир рушди низоми ҳуқуқии худро бо роҳи давра ба давра амалӣ гардонии сиёсати ҳуқуқии босамар ба роҳ мондааст. Сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлат буда, он дар давраи муосир самтҳои асосии рушди низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлолро муайян мекунад.

Дар асоси омӯзиши адабиёти илмии ҳуқуқӣ мо метавонем дар бораи ду маънои истилоҳи «сиёсати ҳуқуқӣ» сухан кунем. Ба маънои аввал, сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти сиёсии субъектҳои дахлдор, ки ба таври қатъӣ дар доираи қонун, дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда амалӣ карда мешавад, баррасӣ карда мешавад. Дар ин маврид ҳуқуқ ҳамчун атрибути муҳими сиёсат баромад мекунад. Ба маънои дуюм, сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди мушаххаси сиёсате ҳисобида мешавад, ки дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Мафҳуми “ҳуқуқ” акнун на атрибути сиёсат, балки соҳаи татбиқи онро ифода мекунад: “Сиёсати ҳуқуқӣ маҷмӯи тадбирҳо, ғояҳо, вазифаҳо, ҳадафҳо, барномаҳо, усулҳоест, ки дар соҳаи ҳуқуқ ва тавассути қонун амалӣ карда мешаванд».

Сиёсати ҳуқуқӣ як намуди амалияи иҷтимоӣ, падидаи беназири иҷтимоӣ мебошад, ки ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии дорои хусусияти стратегӣ фаҳмида мешавад, ки ҳам дар доираи амали бевоситаи ҳуқуқ ва ҳам тавассути ҳуқуқ амалӣ карда мешавад ва ба максадҳои зерин

равона гардидааст: 1) таҳияи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ; 2) кафолати ноил шудан ба мақсадҳои стратегӣ ва вазифаҳои тактикии давлат.

Субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ давлат мебошад. Тавре ки С.В. Кодан таъкид мекунад, «субъекти марказии муносибатҳои сиёсӣ давлат мебошад. Маҳз ҳамин метавонад ба равандҳои мухталифи дохили кишвар ва ҳам дар иртибототи байнидавлатӣ таъсири ҳалкунанда расонад... Сиёсати ҳуқуқии давлат бошад ҳамчун як намуди фаъолияти сиёсӣ хусусиятҳои универсалиро пайдо мекунад; воситаҳои он имконият медиҳанд, ки навъҳои гуногуни қарорҳои сиёсати дохилӣ ва берунӣ мувофиқи мақсад ба расмият даровардa мешаванд» [41, с. 19, 21].

Ҳамчун субъекти сиёсати ҳуқуқӣ давлат, ба воситаи мақомоти давлатӣ, вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

а) максадҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии тараққиёти ҷамъиятро муайян мекунад; онҳоро дар қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ муқаррар намуда, бо ҳамин ба онҳо характери умумиҳатмӣ медиҳад;

б) фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодиро дар ҷамъият танзим намуда, чунин қоидаҳои рафтор ва фаъолияти одамонро муқаррар менамояд, ки риояи манфиатҳои умумӣ ва устувории инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин кунанд;

в) тавассути қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ ба равандҳои эҷод, татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқ, ба фаъолияти низоми ҳуқуқии ҷомеа таъсири куллии идоракунӣ мерасонад;

г) ба равандҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ таъсири мақсаднок мерасонад;

д) муносибатҳои ҷамъиятии байналмилалӣ ва дохилидавлатиро ҳамоҳанг месозад.

Дар Тоҷикистон тамоми сиёсати ҳуқуқӣ бояд ба таҳкими нақши қонун дар ҳаёти ҷамъиятӣ, баланд бардоштани нуфузи он дар низоми умумии танзими иҷтимоӣ ва меъёрӣ, баланд бардоштани нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ равона карда шавад.

Ҳадаф ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқиро С.В. Кодан чунин шарҳ медиҳад: «Сиёсати ҳуқуқӣ маҳз як роҳе мегардад, ки ба расмият даровардани ҳуқуқӣ, дар сарчашмаҳои ҳуқуқии дигар соҳаҳои фаъолияти сиёсӣ муттаҳид гардида, ба расмият даровардани қарорҳои дахлдор дар шаклҳои зарурии ҳуқуқӣ имкон медиҳад ва дар навбати худ иҷрои онҳоро таъмин менамояд» [41, с. 20]. Аз ин рӯ, сиёсати ҳуқуқии давлат, пеш аз ҳама, дар шакли фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳақуқиҷрокунӣ ва ҳуқуқҳифзкунии давлат амалӣ карда мешавад. Давлат, аввал, аз ҷониби мақомоти қонунгузор намояндагӣ мекунад, бевосита қонунҳоро қабул мекунад; дуюм, дар шакли фаъолияти иҷроияи мақомоти давлатӣ, яъне фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки ба амалӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ нигаронида шудааст; сеюм, дар шакли фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ – фаъолияти давлатӣ, ки ба таъмини истифодаи дурусти меъёрҳои ҳуқуқ дар муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас нигаронида шудааст.

Давлат самтҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқиро дорад, ва сиёсати ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз самтҳои асосӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад. Дар сиёсати ҳуқуқи байналмилалӣ бисёр масъалаҳо, аз ҷумла масъалаҳои пешниҳоди ташаббусҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву меросӣ, санитариву эпидемиологӣ, экологиву ҳифзи муҳити зист ва дигарҳоро дарбар мегирад. Ҳамаи ин самтҳои сиёсати ҳуқуқии байналмилалии давлат барои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ бо ҳуқуқи дохилидавлатӣ заминаи мустаҳкамро мегузорад. Аз ин рӯ, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии дохилидавлатии кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат ба ҳисоб меравад.

Таъмини равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар боби алоҳидаи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» дарҷ гардидааст. Зеро, ҳар қадар ки давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ иштирок кунад, ба ҳамон андоза вобастагии он ба ҷомеаи байналмилалӣ бештар мебошад ва ҳамон қадар роҳи низоми ҳуқуқии ин ё он давлат барои фаъолияти мустақилонаи ҳуқуқи байналмилалӣ боз мебошад ва давлат бартарияти ҳуқуқи байналмилалиро таъйид мекунад. Истиқлоли давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуда, ба аъзогии Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат ва зиёда аз 50 созмони байналмилалию минтақавӣ шомил гардад. Дар ин бобат А.Р. Неъматов менависад: «Ворид шудани Тоҷикистон ба созмонҳои сершумори байналмилалии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ (СҲШ, СУС, СААД) сатҳи нав ва сифати дигари татбиқи сиёсати қонунбарориро дар ҷумҳурӣ пешбинӣ мекунад» [121, с. 4]. Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ буда, нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар пешрафти низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мекунад инчунин афзалияти ҳуқуқи байналмилалиро дар муқоиса бо қонунҳои дохилии кишвар таъйид мекунад Вобаста ба ин, Тоҷикистон роҳи такмили тадриҷии қонунгузории миллӣ ва татбиқи санадҳои ҳуқуқии асосии байналмилалиро дар қонунгузории миллӣ пеш гирифтааст.

Дар робита ба ин, пайдо шудани иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии миёни давлатҳо аз таҳдидҳо ва проблемаҳои нави глобалӣ бармеояд, ки дар онҳо давлатҳои пасошуравӣ, пас аз фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ низ ширкат доштанд. Чи хел А.А. Идрисов қайд мекунад, «ҷомеаи муосири ҷаҳон замонҳои душворро аз сар мегузаронад, параметрҳои нави

сохти иҷтимоии ҷаҳонӣ муқаррар карда мешаванд. Кишварҳои пасошӯравӣ низ аз ин равандҳо дар канор намонданд» [113, с.128]. Сиёсати ҳуқуқӣ дар мамлакат ба паст кардани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат ба таҳдидҳои глобалӣ (мисли терроризм, ифротгароӣ, тағйирёбии иқлим ва ғ.), ҳифзи фазои иттилоотии кишвар аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони имрӯза равона шудааст. А.И. Бойко қайд мекунад, ки «маълум аст, ки қонун як тадбири сиёсист, қонун ва сиёсат ду воситаи умумии идоракунии ҷомеа мебошанд» [109, с.52].

Ҳамчунин, дар натиҷаи тағйироти глобалӣ, бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ, пандемияи ҷаҳонӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо дигар кишварҳо, ки ба ҳамкориҳои фаъоли байналмилалӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва дигарҳо зарурати такмили қонунгузории миллӣ ва мувофиқ кардани он бо тамоюлҳои нави ҷаҳони муосир ба миён омад.

Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозиҳои муштараки қонунгузории дохилидавлатӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз сифатҳои беҳтарини қонунгузорӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат дар шароити муосир мебошад. Муҳаққиқ З.Ализода чунин андеша дорад, ки «ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ва ворид шудан ба сифати узви комилҳуқуқ ба муносибатҳои байналмилалӣ вазифаи ба санадҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ ворид намудани қонунгузории давлатиро мегузорад» [112, с.17]. Бо вуҷуди ин, дар шароити кунунии пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ ахиран баъзе тамоюлҳои зиддиятнок дар мавриди самаранокии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва тавони таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятии байналмилалӣ эҳсос мегардад. Олими ҳуқуқшиноси тоҷик Р. Шарофзода, «вазифаҳои таъхирнопазири сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз инҳо иборатанд: навсозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки қодир

аст ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа саривақт посух гӯяд; таҷдиди қонунгузории ҷумҳурӣ, мувофиқ намудани он ба меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ» [131, с.87].

Дуруст аст, ки ин раванд ба ҳифзи арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳамчунин ҳифзи манофеи миллӣ аз ҷанбаҳои манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ кумак хоҳад кард. Ин, бешубҳа, на танҳо ба инкишофи қонунгузорӣ чун як ҷузъи таркибии системаи ҳуқуқии давлат, балки маҷмуан ба пешрафти низоми умумии ҳуқуқӣ низ ёрӣ мерасонад. Академик Ф.Т. Тоҳиров дар ин маврид воқеъбинона менависад: «... низоми ҳуқуқии ба вуҷуд омадаистодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳама арзишҳои соҳаи ҳуқуқ, анъанаҳои беҳтарини халқро гирд оварад, ҳамаи он чизеро, ки дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ аст, боз ҳам мустаҳкам ва ҳифз намояд ва ба инкишофи онҳо мусоидат кунад, ҳама чизи кӯҳна ва манфиро аз байн барад» [134, с.11-12].

Сиёсати давлатӣ ба стандарту принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби чомеаи ҷаҳонӣ коркард шудаанд, такя мекунад. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон 4.11.1995 ба Конвенсияи Вена «Дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ» (23.05.1969) [4], ки аз 27 январи соли 1980 амал мекунад, ҳамроҳ шуд. Сохтори Конвенсия аз муқаддима, 8 қисм, 85 модда ва замима иборат аст. Конвенсия муқарраркунандаи тартиби бастани шартномаи байналмилалӣ, тартиби изҳори ризоият, иҷро, беэътибор сохтану бекор кардани шартномаи байналмилалӣ, инчунин муайянкунандаи мавқеи шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии муосир мебошад. Конвенсия дорои хусусиятҳои хос мебошад, дар доираи шартномаҳои зерини байналмилалӣ амалӣ мегардад: а) шартномаи байналмилалии байнидавлатӣ; б) шартномаи байналмилалие, ки дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва санадҳои муассисавӣ пазируфта шудаанд ва ғ.

Конвенсияи мазкур доираи масъалаҳоеро муайян кардааст, ки танзимашон аз доираи ин Конвенсия берун аст ва ба воситаи одати байналмилалӣ танзим мешаванд. Аз ин бармеояд, ки Конвенсия мавқеи одати байналмилалиро дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи шартномаи байналмилалӣ инкор намекунад. Конвенсия муқаррар намуд, ки шартномаи байналмилалӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрию озодона ва одилона баста шавад ва он 12 истилоҳро пешниҳод намуд, ки доираи татбиқи онҳо ба давлатҳои иштироккунанда ҳатмӣ намебошад. Конвенсия ба шартномаҳои байналмилалии миёни давлату созмонҳои байналмилалӣ ва миёни созмонҳои байналмилалӣ, инчунин шартномаҳое, ки ба ҳуқуқэҷодкунии давлат дахл доранд, паҳн намегардад.

Конвенсияи Вена таҳти унвони «Дар бораи ҳуқуққабулкунии давлат дар муносибат бо шартномаи байналмилалӣ» аз 23 августи соли 1978, ки аз 6 ноябри соли 1996 фаъолият мекунад, аз муқаддима, 7 қисм, 50 модда ва замима иборат аст. Ин Конвенсия ба масъалаҳои ҳуқуқэҷодкунии давлат дар муносибат бо шартномаи байни давлатҳо татбиқ мешавад. Масъалаи ҳуқуқэҷодкунии давлатро дар муносибат бо шартномаҳои байналмилалии дутарафаю бисёртарафа, масоили шартномавии кишварҳои нави мустақил, ки аз ду ва зиёда қаламрав ташкил ёфтаанд, масоили тақсиму муттаҳидгардии давлат, танзими баҳсҳо, ки аз муқарраротн Конвенсия бармеоянд ва дигар масоили ҳуқуқэҷодкунии давлат дар муносибат бо шартномаи байналмилалии байни кишварҳо дар Конвенсия батафсил муқаррару танзим мешаванд. Татбиқи Конвенсия ба шартномаи байналмилалие, ки аз он уҳдадориҳои давлат оид ба реҷаи сарҳад ба вуҷуд меоянд ва уҳдадориҳое, ки аз шартномаи байналмилалӣ ба масоили гузариши як қисми қаламрав ба қаламрави давлати дигар дахл доранд, истисно шудааст.

Конвенсияҳои мазкур тавонистанд дар рушди низоми ҳуқуқии кишвар саҳми арзанда гузоранд. Зеро маҳз дар асоси конвенсияҳои номбурда Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист ба муносибатҳои байналмилалӣ бо роҳи бастани шартномаҳои байналмилалӣ ворид гардад ва меъёрҳои ҳуқуқэҷодкунии давлатро ба сатҳи ҷаҳонӣ бардорад. Ҳуқуқшинос С.А. Раҷабов дар ин бора чунин маълумот медиҳад: «Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 350 санади ҳуқуқии байналмилалӣ, аз қабили созишномаҳо, оинномаҳо ва эъломияҳои байналмилалӣ ба имзо расонида, бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон беш аз 2500 санади дуҷониба имзо кардааст» [84, с.68]. Дар ин самт, бешубҳа, нақши ҳуқуқи байналмилалӣ дар рушди институтҳо ва қисматҳои алоҳидаи низоми ҳуқуқии кишвар назаррас мебошад.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 муҳтавои асосии сиёсати кишварро дар самти таъсири мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври муфассал ва дақиқ муайян кардааст. Дар Консепсия омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамуда равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалиро дар асоси меъёру принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бо ҳадаф ва манфиатҳои миллии зерин муайян ва амалӣ хоҳад намуд:

– ҳимоя ва таҳкими Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он дар арсаи байналмилалӣ;

– эҷоди ҳусни ҳамҷаворӣ ва амният дар тӯли марзҳои кишвар;

– рушди муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар;

– таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар тавассути ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ;

– таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар;

– тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ;

– мусоидат ба фаъолияти созанда ва қонунии ҷамъиятҳои тоҷикон ва ҳамватанон дар кишварҳои дигар».

Тавре Е.М. Абайделдинов қайд мекунад, "Мо дар замони аҷиби таҳкими давлатҳои соҳибихтиёри миллӣ ва ҳамзамон таъсиси субъектҳои нави ҳамгироӣ, мустаҳкам намудани истиқлоли давлатӣ ва ҷустуҷуи роҳҳои вобастагии самарабахши умум, такмили ҳуқуқи миллӣ ва инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ зиндагӣ мекунем" [105, с.73]. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар баробари ҷорӣ намудани меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ, инчунин ба таҳкими истиқлолияти давлатӣ аҳаммияти ҷиддӣ диҳад.

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтироми бечунучарои ҳуқуқи байналмилалӣ такя намуда, ҷиҳати ноил шудан ба ҳадаф ва манфиатҳои миллӣ равона гардида, ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилаи судмандро бо давлатҳои дуру наздик, созмонҳои байналмилалию минтақавӣ пеш гирифтааст. Бо дарназардошти ин самтҳои афзалияти сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон муносибатҳои байналмилалии дуҷониба, бисёрҷониба ташкил медиҳад.

Имрӯз ҳуқуқи байналмилалӣ воқеан ба тамоми соҳаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Барои таҳкими сиёсати байналмилалии ҳуқуқии кишвар дар марҳилаи имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳо, хусусиятҳои фарҳангӣ-таърихӣ

ва маънавӣ-ахлоқии миллӣ корҳои зиёдеро бояд ба анҷом расонад. Он бевосита дар косепсияи давлатӣ дарҷ гардидааст, ки ба онҳо дохил мешаванд:

«– муайян намудани вазъи воқеии қонунгузории дохилидавлатӣ дар таносуб бо раванди инкишофи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ;

– таҳлили мунтазами дақиқ ва бартарафсозии мухолифатҳои қонунгузории миллӣ бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

– истифодаи васеъ аз ҳуқуқи изҳори тавзеҳот ва шаклҳои он дар ҷараёни ифодаи ризоият ба бастани шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба, махсусан дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

– густариш додани ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқии дуҷониба ва бисёрҷониба дар бахши муқовимат бо ҳуқуқвайронкуниҳои байналмилалӣ, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва ғайра;

– густариш додани ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ бо дар назар доштани ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик дар кишварҳои хориҷӣ ва дигарҳо мебошад» [17, с.35-37].

Барои ноил шудан барои ҳадафҳои дар боло зикр гардида бояд мушкилотҳои байни ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ бартараф карда шаванд. Чи хел В.С. Нерсесянс қайд менамояд: «Мушкилоти таносуби байни ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таваҷҷуҳи рӯзмарраи олимони байналмилалӣ, инчунин мутахассисони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва назарияи умумии давлат ва ҳуқуқро ба худ ҷалб мекунанд» [66, с.126]. Дар ин самт, бешубҳа, як қатор мушкилот ба миён омад, ки таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро заиф мегардонад. Ин пеш аз ҳама, риоя накардани

принсип ва меъёрҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ дар солҳои охир ба ҳисоб меравад, ки ҳокимияти ҳуқуқи байналмилалиро дар низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ суст мекунад.

Бо баробари ин мухолифатҳо ё мушкилотҳо байни меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар натиҷаи рақобатҳои иқтисодии давлатҳои абарқудрат, низоъҳои байналмилалӣ, паҳнгардидани силоҳи ядроӣ, кимиёӣ ва биологӣ, терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, номукаммалии кафолати амнияти ҷаҳониву минтақавӣ, номувофиқатии манфиатҳои кишварҳои абарқудрат, дастёб нашудани ҳалли мухолифатҳо байни кишварҳо, бархурди тамаддунҳо ва дигар омилҳо ба миён меояд.

Низоми муносибатҳои байналмилалӣ низоми мушаххаси ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он қонунятҳои таърихии рушди тамаддуни башарӣ ифодаи худро ёфтаанд. Р.А. Мюллерсон қайд мекунад: «Низоми муосири байналмилалӣ, асоси меъёрии он - ҳуқуқи байналмилалӣ ва ахлоқи байналмилалӣ - дар натиҷаи мубориза ва равобити давлатҳо ва халқҳо ташаккул ёфтааст» [62, с.31]. Бино бар ин риоя ва эҳтироми меъёрҳои он аз ҷониби тамоми давлатҳо як амри муҳим ва зарурист.

Бо дарназардошти мушкилоти муосири назариявии ҳуқуқи байналмилалӣ, С.В. Черниченко қайд кардааст, ки «ҳуқуқи байналмилалӣ, аз як тараф, дар маҷмуъ қисми ҳуқуқ мебошад» [99, с.58]. Ин маънои онро дорад, ки қонунгузории давлати мушаххас ва ҳуқуқи байналмилалӣ дорои чунин хусусиятҳо ва унсурҳое мебошанд, ки дар воқеият таҷассум ёфтаанд, яъне онҳо объективӣ ҳастанд, аз ҷониби мо шинохта шудаанд ва дар чунин категория, ба монанди “қонун”, ифода меёбанд.

Бояд қайд кард, ки барои фаҳмиши ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар назарияи ҳуқуқӣ мафҳумҳо ва равишҳои гуногун ба миён гузошта шудаанд. Ҳангоми дарки моҳият ва мундариҷаи ҳуқуқи байналмилалӣ мо,

пеш аз ҳама, ба муносибати позитивӣ такя мекунем, ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун маҷмуи меъёрҳо тавсиф медиҳем, ки ба андешаи мо, истифодаи равишҳои дигарро истисно намекунад.

Ҳуқуқи байналмилалии муосир дорои хусусияти демократӣ, эътирофи арзишҳои умумиинсонӣ буда, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқати иродаи бисёр давлатҳоро ифода мекунанд. Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муносибатҳои байнидавлатиро танзим намуда ва он моҳияти худ сиёсӣ буда, ҳамчун воситаи татбиқи манфиатҳои давлат дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ амал мекунад. Аз ин рӯ, пурра даст кашидан аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди қонунгузории дохилидавлатӣ ғайриимкон мебошад.

Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ инчунин мавзуи муносибатҳои арзишӣ мебошанд, ки бо меъёрҳои ахлоқи байналмилалӣ ба ҳам алоқамандaнд. Ҳуқуқи байналмилалии муосир дар асоси ғояҳое, ки дар тамаддунҳо, халқҳо ва давлатҳои гуногун дар бораи идеали адолат ва гуманистӣ, ки манфиати сокинони сайёраи моро ба инобат мегирад, асос ёфтааст. Аз ин рӯ, сиёсати ҳуқуқи байналмилалӣ бояд чунин ҳолати муносибатҳои байналмилалиро таъмин намояд, ки дар он субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар асоси арзишҳои умумиҷаҳонӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, сарфи назар аз тафовутҳои иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва ҳудудӣ бо шартҳои баробар иштирок намоянд.

Истифодаи механизмҳои татбиқи самаранок ва ҳамаҷонибаи сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ масъалаи асосии раванди омӯзиши ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ мебошад. Чунин механизмҳо ташкилотҳои байналмилалӣ мебошанд, ки дар байни онҳо нақши пешбаранда ба Созмони Милали Муттаҳид гузошта шудааст. Маҳз Созмони Милали Муттаҳид бояд ҳамчун пешбар дар танзим ва таъмини муколама байни

ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ амал кунад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки ҳамаи давлатҳои ба Созмони Милали Муттаҳид дохилшаванда, сарфи назар аз таркиби сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллӣ-этникӣ ва маънавию конфессионалӣ, дар сиёсати хориҷии худ як ҳадафи умумиҷаҳонӣ, яъне татбиқи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти байналмилалии хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва озодиҳои инсонӣ, ки барои расидан ба он Созмони Милали Муттаҳид таъсис дода шудааст, ба амал меоранд вобаста ба нажод, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ва дигар фарқиятҳо. Мутаассифона, дар марҳалаи кунунӣ фаъолияти ин созмон дар самти густариши муколамаи байнифарҳангӣ дар фазои сиёсии байналмилалӣ он қадар фаъол нест, ки мо мехостем. Аз ин рӯ, таҳлили амиқи фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ метавон яке аз самтҳои ояндадори тадқиқоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр муносибатҳои хешро дар асоси сиёсати сулҳҷӯёна дар амал татбиқ менамояд ва соҳибихтиёрию истиқлоли дигар давлатҳоро эътироф менамояд. Инчунин ҳангоми ба амал баровардани муносибатҳои хориҷӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ такя намуда, вобаста ба манфиатҳои халқи Тоҷикистон ҳамкориҳои муфидро ба роҳ мемонад. Дар самти равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ бошад, дар асоси принсипҳое, ки санадҳои барномавӣ ва консептуалии давлатӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд, гузоштааст, кишвари мо ба сифати узви комилҳуқуқи ҷомеаи мутамаддин баромад менамояд. Аз ин рӯ, низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз як тараф мустақил амал намуда, аз тарафи дигар дастовардҳои пешқадами ҳуқуқи байналмилалиро дар самти танзими муносибатҳои ҷамъиятии навтарин истифода мебарад.

## 3.2. Такмили механизмҳои равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ

Равандҳои ҷаҳонишавӣ имрӯз амалан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи мо таъсир мерасонанд. Онҳо бевосита ё бавосита ба сиёсат, иқтисод, ҳуқуқ ва ғайра таъсири расонида, самтҳои инкишофи онҳоро бевосита муайян менамояд. Хусусияти ҷаҳонишавӣ дар соҳаи ҳуқуқ дар он аст, ки он амалан тамоми ҷузъҳои низоми ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро фаро мегирад. Чунон В.А. Сапун менависад: «Ҷаҳонишавӣ ба ташаккули ҳуқуқҳои умумиинсонӣ, ҳуқуқҳои умумибашарии тамаддуни муосир мусоидат мекунад. Раванди ҷаҳонишавӣ ногузир ба ташаккули тамоюлҳои асосии рушд ва фаъолияти низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории давлатҳои муосир мусоидат мекунад» [130, с. 139-140].

Бояд гуфт, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ на танҳо мушкилоти ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, балки боиси бархӯрди арзишҳои фарҳангии халқу тамаддунҳои гуногун, ки мазмуни низомҳои ҳуқуқии онҳоро ташкил медиҳанд ба миён овардааст ва дар натиҷа дар назди олимони ҳуқуқшинос вазифа гузошта шудааст, ки механизмҳои таъсири мутақобилаи самарабахши ин арзишҳои байналмилалӣ ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқии дохилидавлатиро муайян кунанд.

Натиҷаи асосии мусбати ҷаҳоншавиро бояд дар афзоиши нақши ҳуқуқи байналмилалӣ на танҳо дар муносибатҳои байни давлатҳо, балки дар низомҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ, васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқи байналмилалӣ танзим мекунанд, зиёд шудани шумораи давлатҳои иштирокчии ин раванд, иттиҳодияҳои байналмилалии минтақавӣ ва мақомоти байналмилалӣ, ки онҳо дар ин ё он шакл дар ташкили ҳуқуқи байналмилалӣ ва механизмҳои татбиқи онҳо

ташкил мекунанд, донист. В.М. Шафиров қайд мекунад, ки «ҷаҳонишавӣ ба яке аз омилҳои муҳимтарини рушди муносибатҳо ва ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ табдил ёфтааст. Гузашта аз ин, ин таъсир самти дутарафа дорад, зеро тағйирот ҳам бевосита дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар низомҳои ҳуқуқии миллӣ сурат мегирад» [137, с. 151].

Албатта, афзоиши нақши ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳаёти ҳуқуқии як давлати алоҳида на танҳо дар сатҳи конститутсионӣ эътироф намудани принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷумла эътироф шудаанд, балки дар афзалияти онҳо нисбат ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ низ ифода меёбад. Ин принсип ба истиснои баъзе истисноҳо дар конститутсияҳои қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон сабт шудааст. Масалан, дар Тоҷикистон ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои дохилидавлатӣ бартарият дорад, аммо на бар Конститутсияи кишвар, бахусус азбаски дар Конститутсия тамоми арзишҳое, ки дар қонунҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, дар бар мегирад.

Дар шароити муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ давлатҳои бузург дар бисёр масъалаҳои байналмилалӣ овози ҳалкунанда доранд. Дар акси ҳол, кишварҳои пешрафта ва ниҳодҳои байналмилалӣ дар баробари таъсири мусбат метавонанд истиқлолияти давлатҳои миллиро коҳиш диҳанд ва дар ин ҷо Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно нахоҳад буд [133, с.16]. Аз ин рӯ, давлатҳои абарқудрат бо ҷомеаи ҷаҳонӣ "бар асоси шартҳои баробар" гуфтугӯ намекунанд. Ин ба андозаи зиёд муносибати чунин кишварҳоро ба ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун ҳуқуқ, ки онро нодида гирифтан мумкин нест, муайян мекунад. Аммо дар баробари ин, ба таври комил ба он итоат кардан ва низоми ҳуқуқии миллии худро ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ намуданро зарур намеҳисобанд. Бино бар ин, давлатҳо дар замони муосир аз манфиатҳои миллӣ бар омада, пеш аз ҳама дар танзими

муносибатҳои иҷтимоӣ ба низомҳои ҳуқуқии миллӣ такя мекунанд. Вобаста ба ин, академик Ф.Т. Тоҳиров солҳои 2000-ум пешниҳод намуда буданд, ки «зарур аст, ки дар тамоми барномаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ва созишномаву шартномаҳои байналмилалӣ, ки баста мешаванд, манфиатҳо ва механизмҳои таъмини амнияти миллии Тоҷикистонро ба инобат гирифта шаванд» [133, с.16].

Аз ин сабаб, зарурати аз нав дида баромадани шаклу механизмҳои ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба миён меояд, ки дар солҳои 40-50-уми асри XX таҳия шудаанд, ба назари мо, дигар қобилияти танзими муносибатҳои байни давлатҳои соҳибихтиёрро надоранд. Аз ин ҷо равшан аст, ки он принсипҳо ва механизмҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ наметавонанд ба муносибатҳои байналмилалии асри XXI ва давлатҳои миллӣ таъсир расонанд. Давлати миллӣ давлатест, ки дар дохили он ҳам ҳокомият ва ҳам ҷомеа бо фарҳангу таърих, мақсад ва вазифаҳои ягонаи рушди оянда муттаҳид шудаанд [87, с. 178; 89, с. 40]. Аз ин рӯ, дар рафти равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ҳифзи фарҳангу таърих яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии давлатҳои миллӣ бояд бошанд.

Дар марҳилаи муосири тараққиёти ҷамъият ҳуқуқи байналмилалӣ тадриҷан қобилияти ба танзим даровардани муносибатҳои байналмилалии худро гум кардааст. Мо бояд ақидаи М.Н. Марченкоро дастгирӣ кунем, ки вақте ӯ менависад: «Мантиқи элементарӣ нишон медиҳад ва амалияи ҳозираи ҳуқуқи байналмилалӣ тасдиқ мекунад, ки дар ҳаёт ҷараёни ташаккул ва татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ на ҳамеша ҷараёни ҳамоҳангсозии амалу иродаи ҳамаи давлатҳои соҳибихтиёр, инчунин шарикони баробарҳуқуқ мебошад. Ин воқеият чунин аст, ки аксар вақт дар раванди ташаккул ва татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ сухан на дар бораи ҳамоҳангсозӣ, балки дар бораи фишори мустақим ё ғайримустақими

давлатҳое, ки аз ҷиҳати молиявӣ, иқтисодӣ ва дигар ҷиҳатҳо нисбат ба давлатҳои заифтар қавӣ ҳастанд, меравад, дуруст мебошад. Ҳолатҳои ин гуна ҳамоҳангсозии иродаи давлатҳо - эҷодкорони ҳуқуқи байналмилалӣ ангуштшумор намебошанд. Онҳо тақрибан дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва мутаносибан дар ҳама соҳаҳои муносибатҳои байналмилалӣ мавҷуданд» [54, с.502].

Танзими ҳуқуқи байналмилалии муносибатҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, ки дар миёнаҳои асри XX таъсис ёфтаасту то имрӯз амал мекунад, бо таъсиси тартиботи нави ҷаҳонӣ, ки аз ҷониби давлатҳои дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ғолибомада муайян карда шудааст, пешакӣ мушаххас карда шуд. Аммо дар марҳалаи ҳозира бино бар муқовимати нави қудратҳои ҷаҳонӣ, принсипҳо ва механизмҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар миёнаҳои асри гузашта таҳия шуда буданд, дигар қодир ба танзими муносибатҳои байналмилалӣ нестанд.

Вале дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ аз нақши ҳуқуқи байналмилалӣ дар рушди низомҳои ҳуқуқии миллӣ, инчунин дар ҳалли мушкилоти глобалии башарият худдорӣ кардан мумкин нест. Чи хел Ф.Т. Тоҳиров қайд мекунанд: «Аксарияти мушкилоти глобалӣ ва миллии замони мо ҷанбаи ҳуқуқӣ доранд ва дар навбати аввал ҳамчун мушкилоти ҳуқуқӣ амал мекунанд, ки ҳалли онҳоро тавассути қабули санадҳои ҳуқуқии дахлдори ҳам сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҳам миллӣ-давлатӣ талаб мекунанд» [133, с.15]. Аз ин рӯ, ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамеша дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ нақши асосӣ дошта, ба қонунгузории миллии он давлатҳое, ки худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ҳамеша таъсир мерасонад. Бино бар ин, дар замони ҳозира ба шаклу механизмҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ муносибатҳои нав лозим аст.

Танзими ҳуқуқии байналмилалии муносибатҳо дар марҳилаи ҳозира ба рушди қонунгузории дохилидавлатӣ таъсири калон мерасонад. Ин таъсир ҳам хусусияти императивӣ ва ҳам диспозитивӣ дорад. Ҳангоми баррасии низоми санадҳои қонунгузории Тоҷикистон, хоҳ қонуни конститутсионӣ бошад, хоҳ кодекс ва хоҳ қонун, мебинем, ки низоми қонунгузории як соҳаи муайяни ҳаёти ҷамъиятӣ аз Конститутсия, қонунҳо, дигар санадҳои ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқи байналмилалӣ ва инчунин санадҳои аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда иборат аст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ яке аз унсурҳои низоми қонунгузориро ташкил медиҳанд ва дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ ба мафҳуми «қонунгузорӣ» дохил мешаванд. Ҳатто бо тафсири маҳдуди мафҳуми «қонунгузорӣ» он аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ холӣ нахоҳад буд. Ин, пеш аз ҳама, ба афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ ва ҷойгиршавии онҳо дар зинаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии болотар аз қонунҳо; дуюм, дар ҷумҳурӣ татбиқи қоидаҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ асосан бо роҳи тағйир додани онҳо ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор оид ба онҳо, аз ҷумла дар шакли қонунҳо сурат мегирад. Бояд ёдовар шуд, тафовут байни меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ чизест, ки дар ҷомеаи демократии муосир қобили қабул нест.

Асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилии Тоҷикистонро чӣ ташкил медиҳад? Аз рӯйи ин масъала бевосита ба Конститутсияи ҷумҳурӣ ва қонунгузории амалкунандаи Точикистон муроҷиат мекунем. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар шудааст, ки меъёрҳои шартномаҳои байналмилалии расман нашршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои татбиқи онҳо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии

алохидаро талаб намекунанд, бевосита дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд амал кунанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) муқаррароти комилан нав дар бораи низоми ҳуқуқии миллӣ бо мазмуни зерин дарҷ гардидааст: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд. Дар сурати номувофиқ будани қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки эътироф шудаанд, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ татбиқ мешаванд» (банди 3 моддаи 10) далели он аст, ки Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ баромад мекунад. А.С. Достиев бо ишора ба ин хусусияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мекунад, ки «аз мавқеи ин меъёр Тоҷикистон ҳамчун шарики баробарҳуқуқ ва боэътимод дар муносибатҳо дар арсаи байналмилалӣ баромад мекунад» [37, с.92]. Муқаррароти банди 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду аҳаммияти муҳим дорад: аввал аз он иборат аст, ки дар баробари муқаррароти қонунгузории кишвар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷумлаи танзимгардонии ҳуқуқии муносибатҳое мебошанд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд. Аҳаммияти дуюм зарурати дар амал ба назар гирифтани принсипи афзалиятноки татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалиро нисбат ба меъёрҳои конунгузории дохилии Точикистон муайян мекунад.

Хусусияти таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатии Тоҷикистон дар он зоҳир мешавад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо нисбат ба қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ афзалият доранд, вале на нисбат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Волоияти Конститутсия дар низоми ҳуқуқии кишвар устувор ва собит боқӣ мемонад. Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳуқуқи байналмилалиро ба низоми ҳуқуқии кишвар муайян кардааст. Ин меъёр на

танҳо эҳтироми ҳуқуқи байналмилалиро ифода мекунад, балки барои татбиқи муқаррароти он кафолатҳои конститутсионӣ фароҳам меорад. Ин, бешубҳа, афзалияти ҳуқуқи байналмилалиро бар ҳуқуқи дохилидавлатӣ эълон мекунад.

Бо дарназардошти ин вазъият, мавқеи олии низоми ҳуқуқии кишварро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол намуда, тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои аз ҷониби Тоҷикистон имзошуда ё тасвибшуда бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунанд. Мутобиқати санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти назорати конститутсионӣ, яъне Суди констиутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, №1083 «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «парвандаи мутобиқати шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки эътибори қонунӣ пайдо накардаанд» [7], дида мебарояд. Ба ҳар ҳол, бояд қайд намуд, ки дар бисёр ҳолатҳои робитаи ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ҳамкориҳои ҳуқуқӣ, махсусан дар раванди татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ хеле зарур аст. Дар муносибат байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории дохилӣ ҳамеша робитаи иртиботӣ ва бозгашт аст, ки ба таври дастҷамъӣ таъсири мутақобилаи низомҳоро ташкил медиҳад, ки аз хусусияти объективии байни сиёсати хориҷӣ ва дохилидавлатӣ таъсир ва вобастагии мутақобила, тамоюли рушди умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ ва далели он, ки давлатҳо эҷодкунандагони ҳам меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ мебошанд, иборат аст.

Нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар рушди қонунгузории дохилӣ бояд ба эътибор гирифт, чунки санадҳои байналмилалӣ ҷузъи

ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии кишвар буда, ба қонунгузории миллӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳким ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат намуда, давлатро барои муқаррар намудани меъёрҳои ҳадди ақалли танзими ҳуқуқӣ дастур медиҳанд. Эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун як қисми низоми ҳуқуқии дохилӣ ба давлат имкон медиҳад, ки худро ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ эҳсос кунад, ба он дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонишавӣ фаъолона иштирок кунад ва ба мутобиқати меъёри муайяни қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат намояд. Аммо нақши онҳо дар рушди низоми қонунгузорӣ ва умуман низоми ҳуқуқии давлат, дар ҳоле ки давлат барои татбиқи муқаррароти санадҳои байналмилалӣ шароити муайян надорад, чӣ гуна аст? Дар амалия мисолҳои хеле зиёд аст, ки нақши мусбат ва манфии санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар рушди ҳуқуқ дар давлат муайян месозад. Ҳар як давлат ба санадҳои муайяни байналмилалӣ ҳамроҳ мешавад, ҳамеша мақсад мегузорад, ки ҳамкориро бо давлатҳои дигар ба роҳ монад ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷаҳонишавӣ ва наздик намудани қонунгузории худ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ.

Ҳамроҳ шудани Тоҷикистон ба эъломияҳо, конвенсияҳо ва паймонҳои сершумори байналмилалӣ на танҳо дар такмил, балки маҷмуан дар рушди низоми қонунгузории дохилии кишвар нақши назарраси мусбат бозида, ба таҳияи як қатор санадҳои қонунгузорӣ мусоидат намуд. Инро дар соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, зистшиносӣ, дигар соҳаҳо ва маҷмуи қонунгузориҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо ҳамроҳшавии қаблӣ ва тасвиби онҳо, муттаҳидшавии механикӣ бо мақсади пайвастан ба як чизи ҷаҳонӣ бидуни фароҳам овардани шароити мувофиқ, албатта, қобили қабул нест.

Инчунин бояд ба назар гирифт, ки танзими ҳуқуқии байналмилалӣ яке аз шаклҳои идоракунии иҷтимоӣ мебошад. И.И. Лукашук қайд мекунад, ки «танзими ҳуқуқии байналмилалӣ як намуди идоракунии иҷтимоӣ буда,

чунонки маълум аст, вазифаи зарурии ҳар як низоми иҷтимоӣ мебошад. Муносибат ба ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун унсури низоми идоракунӣ барои назария ва амалия имкониятҳои нав мекушояд» [47, с.202].

Тавре дар боло қайд кардем, ҳуқуқи байналмилалиро хамчун кисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ муайян намуда, низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ ба ҳалли проблемаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ нигаронида шудааст. Ҳатто агар дар мавриди он ки оё санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҷузъи ҷудонашавандаи низоми қонунгузории дохилӣ буда метавонанд, баҳсҳои тӯлонии илмӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, як чиз равшан аст, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ба муносибатҳои ҳуқуқии дохилӣ таъсир мерасонад ва мувофиқан он як ҷузъи ҷудонашавандаи механизми мазкур мебошад.

Имрӯз дар партави таҳдидҳо, ҳар як фарди, давлатҳо, иттиҳодияҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ комилан дарк кардаанд, ки таҳдиду хатарҳои ҷаҳонишавӣ метавонад хусусияти бисёрсоҳавӣ дошта бошад, яъне сиёсӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, беҳдоштию эпидемиологӣ ва ҳатто ҳодисаҳои хусусияти харбӣ дошта бошад. Ин ҳама палитраи («лавҳаи») таҳдидҳо ва муборизаҳои ҷаҳонишавӣ дар ниҳояти кор ба вазъи низоми ҳуқуқии миллӣ ва ҳаёти давлат бетаъсир намемонад.

Дар ин ҳолат давлатҳои хурд бояд чӣ кор кунанд? Онҳо метавонанд танҳо бо истифода аз тамоми воситаҳои қонунӣ, ки дар сатҳи байналмилалӣ ва дохилӣ мавҷуданд, манфиатҳои миллии худро ҳифз кунанд.

Бояд таъкид кард, ки дар марҳилаи муосир дар муносибатҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ принсипи конститутсионие лозим аст, ки давлатро сохибихтиёр муайян кунад. Маҳз соҳибихтиёрии давлат аст, ки принсипи асосии ҳар як давлат боқӣ мемонад ва асоси тамоми низоми ҳуқуқии давлатро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати

соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [1, с.3]. Ба андешаи М.Н. Марченко, «ба туфайли соҳибихтиёрии давлат дар қаламрави он танҳо иродаи вай амал карда метавонад. Соҳибихтиёрии давлат аслан имкони амали иродаи давлати дигар дар қаламрави давлати дигар, аз ҷумла «иродаҳои созишёфтаро, ки дар меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ таҷассум ёфтааст», истисно мекунад. Тибқи ин ақида, таъсири мустақими ҳуқуқи байналмилалиро ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ, ки аз раванди мутобиқсозии он ба қонунгузории миллӣ дар шакли табдил, қабул ё мутобиқсозӣ канорагирӣ мекунад, ё комилан истисно ё ба таври қобили мулоҳиза маҳдуд мекунад» [54, с.493].

Ҳокимияти давлатӣ дар асл эҳтимолияти имкони амали қаламрави давлатҳои дигар, аз ҷумла «иродаи мувофиқашударо, ки ба меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ дода шудааст, истисно мекунад». Тибқи ин, бевосита ба қонунҳои байналмилалӣ дар қонунгузории дохилӣ, интиқоли саршумори мутобиқшавӣ ба қонуни миллӣ дар шакли дигаргунсозӣ, қабул ё мутобиқшавӣ ба таври назаррас маҳдуд аст. Бино бар ин, татбиқи мустақими қонунҳои байналмилалӣ дар қонунҳои дохилидавлатӣ ғайри қобили қабул нест. Аз ин рӯ, давлатҳои соҳибистиқлолро зарур аст, ки дар сатҳи доктринавӣ рушд карда, дар сатҳи давлатӣ-ҳуқуқӣ самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқиро дар масъалаи равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ муттаҳид созанд.

Мушаххасоти асосии самти рушди сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст, инъикос ёфтааст. Консепсияи мазкур дар банди 74 ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ва

ҳуқуқи байналмилалиро падидаи ғайри қобили қабул дар раванди татбиқи босамари сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ номидааст [17, 68].

Барои беҳтар намудани ин вазъият иҷрои вазифаҳои зерин пешниҳод мегардад:

1) мувофиқи раванди рушди муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ мавқеи воқеии қонунгузории дохилидавлатии кишвар муайян карда шавад;

2) зиддиятҳои байни қонунгузории дохилидавлатӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро ба имзо расонидааст, мунтазам, дақиқ таҳлил карда шавад ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешида шавад.;

3) дар рафти баён намудани розигӣ ба бастани шартномахои бисёртарафаи байналмилалӣ, аз ҷумла дар соҳаи иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва маданият, аз ҳуқуқи баён кардани қайду тавзеҳот, яъне истинод ва васеътар истифода баранд.

Дар маҷмуъ, ин амалиётҳо ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлоли давлатӣ ва давлатдорӣ, таҳкими идоракунии ҷаъиятиву давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолии кишвар, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати озодии фаъолияти иқтисодӣ, гуногунрангӣ ва баробарии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар кишвар мусоидат менамояд. Барои расидан ба ин ҳадафҳои олӣ такмили қонунгузории дохилидавлатӣ ва таҳияи механизми муассири танзими ҳуқуқӣ тақозо мешавад. Вале бояд гуфт, ки дар марҳилаи ҳозира тибқи изҳороти М. Супатаева, «қонунгузориро наметавонад танҳо ва танҳо ба риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиш ва дастури асосии вазифаҳои стратегӣ ва тактикии сиёсати ҳуқуқӣ равона созад. Имрӯз масъалаи ба инобат гирифтани марзу бум ва дурнамои манфиатҳои миллӣ дар низоми

афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи илмию амалиро бештар ба миён овардааст» [76, с.97].

Биёед, ба Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 муроҷиат менамоем.

Пеш аз ҳама, бояд махсус қайд кард, ки дар Консепсия мазкур дар баробари ҳалли масъалаҳои такмили фаъолияти қонунгузорӣ, ҳифзи ҳуқуқ, кафолат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунии моликият, инчунин вазифаи муҳофизати манфиатҳои миллӣ дарҷ гардидааст. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии қонунгузории дохилидавлатӣ ва низоми ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ташаккули таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо амалӣ карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар кишвар ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат ба таҳдиду хатарҳои глобалӣ (терроризм, ифротгароӣ ва ғ.), ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз таҳдидҳои иттилоотии ҷаҳони муосир нигаронида шудааст. Қобили зикр аст, ки тағйироти куллӣ, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ, бухрони иқтисодии ҷаҳонии молиявӣ, пандемияи ҷаҳонӣ ба амал омадаанд, инчунин тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо дигар давлатҳо, иштироки фаъолонаи он дар созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи байналмилалӣ зарурати такмили қонунгузории дохилидавлатиро мутобиқи тамоюлҳои нави ҷаҳони муосир ба миён овард.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати давлатӣ буда, самтҳои асосии рушди ҳуқуқии давлатро то соли 2028 муайян мекунад. Вобаста ба ин, тағйирот ва рушди минбаъдаи қонунгузории кишвар, аз ҷумла таҳти таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ, тибқи муқаррароти

консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, ки заминаи ҳуқуқии таҳияи он бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, сурат мегирад.

Дуруст А.Р. Нематов қайд менамояд, вақте менависд: «Принсипҳои ибтидоии асосии татбиқи сиёсати ҳуқуқиро Конститутсияи кишвар ва самти онро самти сиёсии интихобкардаи шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат муайян кардааст, яъне, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, риоя, эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, барпо намудани иқтисодиёти аз ҷиҳати иҷтимоӣ нигаронидашуда, пешрафти иқтисодиёт ба дараҷаи баланд, ки бо шаклҳои гуногуни моликият кафолат дода шудааст» [121, с.4].

Дар ҳар сурат, муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 хусусияти ояндабинӣ ва нақшаи дурнамо дорад ва комилан ба эътибор нагирифтани талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин маврид мантиқан дуруст нест. Бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бухронҳои мухталифи ҷаҳонӣ Консепсия вазифадор мекунад, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон бо дигар кишварҳо, иштироки фаъолонаи он дар чорабиниҳои гуногуни башардӯстонаи байналмилалӣ, дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ густариш ёбад. Вобаста ба ин, мо чунин мешуморем, ки қонунгузории дохилидавлатӣ ба талаботи рушди ҷаҳони муосир мутобиқ карда шавад. Зеро ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамеша ба қонунгузории дохилӣ таъсир мерасонад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ин таъсир ба самти мусбат ва созанда равона карда шавад.

Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории дохилидавлатӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз сифатҳои динамикии қонунгузории муосир ва самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад. З.Ализода қайд мекунад, ки «ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ва ворид шудан ба сифати узви комилҳуқуқ ба муносибатҳои байналмилалӣ, вазифаи ба

санадҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ ворид намудани қонунгузории давлатиро пеш мегузорад» [112, с.17].

Аммо дар солҳои охир баъзе тамоюлҳои мавҷудаи зиддиятнок дар масъалаи самаранокии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қобилияти таъсир расондан ба муносибатҳои ҷамъиятии байналмилалӣ худро эҳсос карданд. Р.Ш. Шарофзода доир ба ин масъала мунсифона чунин менависад, ки «вазифаҳои таъхирнопазири сиёсати қонунсозӣ дар шароити ҳозираи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз инҳо иборатанд: азнавсозии сиёсати қонунсозӣ, ки қодир аст ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа саривақт посух гӯяд; таҷдиди конунгузории ҷумҳурӣ ва ба меъёру принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқ кунондани он бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ» [131, с.87].

Мо бовар дорем, ки ин равиш ба ҳифзи арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳамзамон ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз паҳлуҳои манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ мусоидат мекунад. Он, ба ибораи дигар, на танҳо ба қонунгузорӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии давлат, балки дар маҷмуъ ба тамоми низоми ҳуқуқӣ низ мусоидат мекунад. Академик Ф.Т. Тоҳиров барҳақ менависад: «... низоми ҳуқуқии ба вуҷуд омадаистодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамаи арзишҳои соҳаи ҳуқуқ, анъанаҳои беҳтарини мардумро гирд оварад, ҳамаи он чизеро, ки дар соҳаи танзими ҳуқуқ аст, аз нав мустаҳкам ва ҳифз намояд ва ба рушди онҳо мусоидат кунад, ҳама омилҳои куҳна ва манфиро аз худ дур созад» [134, с.11].

Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ марҳилаи танзими ҳуқуқӣ мебошад, ки дар он дар сатҳи расмии давлатӣ-ихтиёрӣ меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат пешбинӣ шудаанд, амалӣ карда мешаванд. Дар ин марҳалаи танзими ҳуқуқӣ санадҳои байналмилалӣ низ объекти татбиқ мебошанд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки яке аз марҳилаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ дар давлат мебошад, аз таъсири танзими ҳуқуқии

байналмилалӣ озод нест. Принсипи конститутсионии эътироф намудани санади ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба зиммаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ уҳдадориҳо мегузорад, ки на танҳо меъёрҳои қонунгузории дохилиро риоя ва амалӣ созанд, балки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ риоя карда шаванд. Комилан равшан аст, ки на ҳама мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба чунин тавсеаи назарраси заминаи ҳуқуқию меъёрии фаъолияти онҳо омода буданд, ки дар натиҷа дар фаъолияти амалии ин ташкилотҳо ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ душвориҳои муайян ба вуҷуд овард.

Албатта, вақте ки давлат барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ санади махсуси меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатиро қабул мекунад, корманди ҳифзи ҳуқуқ дар ҷараёни фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ чӣ тавр истифода бурда метавонад? Чӣ бояд кард, агар ин гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул нашуда бошад, аммо санади ҳуқуқии байналмилалӣ тасвиб шуда бошад? Дар ин маврид, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд механизмҳои муқаррарнамудаи қонунгузории дохилиро оид ба татбиқи бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар раванди танзими муносибатҳои иҷтимоии дохилӣ ба инобат гирад. Ба андешаи С.А. Раҷабов «мувофиқи хусусияти амалҳои татбиқи ҳуқуқ дар доктринаи ҳуқуқи байналмилалӣ амали чаҳор шакли татбиқро ҷудо мекунанд: риоя, иҷро, истифода ва татбиқ» [146, с.45-47].

Бояд гуфт, ки моҳияти танзими ҳуқуқии байналмилалӣ дар ғояи ҳифзи ҳуқуқии арзишҳои олии ҷомеа ва давлат, яъне инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, шаъну шарафи ӯ ифода ёфтааст. Меъёрҳои байналмилалӣ дар шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии универсалӣ, бисёрҷониба ва дуҷониба мавҷуданд. Маҳз бо мақсади ҳифзи арзишҳои дар боло зикргардида давлат метавонад дар сатҳи қонунгузорӣ механизмҳои ҳамкории байни ҳуқуқи

дохилидавлатӣ ва байналмилалиро таҳия намояд. Илова бар ин, баъзе тавсияҳо оид ба татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти олии давлатӣ қабул карда шаванд. Масалан, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 аз 14 июни соли 2013 "Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунҳое, ки муносибатҳоро оид ба уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд ба танзим медароранд" [150]. Бояд зикр намуд, ки омӯзиши қарори мазкур нишон медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҷузъи ҷудонашавандаи заминаи ҳуқуқии корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар раванди баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои судӣ ва корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус судяҳо буда, ҳангоми баррасии ҳалли парвандаҳои судӣ, инчунин метавонад меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ба роҳ монанд. Татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ дар раванди фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шароити мухталиф, шакл ва усулҳои истифодаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро, ки Тоҷикистон дар раванди баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои судӣ эътироф кардааст, пешбинӣ мекунад.

Ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ё парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби судҳо танҳо меъёрҳои он шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, баъди расман интишор гардидан, эътироф ва татбиқ карда мешаванд ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ пешбинӣ накардаанд. Ба ибораи дигар, санадҳои байналмилалие, ки бевосита бидуни татбиқ дар қонунгузории дохилии кишвар татбиқ мешаванд, ду шарт доранд: эътирофи расмӣ ва интишори шартномаи байналмилалӣ. Дар навбати худ мақомоти суд ва судяҳо ҳангоми ҳалли масъалаи татбиқи меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ бояд нуқтаҳои Конвенсияи Вена дар

бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалиро 23 майи соли 1969 эътибори ҳуқуқии худро пайдо кардааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 июни соли 1996 ба он ҳамроҳ шудааст, ба назар гиранд. Дар айни замон суд, судяҳо ва мақомоти дигар бояд ба назар гиранд, ки шартномаҳои байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд, агар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагии мақомоти ваколатдори давлатӣ розигии худро барои бастани чунин шартномаҳо бо яке аз шаклҳои амал изҳор намояд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумхурии Тоҷикистон» муқаррар карда шудаанд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, бевосита амал карда, аз ҷониби суд ва дигар мақомоти ҳифзи хуқуқ ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, инчунин парвандаҳое, ки аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бармеоянд, татбиқ карда мешаванд. Аммо шартномаҳои байналмилалие, ки меъёрҳои онҳо аломатҳои кирдорҳои ҷиноятии судҳо ва судяҳоро муқаррар мекунанд, мустақиман татбиқ карда намешаванд, зеро уҳдадориҳои давлат оид ба таъмини риояи муқарраротӣ чунин шартномаҳо тавассути қонунгузории дохилидавлатӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар намудани унсурҳои ин шартномаҳо амалӣ карда мешаванд. Ҳамин тариқ, шартномаҳои байналмилалиеро, ки ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, суд ё судяҳо танҳо дар ҳолате татбиқ карда метавонанд, ки дар муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ зарурати татбиқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита пешбинӣ шудааст. Ба ин категория асосан ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ ё дар соҳаи ҳуқуқи инсон содиршуда дохил мешаванд.

Аҳаммияти бузурги санадҳои байналмилалӣ дар татбиқи ҳуқуқ аз он иборат аст, ки нодуруст татбиқ намудани онҳо аз ҷониби мақомоти ҳифзи

ҳуқуқ метавонад барои бекор кардан ё тағйир додани карорҳои татбиқи ҳуқуқ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқи кабулшуда асос гардад.

Масалан, асосҳои ҳуқуқии бекор кардани қарорҳои суд вобаста ба истифодаи нодурусти шартномаҳои байналмилалӣ мутобиқи банди 9 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2013, таҳти №9 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон», моддаҳои 351, 352, 376 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 372, 376 ва 412 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [14] ва ғ. Истифодаи нодурусти шартномаҳои байналмилалӣ се нуктаро дар бар мегирад:

– татбиқ накардани шартномаи байналмилалие, ки бояд татбиқ мешуд;

– татбиқи шартномаи байналмилалие, ки набояд татбиқ карда намешуд;

– шартномаи байналмилалиро нодуруст шарҳ дода бошад ва тафсири он ба моҳияти дақиқи санад мухолиф бошад.

Таҷрибаи татбиқи ҳуқуқии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии кишвар мебошад, бинобар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба дӯш гирифтани як қатор уҳдадориҳои байналмилалӣ дар қаламрави худ фаъолона амал мекунад ва самаранок истифода мешавад. Дар баробари ин, ба таври кӯр-кӯрона бевосита татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ иҷозат дода намешавад ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ бояд талабот ва қоидаҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории дохилиро риоя намоянд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ бевосита таъсир расонида, самт ва динамикаи рушди онро муайян мекунад. Дар

шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар рушди низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ, инчунин дар ҳалли мушкилоти глобалии башарият нодида гирифт. Ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ҳамеша нақши асосиро мебозад ва ба қонунгузории миллии он давлатҳое, ки худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ҳамеша таъсир мерасонад. Аммо дар шароити муосир, дар пасманзари муқовимати геополитикии байни давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ принсипҳо ва равишҳои нав ба шаклу механизмҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ зарур аст. Ин бояд ба принсипҳои ба назар гирифтани манфиатҳои миллӣ асос ёбад. Дар ин бора дар сатҳи ҳам доктриналӣ ва ҳам илмӣ-амалӣ ҳарфҳои зиёд гуфта мешаванд. Бархе аз кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон онро дар асноди барномавӣ, аз ҷумла дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сабт кардаанд.

Сиёсати хориҷии давлатҳо ба эътироф ва татбиқи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст.

Ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи давлат ифодаи худро меёбад. Албатта, сиёсати берунӣ ва дипломатияи давлат набояд ба принсипу меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мухолиф бошад. Давлат тавассути сиёсат, дипломатия ғояҳо, ақидаҳо, меъёрҳои ҳуқуқиро, ки дар шуури сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқии мардум, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд, ифода ва тасдиқ намуда, ба ҳаёти байналмилалӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир мерасонад. Яке аз чунин шаклҳои таъсири ҳуқуқи дохилӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати сохибихтиёр муносибатҳои хешро дар асоси сиёсати сулҳҷӯёна дар амал татбиқ менамояд ва соҳибихтиёрию

истиқлолияти дигар давлатҳоро эътироф менамояд. Инчунин ҳангоми ба амал баровардани муносибатҳои хориҷӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ такя намуда, вобаста ба манфиатҳои халқи Тоҷикистон ҳамкориҳои муфидро ба роҳ мемонад. Аз ин рӯ, тамоми сиёсати ҳуқуқи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия кишвар асос ёфта, барои таъмини сулҳу амният дар арсаи байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ равона гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки равишҳо, назарҳо, ғояҳо ва муқаррароти нави илмӣ, ки дар рисолаи мазкур оид ба омӯзиши масъалаҳои таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии давлат, таҷассуми қонунгузории онҳо дар заминаи сиёсати байналмилалӣ инъикос ёфтаанд, даъвои истисноӣ надоранд. Онҳо метавонанд мавриди баррасии танқидӣ ва илова қарор гиранд. Аммо бояд гуфт, ки маҳз ниҳодҳои дар боло зикршуда ҳувияти ҳуқуқии ҳар як миллатро дар шароити печидаи ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, дар масъалаи ҳамкории сиёсати давлатию ҳуқуқӣ ва танзимгарони табиии иҷтимоии таърихан муқарраршуда, ки унсурҳои алоҳидаи фарҳанги ин ё он миллатро ташкил медиҳанд, инкишоф медиҳанд, ҳифз ва барқарор мекунанд.

## Хулоса

Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии илмии зеринро баён намоем:

1. Дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба муқаррароти консепсияи омехта (дуалистӣ-монистӣ) бояд афзалият дода шавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳз консепсияи омехта имкон медиҳад, ки дар рафти равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ манфиатҳои дохилидавлатӣ оқилона ба инобат гирифта шаванд, эҳтирому риояи арзишҳои умумиҷаҳоние, ки дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам гардидаанд, таъмин карда шаванд. Ин консепсия, аз як тараф, манфиатҳои миллӣ ва соҳибихтиёрии ниёзи давлатро ба инобат мегирад ва ҳифз менамояд, аз тарафи дигар, аз ҷониби давлат ба риоя ва ҳифзи арзишҳои умумитамаддуние, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ифода гардидаанд ва ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ эътироф шудаанд, аҳаммияти калон дода мешавад.

Ҳангоми бартарият додан ба муқаррароти консепсияи омехта, омӯзиши таносуб ва муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, бояд дар назар дошт, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ бо омилҳои объективӣ ва субъективии рушди равандҳои ҳамгирой бо ҳам зич алоқамананданд. Ба андешаи мо, дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳз ҳамин равиш имкон медиҳад, ки омезиши оқилонаи манфиатҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таъмин карда шавад. Пас, аз як ҷиҳат ин равиш зарурати давлатро барои ҳифзи ҳувият ва истиқлоли худ ба назар мегирад [1-М].

2. Сарчашмаҳои хуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ нисбатан сарчашмаҳои мустақил мебошанд, ки низоми ба худ хосро доранд ва барои танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ равона

гардидаанд. Ба ибораи дигар, фазои танзими онҳо гуногун мебошад. Ҳамзамон, таъсири ба ҳам мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ба назар мерасад. Пеш аз ҳама. дар рафти рушди низоми қонунгузории дохилидавлатӣ таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ бештар назаррас мебошад. Эълон намудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ин далолат мекунад, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, балки ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ амал мекунанд. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва низоми давлатию ҳуқуқии кишвар ворид намудани меъёрҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо ба принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ танҳо бо роҳи табдилдиҳии (трансформатсияи) онҳо ба низоми қонунгузорӣ амалӣ карда шаванд. Маҳз қонунгузории дохилидавлатӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини таъмини риояи уҳдадориҳои байналмилалии худ аз ҷониби давлат мебошад.

Ҳамзамон, қайд намудан лозим аст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи миллии ҷумҳурӣ мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии танзимкунандаи муносибатҳои на танҳо байналмилалӣ, балки муносибатҳои дохилидавлатӣ баҳри такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқи дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [6-М], [2-М].

3. Мафҳуми субъекти ҳуқуқ, ки назарияи ҳуқуқ пешниҳод намудааст, хусусияти универсалӣ дошта, он дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳам ба низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳам ба ҳуқуқи байналмилалӣ татбиқ карда мешавад. Азбаски ҳуқуқ аз ду намуди низоми ба ҳам алоқаманд, вале

мустақил – ҳуқуқи дохилии давлатҳои гуногун ва ҳуқуқи байналмилалӣ иборат мебошад, ҳар кадоми онҳо доираи субъектҳои худро доранд.

Ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Яке аз фарқиятҳои байни онҳо дар он аст, ки ин муносибатҳо дар сатҳҳои гуногун ва байни субъектҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Агар дар сатҳи дохилидавлатӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо дар дохили як давлат ба вуҷуд оянд ва иштирокчиёни асосии он шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат бошанд, дар сатҳи байналмилалӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ аллакай дар сатҳи баланди ташкилӣ ба вуҷуд омада, иштирокчиёни асосии он давлатҳо, халқиятҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошанд [4-М].

Яке аз омилҳое, ки субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалиро муттаҳид мекунад, яъне, субъекти муттаҳидкунандаи ин ду низом давлат аст. Бояд қайд кард, ки ҳуқуқи байналмилалӣ бино бар мавҷудияти давлатҳо дар ҷаҳон ва зарурати объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои байни онҳо ба вуҷуд омадааст. Давлат ҳам дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар муносибатҳои дохилидавлатӣ фаъолият мекунад. Ба таври дигар гӯем, давлат ҳам субъекти ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳам субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Аммо давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Маҳз дар чаҳорчӯбаи давлат мо метавонем ҳамгироии субъекти ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро муайян намоем.

4. Ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи давлат ифодаи худро меёбанд. Албатта, сиёсати берунӣ ва дипломатияи давлат набояд ба принсипу меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мухолиф бошад. Давлат тавассути сиёсат ва дипломатия ғояҳо, ақидаҳо, меъёрҳои ҳуқуқиро, ки дар шуури сиёсӣ,

ҳуқуқӣ, ахлоқии мардум, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ ёфтаанд, ифода ва тасдиқ намуда, ба ҳаёти байналмилалӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир мерасонад. Яке аз чунин шаклҳои таъсири ҳуқуқи дохилӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Дар он омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр муносибатҳои хешро дар асоси сиёсати сулҳҷӯёна дар амал татбиқ менамояд ва соҳибихтиёрию истиқлоли дигар давлатҳоро эътироф менамояд. Инчунин ҳангоми ба амал баровардани муносибатҳои хориҷӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ такя намуда, вобаста ба манфиатҳои халқи Тоҷикистон ҳамкориҳои муфидро ба роҳ мемонад [3-М].

Таъсири мутақобилаи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ равшан аст ва ин таъсир дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳияи аввалин ҳуҷҷатҳои ташкилкунандаи давлат принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ замина гузошта шуда буданд. Эъломияи истиқлол, конститутсия ва дигар санадҳои ҳуқуқии миллӣ ҳамчун табдилдиҳанда, низоми пайвандгари байни низоми ҳуқуқи миллӣ ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ зуҳур кардаанд. Ҳамзамон, дар таҷрибаи ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири принсипҳои дохилидавлатӣ ба қабули онҳо дар низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба назар мерасанд.

5. Натиҷаи таҳлили доктриналии муносибат ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро ҷамъбаст намуда, бояд қайд намуд, ки бино бар номукаммалии назарияҳои монизм ва дуализм метавон гуфт, ки онҳоро танқид мекунад, аммо сарфи назар кардани ҳамаи он арзишҳои меъёрии онҳо, ки онҳо ҳимоя мекунанд ва кадом давлатҳо дар системаҳои ҳуқуқии худ мувозинат кардан мехоҳанд, хеле номувофиқ мебуд. Сарфи назар аз он ки бисёре аз

донишмандони ҳуқуқшинос куҳна шудаанд, назарияҳои монизм ва дуализм низ куҳна шудаанд, аммо дар амал онҳо дар ташаккули мавқеи як давлати мушаххас дар робита ба маҳдудиятҳои иҷозаи таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба мундариҷа ва рушди қонунгузории миллӣ дар ҷаҳон бартарӣ доранд. Инро, дар навбати худ, бо он шарҳ додан мумкин аст, ки монизм зарурати комилан бевосита дар ҳуқуқи дохилидавлатӣ татбиқ намудани унсурҳои ҳуқуқи байналмилалиро асоснок мекунад ва дуализм сабабҳои имконнопазирии инро ошкор месозад.

Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ на низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва на низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ эътибори ҳамдигарро ҳамчун низом муайян намекунанд. Онҳо метавонанд танҳо меъёрҳои инфиродии ҳамдигарро дар соҳаҳои худ эътироф кунанд ё эътироф накунанд.

6. Татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрсамта буда, доираи васеи масъалаҳоеро, ки дар рафти фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба миён меояд, дар бар мегирад. Таъмин ва танзими тартиби татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далели он аст, ки Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои байналмилалиро эътироф намудааст ва ба тасвиб расонида, кӯшиш мекунад, ки риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, уҳдадориҳои байналмилалии худро дар кишвар таъмин намояд [6-М]. Ҳамзамон дар рафти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ бояд дар асоси меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад.

7. Ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ бевосита таъсир расонида, самт ва динамикаи рушди онро муайян мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар рушди низоми

ҳуқуқии дохилидавлатӣ, инчунин дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонишавии башарият нодида гирифт. Ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ҳамеша нақши асосиро мебозад ва ба қонунгузории миллии он давлатҳое, ки худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ҳамеша таъсир мерасонад. Аммо дар шароити муосир, дар пасманзари муқовимати геополитикии байни давлатҳои абарқудрати ҷаҳон принсипҳо ва равишҳои нав ба шаклу механизмҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ зарур аст. Ин бояд ба принсипҳои ба назар гирифтани манфиатҳои миллӣ асос ёбад. Дар ин бора дар сатҳи ҳам доктриналӣ ва ҳам илмӣ-амалӣ суханҳои зиёд ироа мешаванд. Бархе аз кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон онро дар асноди барномавӣ, аз ҷумла дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сабт кардаанд [5-М].

8. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ чун ду низоми мустақили ҳуқуқӣ эътироф карда шуда бошанд ҳам, аммо онҳо дар робитаи зичи байниҳамдигарӣ қарор доранд. Ин ду низом ҳарчанд дорои мустақилият ва як қатор махсусиятҳои худ мебошанд, аммо дар алоҳидагӣ онҳо арзи вуҷуд дошта наметавонанд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир дар раванди равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ давлат аз манфиатҳои миллӣ баромада, пеш аз ҳама дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ба низомҳои ҳуқуқии миллӣ бояд такя кунад. Дар навбати худ ин дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ вазифаи аз нав дида баромадани шаклу механизмҳои ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ба миён меояд, ки дар миёнаҳои асри XX таҳия шуда, ба фикри мо, дигар қобилияти танзими муносибатҳои нави иҷтимоии неруи давлатҳоро надоранд. Имрӯз равшан аст, ки он принсипҳо ва механизмҳои равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ наметавонанд ба муносибатҳои байналмилалии асри XXI таъсир расонанд [5-М].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

